Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор.

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

ОМӮЗГОР

№16 (12550)
23 апрели
соли 2026

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

ДАР ПАРТАВИ ПАЁМ



РОҲНАМОИ РУШДИ УСТУВОР

Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ (16 декабри соли 2025) бо хусусиятҳои хос, навгониҳо, мазмуну муҳтаво, вазифагузорӣ ва ҳадафҳои дурбинона аз Паёмҳои қаблӣ тафовут дорад.

Якум, дар оғоз Пешвои миллат доир ба рӯйдодҳои муҳим ва таърихии мамлакат дар соли 2025, ки боиси ифтихор ва сарфарозии тамоми шаҳрвандони кишвар маҳсуб меёбанд, ибрози андеша намуданд. Ин рӯйдодҳои муҳим дар фазои суботу ором, ба таври шаффоф гузарондани маъракаи сиёсии интихоботи вакилони мардумӣ дар ҳамаи сатҳҳои мақомоти намояндагӣ ва қонунгузории кишвар, ҳалли пурраи масъалаҳои сарҳадӣ бо Қирғизистон, баимзорасии шартномаи дӯстии абадӣ оид ба нуқтаи пайвастшавии сарҳади се кишвар – ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон таҳти унвони Эъломияи Хуҷанд, инчунин, дар сатҳи байналмилалӣ пазируфта шудани пешниҳодҳои созандаи Тоҷикистон мебошад.

Дуюм, ҳифз ва ба ҷаҳониён муаррифӣ намудани таъриху фарҳангӣ шашҳазорсолаи тоҷикон маҳсуб меёбад. Дар Паём Сарвари давлат иброз доштанд, ки соли 2025 ба Феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ёдгориҳои мероси фарҳангии Хуттали қадим, қатъномаҳо доир ба эътирофи шаҳри Панҷакент ҳамчун «Шаҳри ҷаҳонии ҳунарҳои дастӣ барои дӯзандагӣ», бузургдошти 1050-солагии Робиаи Балхӣ дарели ҷойгоҳи хоссаи меросу арзишҳои фарҳангиву маънавии мо дар тамаддуни умумибашарӣ мебошад. Бо ташаббуси Тоҷикистон 6 ноябри соли 2025 қабул гардидани қатънома ва танзими ҳамоишҳо зери унвони «Устувонаи Куруш: Эъломияи ибтидоии ҳуқуқи гуногунрангии фарҳангӣ» чун аввалин эъломияи ҳуқуқи башар дар таърихи инсоният боиси ифтихору сарбаландии миллати ориёии мо мебошад. Ба соҳаи рушди бостоншиносӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, барои қабули қонуни алоҳида дар танзими ин соҳаи муҳим дастур дода шуд. Ҳамчунин, супориш дода шуд, ки бо дарназардошти саҳми таърихии Борбади Марвазӣ дар рушди фарҳанги ҷаҳонӣ, вазоратҳои корҳои хориҷӣ ва фарҳанг чиҳати ба Феҳристи шахсиятҳои барҷастаи фарҳангии ЮНЕСКО ворид намудани номи ӯ тадбирҳои зарурӣ андешанд. Бунёди Маркази тамаддуни ориёӣ ва Маркази байналмилалии Наврӯз дар пойтахти Ватанамон – шаҳри Душанбе барои ҳифзу гиромидошти таъриху фарҳанг ва тамаддуни тоҷикон нақши муҳим мебозад.

Сеюм, таҳлили амиқи рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар, амалигардии ҳадафҳои стратегӣ, барномаи миёнамуҳлати Стратегияи миллии рушд то соли 2030 ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ дар муқоиса бо даҳ соли қаблиро дарбар гирифт. Дар тӯли даҳ сол 26 фоиз зиёд гардидани аҳолии кишвар, аз 70 ба 77 сол расидани дарозумрии аҳолӣ ва 19 фоиз коҳиш ёфтани сатҳи камбизоатӣ дарели равшани баланд гардидани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар мебошад.

Чорум, таваҷҷуҳи хосса ба соҳаи кишоварзӣ, рушди пахтакорӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ зоҳир гардида, таъкид шуд, ки дар тӯли даҳ соли охир сатҳи ҳифзу таъмини амнияти озуқаворӣ аз 60 ба 85 фоиз баланд гардидааст. Сарвари давлат ба кишоварзони мамлакат миннатдорӣ баён намуданд, ки бо вуҷуди тағйирёбии иқлим, ҳарорати баланди ҳаво ва хушксолӣ, хокбориҳои шадид софдилона заҳмат кашида, бозори истеъмолиро ба маҳсулоти хӯрока таъмин карданд.

Панҷум, дар соҳаҳои илму маориф бештар ба сифати тарбия, мутобиқгардонии таълим ба стандартҳои байналмиллалӣ, рушди илмҳои дақиқ, зеҳни сунъӣ, натиҷагирӣ аз низоми кредитии таълим, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, ба китобҳонӣ ҷалб кардани хонандагон, омода кардани мутахассисони ҷавобгӯй ба талаботи замон, таълиму тарбияи дурусти фарзандон, худшиносиву худогоҳии миллии онҳо таваҷҷуҳ зоҳир гардид.

Шашум, таваҷҷуҳ ба занон, ҷавонон, маъюбон, гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон, касбомӯзӣ ва таъмин кардан ба шуғли доимӣ самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ маҳсуб меёбад.

Ҳафтум, нақши муҳимми қонунгузорӣ дар амалӣ гардидани ҳадафҳои стратегии кишвар, таъмини рушди устувору босуръати он, амнияти ҷомеа ва давлат, таҳкими сулҳу субот муҳим арзёбӣ гардид. Мубориза бар зидди терроризму экстремизм, радикализм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷиноятқориҳои муташаккили фаромиллиро ҳамчун вазифаи ҷонии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар шароити ноорому бухронии ҷаҳони муосир таъкид намуданд.

Ҳаштум, мавқеи устувори ҷумҳуриамон дар сиёсати хориҷӣ ҳамчун кишвари ташаббускор дар сатҳи байналмилалӣ муаррифӣ гардид.

Нуҳум, Паёми навбатии Сарвари давлат ҷанбаҳои мафкуравии мутобиқ ба вазъи ҷаҳони муосирро доро буда, моро ба таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ, сулҳу субот, масъулияти баланди шаҳрвандӣ, ҳифзи ҷомеа аз мафкураҳои экстремистӣ, хурофоту бегонапарастӣ, дастгирии қишрҳои ниёзманд, тарбияи маънавӣ, фарҳанги сиёсӣ ва маърифати ҳуқуқӣ, эътимоду боварӣ ба ояндаи дурахшони кишвар дар руҳияи созандагиву бунёдкорӣ ҳидоят менамояд.

Даҳум, Пешвои миллат ба ифтихори ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ тамоми сокинони кишварро барои вусъат додани корҳои созандагиву ободкорӣ, баланд бардоштани руҳияи миллӣ, ҳувияи миллӣ, худогоҳиву хештаншиносӣ, ватандӯстӣ, корҳои хайру савоб ва масъулиятшиносӣ даъват намуда, соли 2026-ро «Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияти таҳкими худшиносиву худогоҳӣ» эълон намуданд.

Шавкат ШАРИФОВ,
Иброҳим ҶАББОРЗОДА,
устодони ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

ДАР ИН ШУМОРА



Илми мо ба оламиён чӣ дод? 4-5





«Намунаи адабиёти тоҷик» ва ташаккули шуури миллӣ 6-7

Фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи сари вақт омода намудани муассисаҳои соҳаи маорифи ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2026-2027 8-9

Офарандагон ва тарғибгарони зебоӣ 10

ТАВАҶҶУҲ

Агар хоҳед, ки аз навовариҳои соҳаҳои маориф ва илм огоҳ бошед, асноду ҳуҷҷатҳои соҳаро сари вақт дастрас намоед, аз дастовардҳои хонандагони тоҷик иттилоъ ёбед, маводу матолиби судмандро доир ба соҳа мутолиа намоед, ҷолибтарин нигоштаҳоро оид ба умдатарин масоили рӯз биомӯзед, пас ба саҳифаи расмии вазорат дар шабакаҳои иҷтимоии Facebook ва Telegram – «Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» пайваст шавед.

QR – коди саҳифаи расмии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шабакаҳои иҷтимоии Facebook ва Telegram.

FACEBOOK TELEGRAM

Почтаи электронии «Омӯзгор»: n.omuzgor@maorif.tj
Телефон барои тамос: 225-81-55

Зи хоин дур бош, эй дӯст, ҳамвор,
Ки хоинро набошад дил ба як бор.
Носири Хусрав

НАВИД

ҲАФТАИ ВАЗОРАТ



Мулоқот бо фаъолони ноҳияҳои минтақаи Рашт ва шаҳри Роғун

17 апрел дар Қасри фарҳанги ноҳияи Рашт вохӯрии муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ бо фаъолони ноҳияҳои минтақаи Рашт ва шаҳри Роғун доир гардид.

Чорабинии мазкур бо мақсади баррасии масъалаҳои муҳимми сиёсати давлатӣ ва тақвияти корҳои фаҳмондадиҳӣ доир гардид.

Дар чорабинӣ масъалаҳои татбиқи самараноки Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм, пешгирии ҳамроҳшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати сиёсиву ҳуқуқии шаҳрвандон ва тақвияти корҳои тарбиявӣ ва таҳкими ҳамкории сохторҳои давлатӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ, таҳкими худшиносии миллӣ, эҳтиром ба арзишҳои фарҳангӣ, тарбияи насли ватандӯсту худогоҳ ва баланд бардоштани масъулияти шаҳрвандиро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Таъкид гардид, ки рушди ҷомеа ва пешрафти давлат аз сатҳи маърифату дониши насли ҷавон вобастагии мустақим дорад. Аз ин рӯ, бояд ба соҳибкасб гардидани ҷавонон, бахусус, дохил шудани духтарон ба донишкадаю донишгоҳҳо аҳаммияти ҷиддӣ дода шавад.

Инчунин, дар идомаи вохӯрӣ масъалаҳои марбут ба таҳкими ҳамкории мақомоти давлатӣ бо муассисаҳои таълимӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти беҳтар намудани раванди таълиму тарбия ва тарғиби арзишҳои миллӣ ба масъулини шаҳру ноҳияҳо дастуру супоришҳои мушаххас дода шуд.

Дар чорабинӣ ба масъалаи истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардид. Зикр шуд, ки ҳар шаҳрванди кишвар бояд дар ободии Ватан ва деҳаю маҳаллаш саҳми арзанда гузорад барои насли наврас намунаи ибрат бошад.

Дар доираи сафари корӣ муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ бо якчанд муассисаи таълимӣ ва муассисаҳои томактабии ноҳияи Рашт шинос шуд. Зимни боздид ҳолати фаъолияти муассисаҳои мазкур, шароити таълиму тарбия, сатҳи таъминот бо таҷҳизоти зарурӣ ва муҳити фароҳамгардида барои омӯзгорону кӯдакон мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтанд. Гуфта шуд, ки беҳтар намудани сифати таълим, фароҳамсозии шароити мусоиди кору таҳсил ва тақвияти заминаҳои моддию техникӣ аз самтҳои муҳимми фаъолияти минбаъда ба шумор меравад.

Баррасии рафти иҷрои барномаи давлатӣ



Дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода ҷаласаи корӣ вобаста ба рафти иҷрои «Барномаи давлатии рушди муассисаҳои соҳаи маорифи вилояти Хатлон барои солҳои 2022-2027» баргузор гардид.

Вазири маориф ва илм таъкид намуд, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ соҳаи маориф зери таваҷҷуҳи доимии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор гирифта, дар ин замина, баҳри рушди соҳа ва беҳтар намудани шароити таълиму тарбия тадбирҳои муҳимми амалӣ роҳандозӣ гардиданд. Бо мақсади бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта ва таъмини рушди устувори инфрасохтори соҳа як қатор барномаҳои давлатӣ қабул ва амалӣ гардида истодаанд.

Ин аст, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 31 октябри соли 2022) «Барномаи давлатии рушди муассисаҳои соҳаи маорифи вилояти Хатлон барои солҳои 2022-2027» ва нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии он тасдиқ гардида, ҳамчун санади муҳимми соҳавӣ ба беҳтарсозии вазъи муассисаҳои таълимии вилоят равона шудааст. Ҳамзамон, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 31 июли соли 2025) Нақшаи амали барномаи мазкур барои марҳилаи дуюм (солҳои 2025-2027) қабул шуд, ки татбиқи босамари он идома дорад.

Сардори раёсати сохтмони асосии вазорат Б. Файзуллозода оид ба рафти иҷрои барномаи мазкур маълумот пешниҳод намуда, зикр кард, ки дар доираи татбиқи барнома ҷиҳати бунёд ва азнавсозии муассисаҳои таълимӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди таълим, таъмини муассисаҳо бо инфрасохтори зарурӣ ва бартараф намудани норасоии ҷойҳои нишаст дар вилояти Хатлон корҳои назаррас анҷом дода шудаанд. Ҳамзамон, бо ҷалби маблағҳои буҷети давлатӣ ва сармояи хориҷӣ татбиқи як қатор лоиҳаҳои сохтмонӣ идома дошта, иҷрои бандҳои барнома марҳала ба марҳала таъмин гардида истодааст.

Дар идома, инчунин, масъалаҳои марбут ба таъмини муассисаҳо бо таҷҳизоти муосири таълимӣ, беҳтар намудани шароити моддию техникӣ, баланд бардоштани сатҳи хизматрасониҳои таълимӣ ва истифодаи самараноки имкониятҳои мавҷуда мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Вазири маориф ва илм дар ҷамъбаст таъкид намуд, ки баланд бардоштани сатҳи инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ ва фароҳам овардани шароити муосири таҳсил яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии соҳаи маориф маҳсуб ёфта, барои ноил гардидан ба ҳадафҳои барнома зарур аст, ки масъулин ҷиҳати иҷрои саривақтӣ ва босифати бандҳои он, истифодаи мақсадноки маблағҳо ва назорати ҷараёни корҳои сохтмонӣ тадбирҳои судманд андешанд.



Густариши ҳамкориҳо бо Донишгоҳи ал-Мустақбали Арабистони Саудӣ

16 апрели соли 2026 дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрии муовини якуми вазири маориф ва илм Ҳомид Ҳошимзода бо намояндагони Донишгоҳи ал-Мустақбали Арабистони Саудӣ баргузор гардид.

Дар мулоқот директори Маркази барномаҳои байналмилалӣ Р. Одиназода ва аз ҳайати меҳмонон доктор Исом Ҳусейн Маттар, проректор оид ба таҳсилоти баъдидипломӣ ва тадқиқоти илмӣ, Ракон Саъд Ал-Обедан ва доктор Абдулмаҷид Аш-Шитайвӣ, аъзои Шурои сарпарастони донишгоҳ иштирок намуданд.

Муовини якуми вазир зимни ифтитоҳи вохӯрӣ таъкид намуд, ки ҳамкориҳо дар соҳаҳои маориф ва илм миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дорои заминаи устувори ҳуқуқӣ мебошанд. Оғози ҳамкориҳо ба имзои Ёддошти тафоҳум байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати таҳсилоти олии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар соли 2016 рост омада, дар доираи он ҷонибҳо ҷиҳати густариши табодули барномаҳои таълимӣ, таҳқиқоти илмӣ, мубодилаи устодону донишҷӯён ва рушди ҳамкориҳои академӣ заминаи мусоид фароҳам овардаанд.

Дар ҷараёни мулоқот масъалаҳои марбут ба рушди ҳамкориҳои дуҷониба, аз ҷумла, ҷалби донишҷӯёни тоҷик ба Донишгоҳи ал-Мустақбал, ҷудо намудани бурсияҳои таҳсилӣ, сода намудани расмиёти қабул, инчунин, роҳандозии барномаҳои муштараки таълимӣ ва табодули академӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Директори Маркази барномаҳои байналмилалӣ оид ба имкониятҳои таҳсил дар хориҷи кишвар, тартиби интихоби довталабон ва густариши ҳамкориҳо бо донишгоҳҳои хориҷӣ ибрози назар намуда, ба масъалаи зиёд намудани бурсияҳо ва фароҳам овардани шароити мусоид барои донишҷӯёни тоҷик таваҷҷуҳи хосса зоҳир кард.

Ҷонибҳо, ҳамзамон, масъалаҳои рушди ҳамкориҳо дар самтҳои афзалиятнок, аз ҷумла, таҳсилоти баъдидипломӣ, тадқиқоти илмӣ, табодули таҷриба дар соҳаҳои тиб, технология ва идоракунӣ, инчунин, ташкили курсҳои такмили ихтисос ва омӯзиширо баррасӣ намуданд.

Намояндагони Донишгоҳи Ситии Малайзия дар вазорат

16 апрели соли 2026 дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрии муовини вазири маориф ва илм Лутфия Абдулхолиқзода бо намояндагони Донишгоҳи Ситии Малайзия баргузор гарди, ки дар он муовини директори Маркази барномаҳои байналмилалӣ Т. Баҳриддин ва намояндаи раёсати муносибатҳои байналмилалии вазорат иштирок намуданд.



Муовини вазир таъкид намуд, ки ҳамкориҳо дар соҳаҳои маориф ва илм миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Малайзия дорои заминаи устувори ҳуқуқӣ ва таҷрибаи мусбати ҳамкорӣ мебошанд. Зикр гардид, ки оғози ин раванд ба имзои ёддошти тафоҳум байни ҳукуматҳои ду кишвар дар соли 2014 рост омада, баъдан ҳамкориҳо бо як қатор донишгоҳҳои бонуфузи Малайзия густариш ёфтанд.

Қайд шуд, ки ҳоло донишҷӯёни тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Малайзия таҳсил намуда, ҳамзамон, омӯзгорону муҳаққиқони тоҷик дар барномаҳои гуногуни байналмилалӣ, семинару конфронсҳо ва курсҳои такмили ихтисос фаъолона иштирок мекунанд.

Ҷонибҳо зимни мулоқот масъалаҳои густариши ҳамкориҳои дуҷониба дар самти таҳсилоти олӣ, роҳандозии барномаҳои муштараки таълимӣ, табодули донишҷӯён ва омӯзгорон, инчунин, татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар соҳаҳои афзалиятнок, аз ҷумла, зеҳни сунъӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва сайёҳиро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Ҳамзамон, пешниҳод гардид, ки бо мақсади баланд бардоштани сатҳи касбии кадрҳо, ташкили курсҳои забономӯзӣ, барномаҳои такмили ихтисос ва омӯзиши таҷрибаи пешқадами Малайзия барои омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф ба роҳ монда шавад.

Муовини вазир, инчунин, аз иштироки фаъолонаи донишгоҳи мазкур дар сеюмин Фестивал-намоишгоҳи байналмилалии донишгоҳҳои давлатҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2026 ёдовар шуда, онро заминаи муҳим барои таҳкими робитаҳои минбаъда арзёбӣ намуд.

Дар навбати худ намояндагони донишгоҳ омодагии худро ҷиҳати густариши ҳамкориҳои судманд бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳандозии барномаҳои муштарак ва тақвияти табодули академӣ изҳор доштанд.

4-5 июн дар ноҳияи Муъминобод таҳти унвони «Хатлон – сарзамини тамаддунҳо ва саёҳат» форум ва намоиши байналмилалии сайёҳӣ баргузор мегардад.

ҲАФТАИ ВАЗОРАТ

Давраи асосии арзёбии байналмилалии PIRLS - 2026

Дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Нақшаи амали Стартегияи миллии арзёбии сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2044 дар солҳои 2025-2027 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №5-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе марҳалаи асосии арзёбии байналмилалии PIRLS - 2026 оғоз гардид.

Дар он муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Равшан Каримзода, муовини якуми директори Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдулбосит Шодиниё, мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Фирдавсӣ, намояндагони лоиҳаи «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат» ва дигар шахсони масъул иштирок намуданд.

Арзёбии байналмилалии PIRLS - 2026 аз 14 апрел то 6 майи соли ҷорӣ дар 171 муассисаи таҳсилоти умумии 52 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо иштироки зиёда аз 6940 нафар хонандаи синфҳои чорум баргузор мегардад.

Ҳадафи асосии баргузории арзёбии байналмилалии PIRLS - 2026 муайян намудани сатҳи саводнокии хониш ва дараҷаи дарки матни хондашуда дар байни хонандагони синфҳои чорум ба ҳисоб меравад. Ин арзёбӣ имкон медиҳад, ки қобилияти таҳлил, хулосабарорӣ ва истифодаи амалии иттилооти хондашуда ба таври объективӣ баҳо дода шавад. Ҳамзамон, он ба муайян намудани сатҳи омодагии хонандагон ба таҳсили минбаъда ва рушди тафаккури интиқодӣ мусоидат менамояд.

Натиҷаҳои бадастомада барои муқоисаи низоми маорифи кишвар бо стандартҳои байналмилалӣ ва муайян намудани мавқеи он дар арсаи ҷаҳонӣ замина фароҳам меоранд. Инчунин, арзёбӣ барои такмили барномаҳои таълимӣ, беҳтар намудани сифати китобҳои дарсӣ ва баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон мусоидат мекунад. Дар маҷмуъ, PIRLS - 2026 ҳамчун як воситаи муҳимми таҳлилӣ ба баланд бардоштани сифати таҳсилот ва рушди устувори соҳаи маориф хизмат менамояд.



***

16 апрели соли 2026 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе дар доираи арзёбии байналмилалии PIRLS - 2026 чорабинии муҳимми санҷиши сатҳи саводнокии хонандагон баргузор гардид.

Чорабинӣ дар доираи татбиқи лоиҳаи «Муҳити таълим – асоси таҳсили босифат», ки дар назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардида, бо дастгирии Бонки ҷаҳонӣ маблағгузорӣ мешавад, роҳандозӣ гардида, ба баланд бардоштани сифати таҳсил ва мутобиқ намудани низоми маориф ба стандартҳои байналмилалӣ равона шудааст.

Дар рафти арзёбӣ 91 нафар хонандаи синфҳои 4 иштирок намуда, сатҳи фаҳмиши матн, қобилияти таҳлил, хулосабарорӣ ва малакаҳои хондану дарки мазмунро нишон доданд.

Дар арзёбии мазкур, дар маҷмуъ, 144 нафар хонандаи синфҳои 4-и муассисаҳои таълимии ноҳияи Исмоили Сомонӣ иштирок доранд.

Қобили зикр аст, ки арзёбии PIRLS яке аз барномаҳои муҳимми байналмилалӣ ба ҳисоб рафта, ҳар панҷ сол як маротиба баргузор гардида, имконият фароҳам меорад, ки кишварҳо сатҳи саводнокии хонандагони худро дар муқоиса бо меъёрҳои ҷаҳонӣ муайян намоянд.

Зимни баргузории чорабинӣ мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Исмоили Сомонӣ Ҷамшед Маҳмидзода аз ҷараёни раванди арзёбӣ дидан намуда, ба сатҳи ташкил ва иштироки хонандагон баҳои мусбат дод. Мавсуф таъкид намуд, ки чунин арзёбиҳо дар рушди малакаҳои хонандагон, такмили усулҳои таълим ва баланд бардоштани масъулияти омӯзгорон нақши муҳим доранд.

Бояд қайд кард, ки иштироки муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе дар чунин барномаҳои байналмилалӣ ба таҳкими мавқеи низоми маорифи миллӣ мусоидат намуда, заминаи мусоидро барои татбиқи таҷрибаҳои пешқадами ҷаҳонӣ фароҳам меорад.

Дар маҷмуъ, баргузории арзёбии PIRLS - 2026 боз як қадами устувор дар роҳи баланд бардоштани сифати таҳсил ва рушди зеҳнии хонандагон арзёбӣ мегардад.

***

Бо дастгирӣ ва таваҷҷуҳи доимии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарм Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати рушди соҳаи маориф ва илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутобиқ намудани низоми таҳсилот ба меъёрҳои байналмилалӣ тадбирҳои муҳимму саривақтӣ амалӣ гардида истодаанд. Яке аз чунин иқдомҳои муҳим иштироки кишвар дар арзёбиҳои байналмилалӣ, аз ҷумла, арзёбии PIRLS - 2026 мебошад.

Дар идомаи баргузории давраи асосии арзёбии байналмилалии PIRLS - 2026 миёни хонандагони синфҳои 4-ум, ки аз 14 апрел то 6 майи соли ҷорӣ дар 171 муассисаи таҳсилоти умумии 52 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба нақша гирифта шудааст, 17 апрели соли 2026 вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода, муовини вазири маориф ва илм Б. Музаффарзода, директори Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Ҷаъфарзода, сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, намояндагони лоиҳаи «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат» ва дигар шахсони масъул дар литсейи №4 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе иштирок намуданд.

Татбиқи арзёбии PIRLS - 2026 дар доираи лоиҳаи «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат» ба таври самаранок ба роҳ монда шуда, ҳадафи он фароҳам овардани шароити мусоиди таълимӣ, такмили муҳити омӯзиш ва баланд бардоштани сатҳи дастрасии хонандагон ба захираҳои таълимӣ мебошад. Дар ин самт, истифодаи усулҳои муосири таълим, технологияҳои иттилоотӣ ва рушди қобилияти тафаккури интиқодии хонандагон низ тақвият дода мешавад.

Зикр гардид, ки натиҷаҳои арзёбии PIRLS - 2026 барои муайян намудани вазъи воқеии сатҳи саводнокии хонандагон, такмили барномаҳои таълимӣ ва таҳияи сиёсати минбаъдаи соҳа заминаи муҳим фароҳам меоранд. Ҳамзамон, ин раванд имконият медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи худро дар муқоиса бо кишварҳои дигар муайян намуда, таҷрибаи пешқадамро дар низоми миллии маориф ҷорӣ намояд.

Дар маҷмуъ, иштироки фаъолона дар арзёбиҳои байналмилалӣ ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ бозгӯи таваҷҷуҳи пайвастаи Роҳбарияти давлат ва Ҳукумати кишвар ба рушди устувори соҳаи маориф ва баланд бардоштани сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мегардад.



Ғолибияти хонандагони тоҷик дар олимпиадаи байналмилалӣ

Аз 8 то 13 апрели соли 2026 дар шаҳри Ашқободи Ҷумҳурии Туркманистони 3-юмин Олимпиадаи байналмилалии математикии Туркманистон баргузор гардид.

Дар он 28 нафар хонандаи тоҷик иштирок намуда, сазовори 15 медал, аз ҷумла, 3 медали тилло, 4 медали нуқра ва 8 медали биринҷӣ гардиданд.

Олимпиада аз ҷумлаи сабқатҳои сатҳи баланд ба ҳисоб рафта, дар он хонандагони зиёда аз 15 давлати ҷаҳон иштирок намуданд.

Дар доираи татбиқи сиёсати маорифпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва бо мақсади беҳтар намудани шароити таълиму тарбия дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №72-и ноҳияи Ёвон сохтмони бинои иловагӣ иборат аз 16 синфхонаи таълимӣ барои 800 хонанда дар ду баст оғоз гардид.

Дар маросими оғози сохтмон раиси ноҳияи Ёвон Икромиддин Вализода, роҳбарону кормандони соҳаи маориф ва фаъолон иштирок намуданд.

Таъкид гардид, ки иқдоми мазкур бо саҳми соҳибкори ватандӯст Акбар Асадулло амалӣ гардида, намунаи равшани шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар рушду пешрафти соҳаи маориф ба ҳисоб меравад. Иншооти мазкур тибқи нақшаи лоиҳаи сохтмонӣ то ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ сохта, мавриди баҳрабардорӣ қарор дода мешавад.

Раиси ноҳия иброз намуд, ки бо дастгирии сиёсати давлатӣ ва ҷалби соҳибкорони маҳаллӣ тадриҷан мушкилоти норасоии синфхонаҳо бартараф гардида, барои хонандагон шароити муосири таҳсил фароҳам оварда мешавад.

Ҳамзамон, таъкид карда шуд, ки бинои нави иловагӣ дорои синфхонаҳои замонавӣ буда, ба беҳтар гардидани сифати таълим ва фарогирии бештари хонандагон мусоидат менамояд.

Соҳибкори маҳаллӣ Акбар Асадулло, дар баробари бунёди иншооти мазкур, барои сохтмони бинои нави иловагӣ дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №69 ва дигар муассисаҳои таълимии ноҳия низ саҳмгузорӣ менамояд.

Сохтмони бинои иловагии мактаб



Бунёди кӯдакистон барои 280 нафар

Ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Вахш корҳои созандагию ободонӣ вусъат меёбанд. Дар Ҷамоати шаҳраки Вахш сохтмони кӯдакистон барои 280 нафар идома дорад. Сохтмончиён кӯшиш доранд, ки онро дар муҳлати муайяншуда бо сифати баланд ба анҷом расонанд.

Бунёди чунин муассисаҳо яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ба шумор рафта, ба рушди соҳаи маориф ва беҳтар намудани сатҳи хизматрасонӣ ба аҳолӣ мусоидат менамояд.

Аз раият касе, ки мол рабуд,
Гил зи пай баргирифту бом андуд.
Саъдии Шерозӣ

РӮЗИ ИЛМИ ТОҶИК

Илми мо ба оламиён чӣ дод?

Миллати тоҷик бо илму фалсафа, ҳикмату мантиқ, фарҳангу санъат ва дигар суннатҳои волои миллии худ аз қадим шуҳраи офоқ гардида буд.

Миллати тоҷик дар дарозои таърих нобиғаҳоеро тарбия карда ба воя расонид, ки онҳо бо илму дониши худ аҳли Замину замонро ҳайратзада мекунанд. Дар ин даврони сарнавиштсоз рӯ овардан ба фарҳанги маънавии ниёгон аҳаммияти беш аз пеши назариявию амалӣ пайдо менамояд. Дар ин матлаб оид ба якчанд донишмандони гузаштаи миллати тоҷик маълумоти мухтасар пешниҳод мекунем.



Муҳаммади Хоразмӣ аз намоёнтарин донишмандони табиатшиноси форсу тоҷик буда, бунёдгузори риёзиёти Хилофати Араб ва системаи ҳисоби даҳӣ мебошад. Маҳз тавассути осори Хоразмӣ системаи ҳисоби нуҳрақама дар алгебра роиҷ гардида, худи вожаи алгебра аз номи асари ӯ «Китоб-ул-ҷабр ва л-муқобала» ва мафҳуми алгоритм, ки аз истилоҳҳои асосии ҳисоббарорист, аз шакли лотинишудаи номи ин олими тоҷик гирифта шудааст. Хоразмӣ ҷадвали пурраи тригонометриро коркард кардааст, ки дар он функсияҳои синус, косинус, тангенс ва котангенс инъикос ёфтаанд. Дар асрҳои XII ва XIII дар асоси китобҳои Хоразмӣ корҳои лотинии «Carmen de Algorismo» (Александр аз Вилдё) ва «Algorismus vulgaris» (Иоанн Сакробоско) навишта шудаанд. То асри XVI тарҷумаи китобҳои ӯ доир ба арифметика дар донишгоҳҳои бонуфузи аврупоӣ ҳамчун китобҳои асосӣ доир ба математика ба ҳисоб мерафтанд.

Аҳмади Фарғонӣ аз мунаҷҷимон, риёзидонон ва ҷуғрофидонони аввалини тоҷик буда, яке аз нахустустурлобҳоро (дастгоҳ барои муайян кардани ҷойгиршавии ҷирмҳои кайҳонӣ ва масофаи байни онҳо) сохт ва кусуфу мавҷудияти додҳоро дар Офтоб пешгӯӣ кард. Ӯ курашакл будани Заминро собит намуда, ба 7 минтақаи иқлимӣ тақсим шудани сатҳи онро аз Шарқ ба Ғарб бо координатаҳои дақиқ нишон додааст. Ҳамчунин, бо номи «миқёси ҷадид» асбобе сохтааст, ки онро барои чен кардани оби дарёи Нил истифода мекарданд ва он имрӯз бо номи «нилометр» маълум аст. Фарғонӣ ахтарёберо сохтааст, ки ҷойгиршавии ҷирмҳои осмонӣ ва масофаи байни онҳоро муайян мекардааст. Дар бораи дастгоҳи мазкур рисолаи илмӣ навишта, соли 861 дар ҷазираи Рауди наздикии Қоҳира нилометрро барқарор кардааст. Асбоби мазкур барои ҳисоби гуногунобии дарёи Нил ва пешгӯии обхезӣ дар замони сохтмони дарғоти Асуан истифода бурда шудааст, ки то имрӯз шуҳрати худро гум накардааст ва яке аз ёдгориҳои пойтахти Миср ба ҳисоб меравад. Ӯ илман исбот намудааст, ки Замин курашакл аст, дарозтарин ва кӯтоҳтарин рӯзи сол (22 июн ва 23 декабр)-ро бо роҳи ҳалли математикӣ ва доғҳои рӯйи офтобро исбот намуда, гирифти офтоби соли 832-ро пешгӯӣ кардааст

Закариёи Розӣ аз мутафаккирони камшуморест, ки дар донистани тамоми илмҳои замон, бештар аз ҳама доир ба улуми табиатшиносӣ, махсусан, тиб ва кимиё дасти қавӣ дошт ва дар Аврупо бо номҳои «Abubater» ё «Razes» маълум аст. Розӣ аввалин донишмандест, ки оид ба илми кимиё нахустин озмоишгоҳро таъсис дод, ҳамчунин, дар бораи тибби амалию назарӣ ва сохтани шифохонаҳо саҳми бузург дошт. Бинобар ин, бо тахаллуси «табиби мористонӣ» (талафузи арабии «бемористон») маъруф аст. Ӯ қариб 238 китоб ва рисола навиштааст. Мутаассифона, қисмати бештари онҳо несту нобуд гардида, имрӯз фақат 30 ҷилд аз осори ӯ боқӣ мондааст, ки аксарияташон ба забони арабӣ нигошта шудаанд. Осори Закариёи Розӣ аз 164 то 234 номгӯй асари хурду калонро ташкил медиҳад. Мероси ба тиб бахшидаи ӯ зиёда аз 60 китобу рисоларо дар бар мегирад. Ба муҳимтарин асарҳои энсиклопедии донишманд «Китоб-ул-ҳовӣ» ва «Китобут-тиб-ул-Мансурӣ» дохил мешавад. Китоби якуми номбаршуда аз 30 ҷилд иборат буда, тамоми шохаҳои тибби назариявӣ ва амалиро дар бар мегирад. Дар китоби мазкур назария ва комёбиҳои пешқадами илми тибби қадимаи юнонӣ, ҳиндӣ, арабӣ, форсиву тоҷикӣ ва таҷрибаи амалии худи ҳаким гирд оварда шудааст. Ин асар соли 1279 ба забони лотинӣ тарҷума ва соли 1486 нусхаи чопии он дастраси аврупоиён гардид. Такроран ин шоҳасар ба забони лотинӣ боз ду маротиба дастраси табибону донишмандони мамолики зиёди ҷаҳон мегардад. Асари дигари Закариёи Розӣ «Китоб-ул-ҷадори вал хасба» (китоби нағзак ва сурхак) бо забони лотинӣ, юнонӣ, англисӣ ва немисӣ тарҷума шуда, 49 маротиба пайи ҳам нашр гардидааст.

Абумаҳмуди Хуҷандӣ аз ихтироъкорон, мунаҷҷимон ва риёзидони номвари тоҷик аст, ки ба навиштаи аллома Берунӣ, дар сохтани устурлоб ва тайёр намудану ихтирои дигар асбобҳои нуҷумӣ фарди фавқулода ва ягонаи замон будааст. Маҳз бо асбоби сохтаи худ бори аввал қимати майли мадори (эклиптика) Офтобро 23°32’21 муайян кард, ки ин бузургӣ аз рӯйи формулаи астрономи амрикоӣ Саймон Нюком 23°34’13 аст. Дар баробари нуҷум, дар риёзӣ низ дасти қавӣ дошта, теоремаи машҳури математикаи муосирро, ки бо номи теоремаи Ферма маъмул аст, 600 сол қабл аз ӯ Абумаҳмуди Хуҷандӣ ибтидо гузошта буд. Ҳамчунин, дар илми мусалласот (тригонометрия) теоремаи синусиро барои секунҷаи сферавӣ исбот кард, ки он ба ҳалли бархе масоили астрономияи сферавӣ ибтидо гузошт.

Абурайҳони Берунӣ аз намоёнтарин мутафаккиру донишмандони тоҷик буда, оид ба ҳама илмҳои замон, махсусан, улуми табиатшиносӣ дониши мукаммал доштааст. Далели ин гуфта он аст, ки Берунӣ қариб дар ҳама соҳаҳои илм асар эҷод карда, ё назари илмиву фалсафии худро ба ину он масъала мушаххас баён намудааст ва ақоиди илмию фалсафиаш бештар ҷанбаи табиатшиносӣ, яъне, назароти натурфалсафӣ доштааст. Ӯ бисёр масоили физикию табиатшиносиро, ки бо фалсафа қаробат доранд, аз ҷумла, масъалаи ҳаракат, афтиши озоди ҷисмҳо дар фазо, аз гармӣ васеъ шудани ҷисмҳо, дарки манбаи нурҳои кайҳонӣ, таъсир ва мақоми нури Офтоб ва ҳоказоро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Ба андешаи Берунӣ, манбаи асосии муваффақияти илм танҳо дар асоси таҷрибаю мушоҳида ба даст меояд ва ҳамин аст, ки бо хидматҳои илмию эҷодӣ фарҳанги миллати тоҷикро машҳури ҷаҳон гардонид.

Абуалӣ ибни Сино машҳуртарин олим, табиб, шоир ва донишманди тоҷик дар арсаи ҷаҳон. Ҳарчанд ҷаҳонбинии Пури Сино идеалистӣ бошад ҳам, назарияи маърифатии ӯ тамоюли материалистӣ дорад. Аз ин ҷост, ки ин нобиға дар рушди қисми зиёди илмҳои замонаш саҳми бузург гузошта, аз ҷумла, барои пешрафти ул-улуми дорушиносию дорусозӣ беш аз 811 навъ доруҳои наботӣ, ҳайвонӣ ва маъданиро тавсиф додааст, ки 70 навъи доруҳои ихтироъкардааш то ба имрӯз ҳам дар тибби ҷаҳонӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор доранд. Саҳми Пури Сино, махсусан, дар рушди илми тиб бағоят бузург буда, шуҳрати ӯ то ҷое расидааст, ки дар як китоби дарсӣ (соли 1471) мураттиб ба Гиппократ ҳамагӣ 150 бор, ба Ҷолинус 500 ва ба Пури Сино 3000 дафъа муроҷиат кардааст. Ва ё олим Фарарри де Гардо (соли 1469) дар шарҳи «Китоби ҷадиди Мансурӣ»-и Закариёи Розӣ аз Букрот 150 маротиба, аз Розӣ ва Ҷолинус 500 борӣ ва аз Сино беш аз 3000 маротиба ном бурдааст. Ҳамин тавр, Пури Сино дар умри кӯтоҳи худ беш аз 480 асар эҷод карда, дар аксар бахшҳои илм хизмати ҷаҳонӣ анҷом дод ва арҷгузории оламиён ба ин фарзанди фарзонаи миллат боиси ифтихору сарфарозии ҳар як тоҷик аст.

Умари Хайём дар таърихи илму адаби тоҷику форс ва ҷаҳон чун муаллифи рубоиҳои иҷтимоиву фалсафӣ машҳур аст. Мавзуи шеърҳои ӯ ҷуз васфи таззоди неку бад, ки муаммои назми классикии ҷаҳонист, тасвири таносуби озодии ирода ва тақдири инсон, ки барои инсон дар ҳама давру замон аз озодии ирода муҳим мебошад. Дар баробари ин, Хайём дар риёзиёт, нуҷум, ҳандаса ва ғайра дасти тавоно дошта, нақши ӯ дар ҳалли муодилоти дараҷаи сеюм ва мутолиоташ дар бораи асли панҷуми Уқлидус, номашро ба унвони риёзидоне барҷаста дар тарихи илм сабт кардааст. Тақвиме, ки Хайём дар заминаи ҳисобҳои риёзӣ ва мушоҳидоти нуҷумӣ мураттаб сохтааст, бо саҳеҳию дақиқии худ аз дигар тақвимҳо ба куллӣ фарқ мекунад ва дар давоми 4500 сол фақат як шабонарӯз тасҳеҳ металабад. Ҳамчунин, аз Хайём рисолаҳое хурд, вале арзишманде дар бахшҳои механика, гидростатика, ҳавошиносӣ, назарияи мусиқӣ ва ғайра низ бар ҷой мондааст.

Насириддини Тӯсӣ аз симоҳои бузурги илми ҷаҳонӣ ва ифтихори халқи тоҷик буда, саромади мутафаккирони асри XIII ба ҳисоб меравад. Ӯ бори аввал дар таърихи илми риёзӣ ададҳои мусбату манфиро дар асари худ «Шакл-ул-қита» пешниҳод кард, ки аврупоиён онро пас аз 400 сол кашф карданд. Тӯсӣ аввалин донишмандест, ки назарияи куравии ҳамворию чортарафа ва секунҷаи куравии қутбиро пешниҳод намудааст. Хидматҳои ӯ оид ба хатҳои мусовӣ тригонометрияро ба илми мустақил табдил дода, барои геометряи ғайриэвклидӣ замина фароҳам оварданд. Дастовардҳои Тӯсӣ доир ба шаклу андозаи Замин, ҳисоб кардани нуқтаи эътидоли баҳорию тирамоҳӣ, чен намудани кунҷи моили эклиптика ва экватор барои илм таҳқурсӣ гардиданд. Яке аз дастоварди бузурги олим дар соҳаи нуҷум қабл аз Кеплер пешниҳод кардани амсилаи ҳаракати сайёраҳо мебошад. Дар биология бошад, Тӯсӣ яке аз аввалинҳоест, ки ғояи таҳаввулотро иброз дошт ва тибқи таълимоти ӯ дар ибтидо танҳо унсурҳои аввалия ва тадриҷан аз онҳо маъданҳо, растаниҳо, ҳайвонот ва одамон пайдо шуданд. Гузашта аз ин, Тӯсӣ бо гурӯҳи донишмандон дар шаҳри Марока (соли 1259) расадхонаи калонтарини даврро бунёд кард, ки дар заминаи он академияи байналмилалии олимон ташкил шуд. Дар академия беш аз 100 олими миллатҳои гуногун бо роҳбарии ӯ тадқиқот мебурданд, инчунин, беш аз 10 намуд асбобҳои дақиқсанҷ сохта шуд.

Абулвафо Бузҷонӣ яке аз беҳтарин математик ва астрономҳои асрҳои миёнаи Шарқ шинохта шудааст. Донишҳои астрономии ин олими шинохта дар пайравии олими машҳур Клавдий Птоломей таълиф гардидаанд. Дар яке аз рисолаҳои ин олими нотакрор, маълумоти пурра дар бораи нобаробарии ҳаракати Моҳ омадааст, ки баъдан аз тарафи Тихо Браге кашф шуданд. Ҳангоми мушоҳидаҳои худ дар соли 998 гирифти Моҳро ӯ аз Бағдод ва Берунии ҷавон аз Урганҷ тӯли ин шаҳрҳоро дақиқан муайян кардаанд. Ҳамчунин, Бузҷонӣ функсияҳои тригонометрии тангенс ва котангенсро ҷорӣ намуда, ҷадвали онҳоро сохтааст, қимати синуси як дараҷа (градус)-ро дақиқан исбот кардааст. Ӯ аввалин шахсе мебошад, ки формулаи синуси ду кунҷро ҷорӣ намуда, ҳамроҳи олимони дигар, ба монанди Абумаҳмуди Хуҷандӣ ва Ибни Ирокӣ теоремаи синусҳоро барои секунҷаҳои сферикӣ исбот намудааст. Ӯ аввалин шуда исбот кард, ки дар сохтмон бо қутбнамо бо ҳалли собит ва ҳоким, шумо метавонед ҳамаи нуқтаҳоеро, ки бо қутбнамо ва ҳоким сохта мешаванд, созед.

Абдуллоҳи Марвазӣ яке аз чаҳраҳои шинохта дар илми математика ва нуҷум мебошад. Асарҳои оламшумули ин олими забардаст, қисман ҳам бошанд, то ба мо омада расидааст. Тибқи маълумоти таърихии илмҳои дақиқ, истилоҳҳои тангенс ва котангенсро аввалин маротиба дар тригонометрия Марвазӣ ворид намуда, ҷадвали ин функсияҳоро тартиб додааст. Ӯ усули муқаррарии ҳалли муодилаҳои трансентентиро, ки дар назарияи параллакс истифода мешавад, пешниҳод кардааст.

Абунаср Мансур Ироқии Ҷадӣ ситорашинос ва математики барҷастаи шогирди Абулвафо Бузҷонӣ ва дӯсти Абурайҳони Берунӣ будааст. Дар «Китоб оид ба сохтани гептагон» масъалаи сохтани гептагони муқаррариро ба ҳалли муодилаи кубӣ коҳиш

Ҷумҳурии Тоҷикистон раиси Иҷлосияи 60-уми Комиссияи СММ оид ба аҳолӣ ва рушд интихоб шуд.

РӮЗИ ИЛМИ ТОҶИК

додааст, пас аз он ин муодиларо бо ёрии қисматҳои конусӣ ҳал кард, ки барои он аз Умари Хайём ситоиши махсус гирифт. Ибни Ироқ дар таҳияи усулҳои тригонометрияи сферӣ саҳми назаррас гузоштааст. Вай шарҳи муфассали «Сферикӣ»-и Менелайро тартиб додааст. Дар «Китоб дар бораи теоремаҳои ҳамвор ва сферикӣ барои секунҷаҳои росткунҷа ва кунҷҳояш моил» аккордҳои дугонаеро, ки Менелай истифода мебурд, бо синусҳо иваз кард. «Китоби Азимутҳо» ва дар як қатор асарҳои дигар Ибни Ироқ далелҳои теоремаи сферавии синусҳоро овардааст, ки теоремаи Менелаусро дар чоркунҷаи мукаммал дар ҳисобҳои астрономӣ иваз кардааст. Дар «Рисола дар бораи дониш дар бораи камонҳои осмонӣ» вай секунҷаи қутбиро ҳангоми ҳисоб кардани паҳлуҳои секунҷаи сферавии додашуда бо се кунҷи он ҷорӣ кардааст. Ин усулро баъдтар Носириддини Тӯсӣ дубора такмил додааст.

Абумашҳар Муҳаммади Балхӣ яке аз машҳуртарин ситорашинос ва математики барҷастаи форсу тоҷик буда, муаллифи зичҳои «Зичи ҳазор», «Зичи пайвастшавӣ ва расиш» ва «Китоб дар бораи шаклҳои сфераҳои осмонӣ ва гуногунии зуҳуроти онҳо», «Китоб дар бораи муайян кардани вақт аз рӯйи дувоздаҳ равшанӣ» мебошад. Китоби ӯ бо номи «Муқаддима дар илм оид ба ситорагон (Kitab almudkhal alkabir ila ‘ilm ahkam annujjum»), ки соли 848 дар Бағдод навишта шудааст, дар Аврупо (солҳои 1133 ва 1140) бо номи «Introductorium in Astronmiam» ба забони лотинӣ гардонида шуда, аввалин китоби аврупоӣ дар бораи астрономия мебошад.

Абуабдуллоҳ Ҷобир Хайёни Сӯфӣ кимиёгар, табиб, дорусоз, математик ва ситорашиноси машҳури форсу тоҷик, ки дар Аврупои асрҳои миёна бо номи лотинишудаи Гебер (Geber) машҳур гаштааст. Ҷобир ба принсипҳои Евклид ва «Алмагест»-и Птолемей тафсирҳо додааст. Ӯ муаллифи «Китоб дар бораи сохти устурлоб», «Намудҳои зичҳо», «Китоб дар бораи мавқеи равшанӣ», «Китоби оинаҳо» мебошад. Ҳамчун табиби машҳур, китобҳои «Заҳрҳо ва позаҳрҳо» ва «Китоби Меҳр»-ро навиштааст. Дар байни асарҳои Ҷобир ибни Ҳайён ҷолибтарин «Китоби ҳафтод» аст, ки як навъ энсиклопедия мебошад, ки аз 70 боб дар масъалаҳои гуногуни динӣ, сиёсӣ ва табиатшиносӣ иборат аст. Дар бобҳои охирини «Китоби ҳафтод», ӯ дар бораи металлҳо ва минералҳо маълумот медиҳад.

Абузакариё Яҳёи Мосӯя табиб ва донишманди маъруфи форсу тоҷик ба ҳисоб меравад, ки ҳамчун тарҷумон ва мударриси илмҳои тиббӣ шинохта шудааст. Қайд мекунанд, ки Ибни Мосӯя дар канори Даҷла маконе барои ташреҳи бӯзинагон фароҳам сохта буд. Ин далел аз он шабоҳат медиҳад, ки дар ҳамон давру замонҳо низ гузаштагони мо барои ҷарроҳӣ ва гузаронидани таҷриба аз ҳайвонҳои гуногун истифода мебурданд, махсусан, дар маймун, ки ба инсонҳо наздикӣ доранд.

Абулҳасани Табарӣ аз аввалин табибони бузурги олам дониста мешавад, ки дар радифи чаҳор табиби бузурги олами ислом қарор дорад (Закариёи Розӣ, Алӣ Аббоси Маҷусӣ ва Абуалӣ ибни Сино). Аз рӯйи баъзе маълумоти таърихӣ, Абулҳасани Табарӣ устоди Закариёи Розӣ будааст. Аз ин олими барҷаста танҳо як асари қомусӣ (энсиклопедӣ) «Фирдавсул-ҳикма»-и ӯ (соли 850) на танҳо асари тиббӣ, балки фалсафӣ, кайҳоншиносӣ, ҳайвоншиносӣ, оламшиносӣ, равоншиносӣ, мантиқӣ ва математикӣ мебошад..

Абумансури Азҳарӣ маъруф бо тахаллуси Муваффақи Ҳиравӣ аст. Табиб ва дорушиноси маъруфтарини аҳди сомониён ба ҳисоб меравад. Ӯ зиёда 595 намуди доруро бар ҷадвале кашид ва дар он дараҷаи таъсирнокии онҳоро муайян намудааст. Аввалин нафаре мебошад, ки китоби тиббии бо забони форсии дариро бо номи «Алабниян ҳақоиқул-адвия» навиштааст. Дар китоби номбурда олим аз натиҷаи сафарҳои чандинсолаи хеш ба кишварҳои гуногун маводро гирдоварӣ намудааст. Ин китоби номбурда дар аксар кишварҳои асримиёнагӣ истифода шудааст.

Абумансури Қамарӣ бо тахаллуси Мансури Бухороӣ машҳур гаштааст, аз ҷумлаи бузургтарин уламои илми тиб дар Осиёи Миёна ба ҳисоб мерафт. Аз рӯйи маълумоти таърихӣ, ин нобиғаи халқи тоҷик ҳамзамони Закариёи Розӣ ва устоди Шайхурраис Ибни Сино маҳсуб меёбад. Таъсири назариявӣ ва амалии илмиаш ба уламои тиб дар қуруни вусто бузург аст. Китобҳои арзишманде, ба монанди «Китоб илалул-алил», «Мачӯаи кабир дар адавияи муфрада», «Муолиҷоти Мансурӣ» (маъруф бо номи «Тибби Мансурӣ»), «Рисола дар илоҷи амрози садр», «Мақола дар марази истиқо», «Китоби ғино ва муно» таълиф кардааст.

Абубакр Муҳаммади Карачӣ яке аз риёзидонони маъруфи форсу тоҷик ба ҳисоб меравад. Дар риёзиёте, ки барои мутахассисин навишта буд, дар пайравии Диофант рафта, дар борабари ин, ба ҳалли муодилаҳо муваффақиятҳои бузург ба даст оварда, натиҷаҳои аҷиби ададҳои ғайриқиёсӣ (ирратсионалӣ)-ро ба миён гузоштааст. Вай ба илми ҳисоби ҳиндуҳо начандон эътимод дошт. Найри Нурӣ қайд мекунад, ки Фибоначчи кашфиёт ва масоили матруҳиву ҳалшуда тавассути Карачиро ба худ нисбат додааст. Ба ҳар сурат, имрӯз низ ӯ дар қатори беҳтарин риёзидонҳои олам машҳур аст.

Абуҳасан Аҳмади Насавӣ яке аз риёзидони маъруфи форсу тоҷик ба ҳисоб меравад. Усули содатарини аз решаи квадратӣ ва кубӣ баровардани ададҳоро пешниҳод кардааст, ки математикони машҳури аврупоӣ П. Руфини (1804) ва У. Горнер (1819) онро такмил додаанд. Китоби машҳури ӯ «Алмиқнаъ филҳисобил ҳиндӣ» ба забони форсӣ таълиф шуда, баъдан ба забони арабӣ тарҷума шудааст. Дар китоб оид ба амалҳо бо ададҳои бутун, касрӣ, касрҳои омехта ва шастӣ сухан меравад. Ба асарҳои чандин олимони машҳури юнонӣ шарҳҳо навиштааст. Яке аз олимони дарбори Дайламиён буд.

Асируддини Самарқандӣ яке аз риёзидони машҳури замони худ будааст. Ӯ аввалин шахсест, ки илми риёзиро ба чор шоха ҷудо намуда, чунин номгузорӣ кардааст: ҳандаса (геометрия), ҳисоб, мусиқӣ ва ҳайат. Аз рӯйи маълумоти таърихӣ, ӯ ҳамроҳи Насируддини Тусӣ дар расадхонаи Мароға фаъолияти илмӣ доштааст. Мутаасифона, то замони мо қисман ду китоби ин олими бузург – «Ислоҳи ҳандасаи Уқлидус» ва «Ҳидоят-ул-ҳикма» омада расидааст.

Салоҳиддин Мӯсои Маҳмуд машҳур бо тахаллуси Қозизодаи Румӣ, ихтирооту навигариҳои зиёде дар расад ва илми риёзӣ кардааст. Аз ҷумла, яке аз услубҳои махсуси муайян кардани синуси 10-ро ихтироъ кардааст. Аз ӯ осори зиёде доир ба илми риёзиёт боқӣ мондааст: «Дар баёни истихроҷи ҷайби як дараҷа», «Рисолаи ҳайат валҳандаса», «Шарҳи тазкира», «Рисола дар рубъи ҷайб», «Шарҳи «Ашколуттаъсис»» (шарҳи мукаммал ба китоби Муҳаммад ибни Шамсуддин Ашрафи Самарқандӣ аст, ки дар он 53 шакли ҳандасаи Уқлидус оварда шудааст), «Шарҳи «Мухаллас фил-ҳайат Ҷағминӣ», «Шарҳи «Таҳрир-ул-Миҷастӣ»» (шарҳи мукаммали рисолаи Насируддини Тӯсӣ), «Ал-Миҷастии Балтимус», «Рисолаи ҳисоб», «Рисола фи самтилқибла», «Шарҳи «Ҳикмат-ул-айн»», «Дастурамал ва тасҳеҳи ҷадвал» ва ғайра.

Ғиёсиддин Ҷамшеди Кошонӣ бо номи тахаллуси Ҷамшеди Кошонӣ машҳур буда, мунаҷҷим ва риёзидони машҳури аҳди Темуриён яке аз ситораҳои тобнок дар таърихи илми тоҷик ба ҳисоб меравад. Дар тараққиёти илми нуҷум, махсусан, ҳисоб дар ҷаҳон саҳми босазо гузоштааст. Ӯро дар Самарқанд «Батлимус» мегуфтанд. «Мифто-ҳул-ҳисоб»-и ӯ қомуси риёзии асри XV ба ҳисоб меравад, ки борҳо ба забонҳои лотинӣ тарҷума шудааст (аз ҷумла, бо забони русӣ). Осори риёзии ин мутафаккири барҷастаи халқи тоҷик чунин аст: «Рисола фӣ истихроҷи ҷайби дараҷаи воҳидати аъло қавоиди ҳандасия», «Нузҳат-ул-ҳадоиқ», «Рисола фи маърифати самъилқибла мин доиратин ҳандасия», «Мифтоҳул-асбоб фи илмиззиҷ», «Рисола дар ҳайат», «Мухтасар дар илми ҳайат», «Аррисолатул-камолия», «Натоиҷул-ҳақоиқ», «Мифтоҳул-ҳисоб» (дар панҷ ҷилд) ва ғайра.

Аҳмад Махдуми Дониш яке аз аввалин маорифпарварони Осиёи Марказӣ ва машҳуртарин шахсияти Осиёи Марказӣ буда, аз худ мероси адабӣ ва илмии гаронбаҳоне ба мерос гузоштааст, аз ҷумла, асарҳои «Манозирул-қавокиб», «Рисола фи аъмолилқурра», «Таодул-и хамсаи муттаҳайира». Ӯ дар мадраса мустақилона фанҳои табииёт, риёзиёт, нуҷум, таърих, фалсафаи табиӣ ва адабиёти гузаштаи хешро омӯхтааст. Дар дарбори амир ҳамчун хаттот ва наққош кор кардааст. Солҳои 1870-1873 рисолаи бо номи «Рисола дар назми тамаддун ва таовун»-ро ҳамчун барномаи ислоҳоти ҷиддии тарзи давлатдорӣ дар аморат навишт. Аҳмади Дониш ҷорӣ намудани вазоратҳо ва маҷлиси машваратӣ, маҳдудияти ҳуқуқи амир дар асоси сарқонун ва муносибати давлатдоронро бо халқ батафсил баён намудааст. Вай дар бораи подшоҳи одил ва адолатхоҳ андешаронӣ ва шартҳои онро пешниҳод кардааст.

Халифа Ҳасани Рашт яке аз машҳуртарин олимон ва аввалин обёрикунандаи тоҷик мебошад, ки 163 сол умр дидааст. Соли 1739 бо дӯсти тотораш Муҳаммад Солеҳ ба воситаи Қафқоз ба шаҳри Астрахан рафта, дар ободонӣ ва обшор намудани соҳилҳои дарёи Волга саҳми арзанда гузоштааст. Соли 1743 андешаҳои мелиоратсионии худро дар шаҳрҳои Қазон ва Самара амалӣ менамояд. Соли 1749 ба Лоҳур (Покистон) рафта, дар онҷо муддати 3,5 сол ба корҳои илмӣ-тиббӣ ва тӯли 11 сол дар манотиқи гуногуни Покистон ва Ҳиндустон корҳои обёрикуниро ривоҷ медиҳад. Соли 1758 ба Ватан баргашта, корҳои мелиоратсионирро давом дода (зери роҳбарии ӯ аз деҳаи Фатҳобод то деҳаи Мазори Шинг ба масофаи 6,5 км наҳр канда мешавад, ки ҳаҷми обкашии он 2,5 м³/сония мебошад), нақши хешро дар пешрафти таърихи мелиоратсияи тоҷик гузоштааст. Дар ин муддат зери роҳбарии ӯ якчанд лоиҳаи обёрии сунъӣ амалӣ мегарданд. Аз ҷумла, наҳрҳои Дараи Нушор бо дарозии 10,4 км ва ҳаҷми обкашии 2,0 м³/сония буда, беш аз 3,5 ҳазор гектар заминро обёрӣ менамояд ва деҳаи Зебон (дарёи Моғиён), ки дарозии он 45 км ва ҳаҷми обкашияш 10 м³/сония мебошад. Соли 1797 канали Дашти Чӯпонро канда, муддати шаш сол дар шаҳри Самарқанд ва се сол дар шаҳри Қӯқанд зиндагӣ намуда, чандин корезҳоро ба истифода додааст. Соли 1802 дар синни 100-солагӣ ба шаҳри Панҷакент омада, то охири умр дар ин ҷо фаъолият намудааст.

Ҳоҷӣ Юсуфи Хуҷандӣ илмҳои кайҳоншиносӣ, география, заминшиносӣ ва мелиоратсияро хуб аз худ кардааст. Ӯ барои обёрӣ кардани заминҳои бекорхобидаи Хуҷанд, атрофи он ва рӯёнидани ҳосили баланд, инчунин, барои тайёр кардани пилла ҳамчун ашёи хом барои Россия ва сохтани глобуси дақиқтарини онвақта соҳиби се ҷоизаи гуногуни илмии Россияи подшоҳӣ гаштааст. Ҳоҷӣ Юсуф соли 1896 дар экспедитсияи олимони Петербург ва Маскав ба шимоли Тоҷикистони имрӯзаро роҳбарӣ кардааст. Инчунин, соли 1920 барои ба роҳ мондани системаи обёрии заминҳои хушки уезди Хуҷанд, корези «Хоҷақурғон» саҳми худро гузоштааст. Вай бо олимон, адибон ва сайёҳони Хуҷанд ҳамкорӣ карда, китобу харитаи олимони гуногунро бо шавқи зиёд мутолиаву таҳлил намуда, нақшаҳо мекашид. Ҳоҷӣ Юсуф дар соҳаҳои нуҷум, география, геология, кӯҳшиносӣ, гидрология ва кишоварзӣ дониши мукаммале дошт, ки подшоҳи Россия ӯро ба наздаш даъват ва фаъолияти илмиашро бо медалу ҳуҷҷати муаллифӣ қадр кардааст.

Номвар ҚУРБОН,
номзади илмҳои техникӣ

ОЗМУН

Хирад раҳнамою хирад дилкушой

Бо мақсади арҷгузорӣ ба мероси гаронбаҳои адабии миллати тоҷик, тарғиби «Шоҳнома»-и безаволи Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ ва баланд бардоштани сатҳи маънавиёти ҷавонон дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №3-и шаҳри Бӯстон даври шаҳрии Озмуни ҷумҳуриявии «Шоҳномахонӣ» бо шукӯҳ баргузор гардид.

Дар ҷараёни озмун хонандагони муассисаҳои таълимии шаҳр дониши худро дар самти қироат ва тафсири абёт нишон доданд. Ҳайати доварон, ки аз омӯзгорони соҳибтаҷриба ва мутахассисони соҳа иборат буданд, оид ба дониши иштирокчиён шаффофона баҳогузорӣ карданд.

Дар ҷамъбаст ғолибон муайян шуда, ба даври вилоятӣ роҳхат гирифтанд.

Ҳамчунин, дар фазои танантанавӣ дар толори Китобхонаи марказии ноҳияи Спитамен даври ноҳиявии Озмуни ҷумҳуриявии «Шоҳномахонӣ» расман оғоз гардид.

Дар оғоз муовини раиси ноҳия Дилрабо Раҳимӣ зикр кард, ки «Шоҳнома»-и безаволи Ҳаким Фирдавсӣ ҳамчун сарчашмаи бузурги ахлоқу маърифат, дар тарбияи наврасону ҷавонон нақши муҳим дорад.

Сипас даври ноҳиявии озмун миёни хонандагони синфҳои 1-4 оғоз гардида, дар он 98 нафар довталаб ширкат варзиданд.

Нуъмон РАҶАБЗОДА,
«Омӯзгор»

Ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар мамлакат Озмуни ҷумҳуриявии «Топ-35 – шарики боэътимоди сол» баргузор мешавад.

Войи шубоне, ки кунад кори гург,
Ҳамчу саги зард шавад ёри гург.
Абдураҳмони Ҷомӣ

БА МУНОСИБАТИ 100-СОЛАГИИ АСАРИ «НАМУНАИ АДАБИЁТИ ТОҶИК»-И УСТОД САДРИДДИН АЙНӢ

«НАМУНАИ АДАБИЁТИ ТОҶИК»

Дар таърихи рушди афкори миллӣ ва худшиносии фарҳангию маърифатии халқҳои ҷаҳон, хусусан, дар марҳалаҳои гузариш аз як низоми иҷтимоӣ ба низоми дигар, ҳамеша осоре ба вуҷуд омадаанд, ки на танҳо арзиши адабӣ, балки аҳаммияти амиқи таърихӣ ва сиёсӣ доштаанд. Ин гуна осор, одатан, дар шароите эҷод мегарданд, ки худи масъалаи «будан ё набудан»-и миллат ба таври ҷиддӣ матраҳ мегардад ва зиёиён худро масъул эҳсос мекунанд, ки ба ин саволи муҳим ҷавоби мустанад ва далелнок диҳанд. Барои миллати тоҷик, чунин як асари сарнавиштсоз, бешубҳа, «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ мебошад, ки дар нимаи аввали асри XX дар шароити ниҳоят мураккаби сиёсӣ ва фарҳангӣ таълиф гардидааст.

Дар зоҳир, «Намунаи адабиёти тоҷик» як маҷмуаи интихобии осори адабӣ аз давраҳои гуногуни таърихӣ мебошад, ки дар он намунаҳои ашъор ва осори мансури шоирону мутафаккирони форсу тоҷик гирдоварӣ шудаанд. Аммо таҳлили амиқи сохтор, тартиб ва мазмуни ин асар нишон медиҳад, ки он фаротар аз як маҷмуаи одӣ буда, як барномаи мукаммали фарҳангӣ ва як ҳуҷҷати огоҳонаи ҳувиятсозӣ мебошад. Устод Айнӣ бо ин асар на танҳо мехост адабиёти гузаштаро муаррифӣ кунад, балки дар асл, талош мекард, ки мавҷудияти таърихии миллати тоҷикро бо далелҳои раднопазир исбот намояд.

Барои дарки дурусти ин ҳадаф, пеш аз ҳама, бояд ба шароити таърихие, ки дар он «Намунаи адабиёти тоҷик» таълиф гардид, таваҷҷуҳ кард. Оғози асри XX барои халқҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, тоҷикон давраи пуртазод ва пуртаҳаввул буд. Ин давра бо суқути аморати Бухоро, ташаккули сохторҳои нави сиёсӣ ва пайдоиши равияҳои гуногуни идеологӣ тавсиф мешавад. Дар ҳамин замина, масъалаи тақсимоти миллӣ ва муайян кардани ҳувияти этникӣ ва фарҳангии халқҳо ба яке аз масъалаҳои марказӣ табдил ёфт.

Дар чунин шароит, бархе равияҳои сиёсӣ ва илмӣ кӯшиш мекарданд, ки мавҷудияти тоҷиконро ҳамчун як миллати мустақил зери шубҳа баранд. Забони тоҷикӣ (форсӣ) дар баъзе муҳитҳо ҳамчун як забони «ғайримаҳаллӣ» ё «меросӣ» муаррифӣ мешуд ва талошҳо барои маҳдуд кардани доираи истифодаи он низ ба назар мерасиданд. Ин равандҳо на танҳо ба фарҳанг, балки ба худшиносии миллӣ низ таъсири манфӣ мерасонданд.

Дар чунин вазъият, зарурати исботи мавҷудияти миллат ба миён омад. Аммо ин исбот бояд на бо сухану шиор, балки бо далел сурат мегирифт. Дар ин ҷо адабиёт ба як абзори муҳим табдил ёфт, зеро адабиёт на танҳо як шакли эҷоди бадеӣ, балки як ҳуҷҷати таърихӣ низ мебошад, ки метавонад мавҷудияти як халқ ва сатҳи рушди фарҳангии онро нишон диҳад.

Садриддин Айнӣ, ки худ шоҳиди бевоситаи ин равандҳо буд, хеле хуб дарк мекард, ки барои ҳифзи ҳувияти миллӣ бояд мероси адабии гузашта ба таври низомманд ҷамъоварӣ ва муаррифӣ карда шавад. Ӯ медонист, ки агар ин кор анҷом дода нашавад, эҳтимоли аз даст рафтани қисме аз ин мерос вуҷуд дорад. Аз ин рӯ, «Намунаи адабиёти тоҷик» ҳамчун як ҷавоби мустақим ба ин таҳдидҳо ба вуҷуд омад.

Дар муқаддимаи асар, ки бо як эҳсоси баланди масъулияти таърихӣ навишта шудааст, устод Айнӣ ба таври ошкоро ишора мекунад, ки мақсади ӯ нишон додани мавҷудияти адабиёти тоҷик ва ҳифзи он аз нестшавӣ мебошад. Ин гуфтаҳо нишон медиҳанд, ки муаллиф ба кори худ на танҳо ҳамчун фаъолияти илмӣ ё адабӣ, балки ҳамчун як рисолати миллӣ менигарист.

Дар ин замина, бояд таъкид кард, ки «Намунаи адабиёти тоҷик» на танҳо як асари илмӣ, балки як санади таърихӣ мебошад. Он на танҳо гузаштаро муаррифӣ мекунад, балки ба ташаккули оянда низ таъсир мерасонад. Ин асар ба як навъ пули иртибот миёни гузашта ва ҳозира табдил меёбад, ки тавассути он наслҳои нав метавонанд бо мероси фарҳангии худ ошно шаванд.

Дар баробари ин, бояд ба он низ таваҷҷуҳ кард, ки тарзи пешниҳоди мавод дар асар худ як масъалаи муҳим аст. Устод Айнӣ осорро ба таври тасодуфӣ ҷамъ наовардааст, балки онҳоро бо як тартиби мушаххаси таърихӣ ҷойгир кардааст. Ин тартиб нишон медиҳад, ки муаллиф мехоҳад як тасвири пайваста ва мантиқии рушди адабиёти тоҷикро пешниҳод намояд. Ин пайдарҳамӣ, дар асл, таърихи адабиро ташкил медиҳад, ки дар он ҳар як муаллиф ҳамчун як ҳалқаи занҷири тамаддун муаррифӣ мешавад.


Маҳз ҳамин ҷанба аст, ки «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро ба як асари канонсоз табдил медиҳад. Устод Айнӣ бо интихоби худ муайян мекунад, ки кадом муаллифон ва осор бояд ҳамчун намояндагони асосии адабиёти тоҷик эътироф шаванд. Ин интихоб на танҳо аҳаммияти адабӣ, балки аҳаммияти идеологӣ низ дорад, зеро он ба ташаккули тасаввури умумӣ дар бораи адабиёти миллӣ таъсир мерасонад.

Дар ҳамин замина, метавон гуфт, ки «Намунаи адабиёти тоҷик» дар сатҳи амиқтар як таҳқиқоти таърихӣ низ маҳсуб меёбад ва дар сатҳи боз ҳам амиқтар, он як барномаи сиёсӣ ва фарҳангӣ мебошад, ки ҳадафаш ташаккули худшиносии миллӣ аст.

Ин аст, ки барои дарки воқеии аҳаммияти ин асар, онро бояд на танҳо ҳамчун як китоби адабӣ, балки ҳамчун як падидаи таърихию фарҳангӣ баррасӣ кард. Танҳо дар ин сурат мо метавонем дарк намоем, ки чаро «Намунаи адабиёти тоҷик» то имрӯз аҳаммияти худро нигоҳ доштааст ва чаро он ҳамчун яке аз асарҳои бунёдии фарҳанги тоҷик шинохта мешавад.

СОХТАНИ КАНОНИ АДАБӢ ВА ТАШАККУЛИ ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ

Дар илмҳои муосири гуманитарӣ, хусусан, дар адабиётшиносӣ ва фарҳангшиносӣ, мафҳуми «канон» ба маҷмуаи



он осор ва муаллифон ишора мекунад, ки ҳамчун намунаҳои беҳтарин ва намояндагони асосии як анъанаи фарҳангӣ пазируфта шудаанд. Аммо канон худ аз худ ба вуҷуд намеояд ва он ҳамеша натиҷаи интихоби огоҳона, равандҳои иҷтимоӣ ва аксаран муборизаҳои идеологӣ мебошад. Ба ҳамин маънӣ, ҳар як канон, дар асл, як навъ «сохтмон» аст, на инъикоси бетарафи воқеият.

Маҳз аз ҳамин нуқтаи назар, «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро метавон ҳамчун як амали огоҳонаи канонсозӣ баррасӣ кард. Устод Айнӣ дар ин асар на танҳо осорро гирд меорад, балки бо интихоби мушаххаси худ, бо тартиби пешниҳод ва бо шарҳу тавзеҳот, як тасвири муайяни адабиёти тоҷикро месозад. Ин тасвир, дар навбати худ, ба як навъ таърихи расмии адабиёт табдил меёбад, ки дар зеҳни хонанда ҳамчун ҳақиқати бебаҳс ҷой мегирад.

Яке аз ҷанбаҳои муҳим дар ин раванд тартиби таърихии мавод мебошад. Устод Айнӣ адабиёти тоҷикро аз давраҳои қадим оғоз карда, онро ба шакли як раванди пайваста ва муттасил пешниҳод мекунад. Дар саҳифаҳои аввали қисмати асосии асар мо мебинем, ки муаллиф аз устод Рӯдакӣ оғоз мекунад ва баъдан ба дигар шоирону мутафаккирон мегузарад. Ин интихоби ибтидоӣ бисёр маънодор аст.

Устод Рӯдакӣ дар ин ҷо на танҳо ҳамчун як шоир, балки рамзи оғози адабиёти тоҷик мебошад. Бо гузоштани устод Рӯдакӣ дар сароғози ин силсила, устод Айнӣ ҳушдор медиҳад, ки адабиёти тоҷик дорои решаҳои қадимӣ ва бунёди мустаҳкам аст. Ин паём дар шароити он замон, ки мавҷудияти тоҷикон зери шубҳа буд, аҳаммияти фавқулода дошт.

Пас аз Рӯдакӣ, силсилаи муаллифон ба таври мантиқӣ идома меёбад. Дар ин силсила шахсиятҳое чун Абуалӣ ибни Сино, Носири Хусрав, Фирдавсӣ, Камоли Хуҷандӣ ва дигарон ҷой доранд. Ин ҷо низ интихоби муаллифон тасодуфӣ нест. Ҳамаи онҳо на танҳо аз нигоҳи адабӣ, балки аз нигоҳи фарҳангӣ ва тамаддунӣ аҳаммияти бузург доранд. Онҳо намояндагони он анъанаи бузурги форсӣ-тоҷикӣ мебошанд, ки дар тӯли асрҳо ташаккул ёфтааст.

Ҷанбаи дигари муҳим ин аст, ки устод Айнӣ дар мавриди баъзе шоирон ва мутафаккирон, ба нақши онҳо дар рушди илм, фалсафа ва фарҳанг ишора мекунад. Ин шарҳҳо нишон медиҳанд, ки муаллиф мехоҳад на танҳо осори онҳоро муаррифӣ кунад, балки аҳаммияти онҳоро барои тамаддуни миллӣ таъкид намояд.

Ба ин тартиб, устод Айнӣ кӯшиш мекунад, ки аз ҳар як муаллиф намунаҳое пешниҳод кунад, ки на танҳо аз нигоҳи бадеӣ, балки аз нигоҳи маънавӣ ва ахлоқӣ низ аҳаммият дошта бошанд. Ин равиш нишон медиҳад, ки ӯ адабиётро на танҳо ҳамчун санъат, балки ҳамчун воситаи тарбия ва ташаккули шуури ҷамъиятӣ мебинад.

Дар ҳамин замина, метавон гуфт, ки «Намунаи адабиёти тоҷик» як асари педагогӣ низ мебошад. Зеро хонанда тавассути мутолиаи ин асар на танҳо бо адабиёт шинос мешавад, балки як тасаввури муайян дар бораи таърих, фарҳанг ва ҳатто ахлоқи миллӣ ба даст меорад.

Ин ҷо боз як ҷанбаи муҳим ба миён меояд: робитаи миёни адабиёт ва миллат. Дар назарияҳои муосири миллатсозӣ таъкид мешавад, ки миллатҳо на танҳо дар асоси омилҳои сиёсӣ ё иқтисодӣ, балки дар асоси омилҳои фарҳангӣ ва маънавӣ ташаккул меёбанд. Адабиёт дар ин раванд нақши калидӣ дорад, зеро он забон, арзишҳо ва хотираи умумиро ташаккул медиҳад.

Садриддин Айнӣ бо «Намунаи адабиёти тоҷик» маҳз ҳамин корро анҷом медиҳад. Ӯ тавассути адабиёт як фазои муштараки маънавиро ба вуҷуд меорад, ки дар он тоҷикон метавонанд худро ҳамчун як ҷомеаи воҳид эҳсос кунанд. Ин фазо на танҳо ба гузашта, балки ба ҳозира ва оянда низ таъсир мерасонад.

Дар натиҷа, метавон гуфт, ки «Намунаи адабиёти тоҷик» як асари канонсоз аст, ки тавассути он устод Айнӣ на танҳо адабиётро муаррифӣ мекунад, балки миллатро муаррифӣ месозад. Ӯ нишон медиҳад, ки тоҷикон кӣ ҳастанд, аз куҷо омадаанд ва чӣ гуна анъанаи фарҳангӣ доранд. Ин таъриф, дар навбати худ, ба ташаккули шуури миллӣ мусоидат мекунад.

Маҳз ҳамин ҷанба аст, ки «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро ба як асари беназир табдил медиҳад. Он дар шароити мураккаби таърихӣ тавонист нақши ҳалкунанда дар ташаккули ҳувияти миллӣ бозад.

ХОТИРАИ ФАРҲАНГӢ ВА ЗАМИНАҲОИ ТАШАККУЛИ ШУУРИ МИЛЛӢ

Дар таҳқиқоти муосири фарҳангшиносӣ ва ҷомеашиносӣ яке аз мафҳумҳои калидӣ, ки барои дарки равандҳои миллатсозӣ ва худшиносии ҷамъиятӣ истифода мешавад, мафҳуми «хотираи фарҳангӣ» мебошад. Ин мафҳум ба маҷмуаи донишҳо, арзишҳо, рамзҳо ва таҷрибаҳое ишора мекунад, ки як ҷомеа онҳоро аз гузашта мерос гирифта, тавассути воситаҳои гуногун, аз ҷумла, адабиёт ба наслҳои оянда интиқол медиҳад. Хотираи фарҳангӣ на танҳо як захираи иттилоотӣ, балки як механизми фаъол аст, ки ба ташаккули ҳувият, ҷаҳонбинӣ ва худогоҳии инсон таъсир мерасонад.

Аз ҳамин нуқтаи назар, «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ на танҳо як маҷмуаи осори адабӣ, балки як лоиҳаи бузурги сохтани хотираи фарҳангии миллат мебошад. Дар шароите, ки робитаи табиии наслҳо бо мероси гузашта халалдор гардида буд, устод Айнӣ кӯшиш мекунад, ки ин робитаро аз нав барқарор намояд ва гузаштаҳоро ба як чузъи фаъоли шуури муосир табдил диҳад.

Дар ин раванд, муҳимтарин хусусияти «Намунаи адабиёти тоҷик» дар он зоҳир мегардад, ки асар гузаштаҳоро танҳо ҳамчун як воқеияти таърихӣ пешниҳод намекунад, балки онҳоро ба як манбаи маънавӣ ва ҳувиятсоз табдил медиҳад. Яъне, хонанда бо мутолиаи ин асар на танҳо дар бораи шоирону мутафаккирони гузашта маълумот мегирад, балки худро ҳамчун як идомадиҳандаи он анъана эҳсос мекунад. Ин эҳсос маҳз асоси шуури миллӣ мебошад.

Ин ҷо як масъалаи бисёр муҳимми фалсафӣ ба миён меояд: муносибати миёни гузашта ва ҳозира. Дар бисёр ҳолатҳо, гузашта ҳамчун чизе дида мешавад, ки ба поён расидааст ва танҳо барои омӯзиш аҳаммият дорад. Аммо дар «Намунаи адабиёти тоҷик» гузашта ба як қувваи зинда табдил меёбад, ки ба ҳозира таъсир мерасонад. Ин равиш нишон медиҳад, ки барои устод Айнӣ таърих на

→

Ба истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар вилояти Хатлон беш аз 6 ҳазор иншоот ба истифода дода шуд.

БА МУНОСИБАТИ 100-СОЛАГИИ АСАРИ «НАМУНАИ АДАБИЁТИ ТОҶИК»-И УСТОД САДРИДДИН АЙНӢ

ВА ТАШАККУЛИ ШУУРИ МИЛЛӢ

танҳо як мавзуи омӯзиш, балки як сарчашмаи неру барои ташаккули ҳувият аст. Дар ҳамин замина, метавон гуфт, ки «Намунаи адабиёти тоҷик» як асари таърихсоз аст.

Ҷанбаи дигари муҳим ин аст, ки хотираи фарҳангӣ ҳамеша интихобӣ аст. Яъне, на ҳамаи воқеаҳо ва на ҳамаи шахсиятҳо ба он дохил мешаванд. Он чизҳое интихоб мешаванд, ки барои ташаккули ҳувият муҳим шуморида мешаванд. Дар «Намунаи адабиёти тоҷик» низ мо ҳамин равандро мебинем. Устод Айнӣ аз миёни ҳазорҳо шоир ва мутафаккир, онҳоеро интихоб мекунад, ки метавонанд ҳамчун рамзҳои фарҳангӣ хизмат кунанд.

Ин рамзҳо дар шуури ҷамъиятӣ нақши калидӣ доранд. Онҳо ба як навъ «нишонаҳои ҳувият» табдил меёбанд, ки тавассути онҳо одамон худро мешиносанд. Масалан, Рӯдакӣ на танҳо як шоир, балки рамзи оғози адабиёти тоҷик аст; Фирдавсӣ рамзи ҳифзи таърих ва забон аст; Ибни Сино рамзи илму дониш аст. Ин рамзсозӣ худ як ҷузъи муҳимми раванди миллатсозӣ мебошад.

Дар баробари ин, бояд таъкид кард, ки «Намунаи адабиёти тоҷик» танҳо ба гузашта нигаронида нашудааст. Он, ҳамчунин, ба оянда нигаронида шудааст. Устод Айнӣ мехоҳад, ки ин мерос ба наслҳои нав интиқол ёбад ва дар ташаккули онҳо нақш бозад. Ба ҳамин маънӣ, асар дорои як ҷанбаи тарбиявӣ низ мебошад. Он хонандаро на танҳо бо гузашта ошно мекунад, балки ӯро ба андеша дар бораи ҳувият, масъулият ва нақши худ дар ҷомеа водор месозад.

Ин ҷанбаи тарбиявӣ, махсусан, дар шароити он замон аҳаммияти калон дошт. Ҷомеаи тоҷик дар марҳалаи гузариш қарор дошт ва зарурати ташаккули як шуури нави миллӣ ба миён омада буд. «Намунаи адабиёти тоҷик» дар ин раванд нақши як дастури маънавиро иҷро мекард, ки тавассути он арзишҳои асосии фарҳангӣ ба наслҳои нав интиқол дода мешуданд.

Дар ҳамин замина, метавон гуфт, ки Садриддин Айнӣ дар ин асар на танҳо ҳамчун як муҳаққиқ, балки ҳамчун як меъмори шуури миллӣ баромад мекунад. Ӯ кӯшиш мекунад, ки тавассути адабиёт як ҷаҳонбинии мушаххасро ташаккул диҳад, ки дар он миллат, таърих ва фарҳанг ҳамчун арзишҳои асосӣ ҷой дошта бошанд.

САНАДИ ИДЕОЛОГӢ

Дар таҳқиқи осори бузурги фарҳангӣ, махсусан, онҳое, ки дар марҳалаҳои ҳассоси таърихӣ эҷод шудаанд, наметавон танҳо ба ҷанбаҳои адабӣ ва бадеии онҳо маҳдуд шуд. Зеро чунин осор, одатан, дар худ на танҳо зебоии сухан, балки як низоми мураккаби маъноҳо, мавқеъгириҳо ва ҳадафҳои идеологиро низ таҷассум мекунанд. «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ низ аз ҷумлаи ҳамин гуна асарҳо аст, ки таҳлили амиқи он бидуни дарназардошти заминаҳои сиёсӣ ва идеологии замони таълифаш номумкин аст.

Мо гуфтем, ки ин асар дар шароите ба вуҷуд омадааст, ки масъалаи мавҷудияти миллати тоҷик ва ҳаққи он ба ҳувияти мустақил ба таври ҷиддӣ зери шубҳа қарор дошт. Дар чунин фазо, ҳар як иқдоми фарҳангӣ, ҳар як таҳқиқ ва ҳар як асари илмӣ ба таври худкор хусусияти сиёсӣ мегирифт. Ба ибораи дигар, дар он шароит адабиёт ба як унсури муборизаи идеологӣ табдил ёфта буд.

Садриддин Айнӣ ҳамчун як зиёии огоҳ ва таҷрибадор ин воқеиятро хеле хуб дарк мекард. Ӯ медонист, ки барои ҳифзи ҳувияти миллӣ ва исботи мавҷудияти миллат, бояд ба як шакли мубориза рӯ оварад, ки ҳам илмӣ бошад ва ҳам қотеъ. «Намунаи адабиёти тоҷик» маҳз чунин шакли мубориза мебошад.

Яке аз масъалаҳои асосӣ дар ин замина, масъалаи легитиматсияи миллат *(легитиматсия маънои «қобили қабул шудан» ва «ҳуқуқӣ донисташудан»-ро дорад – С. Э.)* мебошад. Легитиматсия, дар маънои васеъ, ба он ишора мекунад, ки як воҳиди иҷтимоӣ ё сиёсӣ (дар ин ҷо миллат) бояд мавҷудияти худро бо далелҳои қобили қабул асоснок намояд. Дар шароити солҳои 1920-1930, ки масъалаи тақсимоти миллӣ ва ташаккули давлатҳои миллӣ дар Осиёи Марказӣ матраҳ буд, чунин легитиматсия аҳаммияти ҳаётӣ дошт.

«Намунаи адабиёти тоҷик» маҳз ҳамин вазифаро иҷро мекунад. Устод Айнӣ бо пешниҳоди як маҷмуаи муратабати осори адабӣ, ки таърихи чандинсола дорад, нишон медиҳад, ки тоҷикон дорои як фарҳанги бой ва як анъанаи адабии мустақил мебошанд. Ин далел, дар навбати худ, ба хулосаи муҳим меорад: агар миллат дорои чунин мерос бошад, пас он ҳаққи мавҷудият ва рушди мустақилро дорад.

Дар ин ҷо бояд ба як нуктаи бисёр муҳим таваҷҷуҳ кард: устод Айнӣ ин корро ба таври мустақим ва ошкоро анҷом намедиҳад. Ӯ намегӯяд, ки «мо миллат ҳастем ва бояд чунин бошем». Баръакс, ӯ далелҳоро пешниҳод мекунад ва хонандаро ба чунин хулоса меорад. Ин равиш, ки онро метавон «стратегияи ғайримустақими идеологӣ» номид, хеле муассир аст, зеро он ба хонанда имконият медиҳад, ки худаш ба натиҷа расад.

Дар ҳамин замина, бояд ба нақши устод Айнӣ ҳамчун зиёӣ-сиёсатмадор таваҷҷуҳ кард. Гарчанде ки ӯ бештар ҳамчун нависанда ва муҳаққиқ шинохта мешавад, аммо фаъолияти ӯ нишон медиҳад, ки ӯ дар асл як шахсияти дорои тафаккури сиёсӣ низ буд. Ӯ медонист, ки дар шароити тағйироти бузурги таърихӣ, зиёӣ наметавонад танҳо нозири воқеаҳо бошад, ӯ бояд иштирокчии фаъоли равандҳо низ гардад.

«Намунаи адабиёти тоҷик» маҳз натиҷаи чунин мавқеъгирӣ мебошад. Устод Айнӣ бо ин асар ба як масъалаи муҳими сиёсӣ – масъалаи ҳувияти миллӣ посух медиҳад. Ӯ бо истифода аз адабиёт ба як масъалаи амиқи сиёсӣ дахолат мекунад.

Дар ин ҷо мо бо як падидаи муҳим рӯ ба рӯ мешавем: табдили адабиёт ба сиёсат. Ин маънои онро надорад, ки адабиёт ба як василаи таблиғотӣ табдил ёфтааст. Баръакс, ин нишон медиҳад, ки адабиёт дорои иқтидори бузургест, ки метавонад ба масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ ва сиёсӣ таъсир расонад.

Ҷанбаи дигари муҳим, муносибати асар ба масъалаи забон мебошад. Забон яке аз унсурҳои асосии ҳувияти миллӣ аст ва дар бисёр мавридҳо, баҳсҳо дар бораи миллат маҳз дар атрофи забон сурат мегиранд. Дар «Намунаи адабиёти тоҷик» забони тоҷикӣ-форсӣ ҳамчун як забони дорои таърихи бой ва имкониятҳои бузурги ифодаи фикр муаррифӣ мешавад. Ин муаррифӣ худ як навъ изҳороти сиёсӣ аст, зеро он ба ҳифзи мақоми забон мусоидат мекунад.

Дар баробари ин, бояд таъкид кард, ки «Намунаи адабиёти тоҷик» ба як навъ «ҳуҷҷати фарҳангӣ» табдил меёбад, ки метавонад дар баҳсҳои сиёсӣ ҳамчун далел истифода шавад. Яъне, он на танҳо як китоб, балки як манбаи эътимоднок барои исботи мавҷудияти миллат аст.

Дар натиҷа, метавон ба хулоса омад, ки «Намунаи адабиёти тоҷик» на танҳо як асари фарҳангӣ, балки як абзори муҳим дар раванди ташаккули давлатдории миллӣ мебошад. Он ба ташаккули як ҷаҳонбинии мушаххас мусоидат мекунад, ки дар он миллат, таърих ва фарҳанг ҳамчун арзишҳои асосӣ пазируфта мешаванд.

Маҳз ҳамин ҷанба аст, ки устод Айниро аз як муҳаққиқи оддӣ фарқ мекунад.

ЗАМИНАИ ТАҶРИБАИ ҶАҲОНИИ МИЛЛАТСОЗӢ

Баррасии амиқи «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ нишон медиҳад, ки ин асарро наметавон танҳо дар доираи таърихи адабиёти тоҷик ё ҳатто фарҳанги миллӣ маҳдуд кард. Баръакс, он бояд ҳамчун як падидаи васеътари тамаддунӣ баррасӣ шавад, ки бо равандҳои умумии миллатсозӣ ва ташаккули ҳувият дар дигар кишварҳо ва минтақаҳо робитаи зич дорад. Маҳз тавассути чунин муқоиса, аҳаммияти воқеии ин асар ва ҷойгоҳи он дар таърихи афкори инсонӣ боз ҳам равшантар мегардад.

Дар таърихи Аврупо ва дигар минтақаҳои ҷаҳон, махсусан, дар асрҳои XVIII-XIX, равандҳои эҳёи миллӣ ба таври васеъ ба мушоҳида мерасанд. Дар ин равандҳо, зиёиён нақши ҳалкунанда доштанд, зеро онҳо бо истифода аз забон, адабиёт ва таърих кӯшиш мекарданд, ки барои миллатҳои худ як ҳувияти мушаххас ва устувор ба вуҷуд оранд. Яке аз воситаҳои асосии ин раванд маҳз ҷамъоварӣ ва муаррифии мероси адабӣ буд.

Масалан, дар Чехия, дар давраи эҳёи миллӣ, зиёиёне чун Йозеф Добровский ва Йозеф Юнгманн ба ҷамъоварӣ ва таҳияи луғатҳо, антологияҳо ва таҳқиқоти адабӣ машғул шуданд, то мавҷудияти забон ва фарҳанги чехиро исбот намоянд. Дар Венгрия низ чунин раванд ба амал омад, ки дар он адабиёт ба як воситаи асосии ташаккули ҳувияти миллӣ табдил ёфт. Дар кишварҳои ҳавзаи Балкан, махсусан, дар Сербия ва Булғория, ҷамъоварии осори фолклорӣ ва адабӣ ҳамчун як қадами муҳим дар роҳи миллатсозӣ арзёбӣ мешуд.

Дар ҳамаи ин ҳолатҳо, мо бо як механизми муштарак рӯ ба рӯ мешавем: адабиёт ҳамчун асоси исботи миллат. Яъне, миллат на танҳо дар заминаи сиёсӣ, балки, пеш аз ҳама, дар заминаи фарҳангӣ ва маънавӣ ташаккул меёбад. Ин равандро метавон ҳамчун «сохтани миллат тавассути матн» тавсиф кард.

Агар «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро дар ҳамин замина баррасӣ кунем, мебинем, ки кори Садриддин Айнӣ бо ин таҷрибаҳо ҳамсон аст. Ӯ низ, мисли зиёиёни аврупоӣ, кӯшиш мекунад, ки тавассути ҷамъоварӣ ва муаррифии мероси адабӣ, мавҷудияти миллатро исбот намояд. Аммо дар баробари ин, кори ӯ дорои хусусиятҳои хоси худ низ мебошад.

Якум, шароите, ки дар он «Намунаи адабиёти тоҷик» таълиф шудааст, аз бисёр ҷиҳат мураккабтар буд. Агар дар Аврупо равандҳои эҳёи миллӣ асосан дар заминаи дохилӣ сурат мегирифтанд, дар Осиёи Марказӣ ин равандҳо бо таъсири қувваҳои гуногуни сиёсӣ ва идеологӣ ҳамроҳ буданд. Ин ҳолат кори устод Айниро боз ҳам душвортар ва ҳамзамон, муҳимтар мегардонад.

Дуюм, дар бисёр кишварҳои аврупоӣ, пеш аз оғози равандҳои миллатсозӣ, аллакай як анъанаи муайяни таърихнигорӣ ва адабиётшиносӣ вуҷуд дошт. Аммо дар ҳолати тоҷикон, чунин анъана ба таври низомманд камтар ташаккул ёфта буд. Аз ин рӯ, устод Айнӣ маҷбур буд, ки ҳам кори ҷамъоварӣ, ҳам таҳлил ва ҳам муаррифии ин меросро дар як вақт анҷом диҳад.

Сеюм, дар «Намунаи адабиёти тоҷик» мо на танҳо як маҷмуа, балки як консепсияи мукаммали таърихи адабиётро мебинем. Айнӣ осорро ба таври тасодуфӣ ҷамъ наовардааст, балки онҳоро дар як низоми мантиқӣ ва таърихӣ ҷойгир кардааст. Ин равиш ба асар хусусияти илмӣ ва назариявӣ мебахшад, ки онро аз бисёр корҳои шабеҳ фарқ мекунад.

Дар ҳамин замина, метавон гуфт, ки «Намунаи адабиёти тоҷик» на танҳо як намунаи маҳаллию минтақавӣ, балки як падидаи дорои аҳаммияти умумибашарӣ мебошад. Он нишон медиҳад, ки чӣ гуна адабиёт метавонад ба як василаи муассири ташаккули ҳувият табдил ёбад ва чӣ гуна як зиёӣ метавонад тавассути кори илмӣ ба равандҳои бузурги таърихӣ таъсир расонад.

Аз нуқтаи назари арзёбии илмӣ, «Намунаи адабиёти тоҷик» дорои чандин ҷанбаест, ки онро ба як асари бунёдӣ табдил медиҳад.

Якум, он як манбаи муҳим барои омӯзиши таърихи адабиёти тоҷик мебошад. Бисёр аз осоре, ки дар ин китоб ҷой дода шудаанд, маҳз тавассути ҳамин асар ба доираи васеи хонандагон дастрас гардидаанд.

Дуюм, асар дорои як арзиши назариявӣ мебошад. Он нишон медиҳад, ки чӣ гуна метавон тавассути интихоби огоҳонаи мавод, як тасвири муайяни таърихиро ба вуҷуд овард. Ин ҷанба барои таҳқиқоти муосир низ аҳаммияти калон дорад.

Сеюм, «Намунаи адабиёти тоҷик» дорои як арзиши методологӣ аст. Он нишон медиҳад, ки чӣ гуна метавон таҳқиқоти адабиро бо таҳқиқоти таърихӣ ва фарҳангӣ пайваст намуд. Ин равиш имрӯз ҳамчун як усули байнисоҳавӣ шинохта мешавад ва дар илмҳои муосир васеъ истифода мегардад.

Дар натиҷаи тамоми таҳлилҳои анҷомдода, метавон ба як хулосаи умумӣ ва мукаммал расид. «Намунаи адабиёти тоҷик» агар зоҳиран як маҷмуаи адабӣ бошад, дар сатҳи амиқтар, он як таҳқиқоти таърихӣ аст ва дар сатҳи боз ҳам амиқтар, он як барномаи идеологӣ ва фарҳангӣ мебошад, ки ҳадафи он ташаккули худшиносии миллӣ аст.

Садриддин Айнӣ бо ин асар на танҳо адабиёти гузаштаро муаррифӣ мекунад, балки онро ба як унсури фаъол барои сохтани миллат табдил медиҳад. Ӯ нишон медиҳад, ки миллат на танҳо як воқеияти сиёсӣ, балки як сохтори маънавӣ ва фарҳангӣ аст, ки тавассути хотира, забон ва адабиёт ташаккул меёбад.

Аз ҳамин ҷост, ки «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро метавон ҳамчун як санади таърихии эҳёи миллӣ, як лоиҳаи бузурги ҳувиятсозӣ ва як намунаи барҷастаи фаъолияти зиёӣ дар шароити мураккаби таърихӣ арзёбӣ кард. Ин асар нишон медиҳад, ки чӣ гуна як шахс, бо такя ба дониш, ирода ва ҳисси масъулият, метавонад дар ташаккули сарнавишти як миллат нақши ҳалкунанда бозад.

Маҳз ҳамин аст аҳаммияти воқеии «Намунаи адабиёти тоҷик»: он на танҳо гузаштаро ҳифз кард, балки ояндаро сохт! Аз ин рӯ, зарур аст, ки ин асар низ мисли «Тоҷикон»-и аллома Бобоҷон Ғафуров ва «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ бо теъдоди зиёд нашру дастраси ҳар як хонаводаи тоҷик гардонида шуда, ҷиҳати омӯзиши ҳамаҷонибаи он дар сатҳи муассисаҳои таълимӣ ҳамасола озмунҳои ноҳиявию ҷумҳуриявӣ баргузор карда шавад.

Эҳсон САФАРЗОДА,
номзади илми филология

Дар ноҳияи Роштқалъа парки технологӣ бунёд карда мешавад.

Ҳар он кина, к-аз дил бувад хоста,
Набинад-ш ҳаргиз касе коста.
Абушакури Балхӣ

ФАРМОИШИ
ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 03.04.2026,
№409, ш. Душанбе

Дар бораи сари вақт омода намудани муассисаҳои соҳаи маорифи ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2026-2027

Мутобиқи бандҳои 1.1 ва 1.2 Нақшаи чорабиниҳо оид ба сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2026-2027» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2026, №178), моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва банди 11 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145 тасдиқ гардидааст, ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Нақшаи чорабиниҳо оид ба сари вақт омода намудани муассисаҳои соҳаи маорифи ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2026-2027 тасдиқ карда шавад (замимаи 1).

2. Ситод дар назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сари вақт омода намудани муассисаҳои соҳаи маорифи ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2026-2027 таъсис дода шавад (замимаи 2).

3. Роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат, сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ректорон, директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва директорони муассисаҳои таҳсилоти умумии мақоми ҷумҳуриявидошта раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ректорон, директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва директорони муассисаҳои таҳсилоти умумии мақоми ҷумҳуриявидошта тирамоҳу зимистони солҳои 2026-2027 зери назорати қатъӣ қарор дода, аз натиҷаи иҷрои корҳо то 10-уми ҳар моҳ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиб маълумот ирсол намояд.

4. Шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатӣ уҳдадор карда шавад, ки рафти омодагии муассисаҳои соҳаи маорифи ҷумҳуриро барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2026-2027 зери назорати қатъӣ қарор дода, аз натиҷаи иҷрои корҳо то 10-уми ҳар моҳ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиб маълумот ирсол намояд.

5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон – сарпарасти соҳаи иқтисод гузошта шавад.

Асос: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2026, №178 ва раводиди ман.

Вазир **Раҳим Саидзода**

Замимаи 1
ба фармоиши вазири маориф
ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 3 апрели соли 2026, №409

НАҚШАИ ЧОРАБИНИҲО
оид ба сари вақт омода намудани муассисаҳои соҳаи маорифи ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2026-2027

№	НОМГӮИ ЧОРАБИНИҲО	МУҲЛАТИ ИҶРО	ИҶРОКУНАНДАГОН
1.	Барои назорат ва ҳамоҳангсозии корҳо ҷиҳати фаъолияти мунтазами муассисаҳои таълимӣ ва дигар иншооти соҳаи маориф дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2026-2027 ситодҳои фаврӣ таъсис дода шавад (зербанди 1.1 нақшаи чорабиниҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон)	То 1 майи соли 2026	Роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат, сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ректорон, директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва директорони муассисаҳои таҳсилоти умумии мақоми ҷумҳуриявидошта
2.	Таҳия ва тасдиқи Нақшаи чорабиниҳо оид ба сари вақт омода намудани муассисаҳои соҳаи маориф ба давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2026-2027 (зербанди 1.2 нақшаи чорабиниҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон)	То 1 майи соли 2026	Роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат, сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ректорон, директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва директорони муассисаҳои таҳсилоти умумии мақоми ҷумҳуриявидошта
3.	Муайян ва ба Вазорати маориф ва илм пешниҳод намудани бақияи маводи сӯхт (ангишт, ҳезум, сӯзишвории дизелӣ), ки аз соли гузашта боқӣ мондааст	То 1 майи соли 2026	Сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ректорон, директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва директорони муассисаҳои таҳсилоти умумии мақоми ҷумҳуриявидошта
4.	Бо назардошти бақияи маводи сӯхт ва дар мувофиқа бо мақомоти дахлдор муайян, таҳия, тасдиқ ва ба Вазорати маориф ва илм пешниҳод намудани талаботи воқеии муассисаҳои соҳаи маорифи ҷумҳурӣ ба ангишт, ҳезум, сӯзишвории дизелӣ, шишабандӣ, масоҳати таъмири ҷорӣ гузаронидашаванда ва озуқаворӣ барои мавсими тирамоҳу зимистони солҳои 2026-2027 (зербанди 2.5 нақшаи чорабиниҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон)	То 1 майи соли 2026	Сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ректорон, директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва директорони муассисаҳои таҳсилоти умумии мақоми ҷумҳуриявидошта
5.	Барои тасдиқ ба мушоваравии Вазорати маориф ва илм пешниҳод гардонидани нақшаи талаботи муассисаҳои соҳаи маорифи ҷумҳурӣ ба ангишт, ҳезум, сӯзишвории дизелӣ, маҳсулоти хӯрокворӣ, шишабандӣ, масоҳати таъмири ҷорӣ барои давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2026-2027	Моҳи майи соли 2026	Шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатии Вазорати маориф ва илм
6.	Ҳамкорӣ намудан бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати дар доираи маблағҳои пешбининамудаи буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ дар семоҳаи дуюм ва сеюм таъмин намудани маблағҳо барои иҷрои корҳои таъмирӣ, хариди маводи сӯзишворӣ, аз ҷумла, ангишт, ҳезум ва сӯзишвории дизелӣ	Аз моҳи май то сентябри соли 2026	Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм, сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ректорон, директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва директорони муассисаҳои таҳсилоти умумии мақоми ҷумҳуриявидошта
7.	Андешидани тадбирҳо ҷиҳати ҷалби соҳибкорон, ҷудо намудани маблағ аз ҳисоби маблағҳои озод, барзиёди даромад нисбат ба харочоти буҷетҳои маҳаллӣ ва ҷалби кумаки беруна ҷиҳати ба роҳ мондани фаъолияти дегхонаҳо бо мақсади бо гармӣ таъмин намудани муассисаҳои соҳаи маорифи ҷумҳурӣ (зербанди 3.6 нақшаи чорабиниҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон)	Доимӣ	Сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ректорон, директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва директорони муассисаҳои таҳсилоти умумии мақоми ҷумҳуриявидошта
8.	Гирифтани шиносномома ҷиҳати ба давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2026-2027 омода будани системаи гармидиҳии вазорат, муассисаҳои тобеи вазорат, муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, умумӣ, олии касбӣ ва дигар иншооти соҳаи маориф, ки дар ҳудуди шаҳри Душанбе ҷойгир ва ба системаи ягонаи гармидиҳии мутамарказ пайваст мебошанд	Аз моҳи август то 1 октябри соли 2026	Шуъбаи хоҷагидории Вазорати маориф ва илм, роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат, сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, мудирони шуъбаҳои маорифи ноҳияҳои Сино, Шоҳмансур, Фирдавсӣ, Исмоили Сомонӣ, роҳбарони муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе, ректорон ва директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии воқеъ дар ҳудуди шаҳри Душанбе
9.	Андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати таъмини иҷрои нақшаи гузаронидани таъмири ҷорӣ дар муассисаҳои соҳаи маорифи ҷумҳурӣ (зербанди 3.3 нақшаи чорабиниҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон)	то 25 августи соли 2026	Роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат, сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ректорон, директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва директорони муассисаҳои таҳсилоти умумии мақоми ҷумҳуриявидошта
10.	Андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати таъмини иҷрои нақшаи захираи ангишт, ҳезум, сӯзишвории дизелӣ, шишабандӣ, маҳсулоти озуқаворӣ дар муассисаҳои соҳаи маорифи ҷумҳурӣ (зербанди 3.3 нақшаи чорабиниҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон)	То 1 октябри соли 2026	Сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ректорон, директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва директорони муассисаҳои таҳсилоти умумии мақоми ҷумҳуриявидошта
11.	Тибқи талабот таъмин намудани синфхонаҳои муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ бо печҳои аловӣ ё баркӣ	То 1 октябри соли 2026	Сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ректорон, директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва директорони муассисаҳои таҳсилоти умумии мақоми ҷумҳуриявидошта
12.	Бо мақсади пешгирӣ аз ҳолатҳои сар задани ҳодисаи сӯхтор дар муассисаҳои таълимие, ки бо печҳои аловӣ гармӣ таъмин карда мешаванд, гирду атрофи лӯлаҳои дудбарори азбестӣ ва ё оҳанин дар қисмати боми бино аз сатҳи бомпӯш то болопӯши бино бо истифода аз хишти пухта маҳкам карда шуда, бехатарии он аз ҳолатҳои сар задани сӯхтор таъмин карда шавад	Доимӣ	Сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ректорон, директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва директорони муассисаҳои таҳсилоти умумии мақоми ҷумҳуриявидошта

16 апрел дар ДТТ ба номи академик М. С. Осимӣ таҳти унвони «Илм – асоси рушди инноватсионӣ» конференсияи XI байналмилалӣ баргузор гардид.

13.	Андешидани чораҳо ҷиҳати пешгирӣ намудани ҳодисаҳои нохуши сӯхтор дар бинову иншооти соҳаи маориф, давра ба давра муҷаҳҳаз гардонидани биноҳо бо системаи автоматикии аз сӯхтор воқифкунанда ва бартараф намудани камбудиҳои ҷойдоштае, ки омили сар задани сӯхтор мегардад (зербанди 3.16 нақшаи чорабиниҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон)	Доимӣ	Роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат, сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ректорон, директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва директорони муассисаҳои таҳсилоти умумии мақоми ҷумҳуриявидошта
14.	Диққати ҷиддӣ зоҳир намудан ҷиҳати харидорӣ намудани ангишти хушсифат	Ҳангоми харидорӣ	Бо масъулияти шахсии роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва сардони раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, инчунин, ректорон ва директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ
15.	Насб намудани ҳисобкунакҳои обӣ ва фурӯзонакҳои диодӣ дар тамоми муассисаҳои соҳаи маорифи ҷумҳурӣ ҷиҳати сарфакорона ва мақсадноки маблағҳои буҷетӣ	Доимӣ	Роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат, сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ректорон, директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва директорони муассисаҳои таҳсилоти умумии мақоми ҷумҳуриявидошта
16.	Пешниҳоди ҳисобот оид ба истифодаи захираи ангишт, ҳезум сӯзишвории дизелӣ дар муассисаҳои соҳаи маориф тибқи шаклҳои ягонаи тасдиқшуда (зербанди 4.4 нақшаи чорабиниҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон)	Дар давраи тирамоҳу зимистон	Сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ректорон, директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва директорони муассисаҳои таҳсилоти умумии мақоми ҷумҳуриявидошта
17.	Ҷиҳати назорати муассисаҳои соҳаи маориф, новобаста аз шакли моликият ва тобеият оид ба пайваст намудани неруи барқи изофагӣ ва ғайриқонунӣ чораандешӣ карда шуда, ҳисобкунакҳои барқӣ, иҷозатнома, шартнома ва тамоми ҳуҷҷатҳои зарурӣ тибқи талаботи қонунгузорӣ ба роҳ монда шавад	Доимӣ	Роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат, сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ректорон, директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва директорони муассисаҳои таҳсилоти умумии мақоми ҷумҳуриявидошта
18.	Пешниҳод намудани маълумоти хаттӣ ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омодагии муассисаҳои таълимӣ ба давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2026-2027 тибқи шаклҳои тасдиқгардида	То 25-уми ҳар моҳ	Сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ректорон, директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва директорони муассисаҳои таҳсилоти умумии мақоми ҷумҳуриявидошта
19.	Дар ҷаласаҳои ҳайати мушовара, ситод ва маҷлиси назоратии назди вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор додани корҳои дар ин самт баанҷомрасида	Тибқи нақшаи кории вазорат ва нақшаи гузаронидани ҷаласаҳои ситод	Шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатии Вазорати маориф ва илм
20.	Таъин ва ба Вазорати маориф ва илм пешниҳод намудани шахси масъул аз ҳисоби кормандони асосӣ барои назорати вазъи ҳуҷҷатгузорӣ ва бехато пешниҳод намудани маълумот оид ба иҷрои бандҳои нақша-чорабинии мазкур (бо нишон додани вазифаи ишғолнамуда, рақами телефон ва почтаи электронии доимоамалкунанда)	То 1-уми майи соли 2026	Сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ректорон, директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва директорони муассисаҳои таҳсилоти умумии мақоми ҷумҳуриявидошта

Замимаи 2
ба фармоиши вазири маориф
ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 3 апрели соли 2026, №409

ҲАЙАТИ

Ситод дар назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сари вақт омода намудани муассисаҳои соҳаи маорифи ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2026-2027

1. Бадриддин Музаффарзода – муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори Ситод;
2. Тоирзода Муҳаммадалӣ – сардори шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатӣ, муовини сардори Ситод;
3. Ҳусензода Ануша – мутахассиси пешбари шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатӣ, котиби Ситод.

Аъзо:

1. Сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;
2. Роҳбарони муассисаҳои тобеи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;
3. Сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ;
4. Ректорон, директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва директорони муассисаҳои таҳсилоти умумии мақоми ҷумҳуриявидошта.

Шакли №1/1-1, 2

МАЪЛУМОТ
доир ба рафти омодагӣ ва захиранамоии маводҳои асосии ғизоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, интернатҳо ва муассисаҳои миёнаи умумии ҷумҳуриявӣ барои фаъолият дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2026-2027 (ба ҳолати _____)

	Номи муассиса	Орд (тонна)			Равған (тонна)			Биринҷ (тонна)			Шакар (тонна)			Картошка (тонна)			Пиёз (тонна)			Сабзӣ (тонна)			Консерваҳо, куттии шартӣ		
		Нақша	Иҷроиш	Фоиз	Нақша	Иҷроиш	Фоиз	Нақша	Иҷроиш	Фоиз	Нақша	Иҷроиш	Фоиз	Нақша	Иҷроиш	Фоиз	Нақша	Иҷроиш	Фоиз	Нақша	Иҷроиш	Фоиз	Нақша	Иҷроиш	Фоиз
1																									
2																									
	Ҳамагӣ:																								

Эзоҳ: нақша ва захиракунии маводи ғизоӣ дар муассисаҳои таълимӣ аз моҳи сентябр то моҳи мартро дар бар мегирад.

Ному насаб, имзо ва муҳри сардори сарраёсат, раёсат, шуъба ва муассисаҳои дахлдор ҳатман гузошта шавад.

Шакли №1/1-3

МАЪЛУМОТ
доир ба рафти омодагӣ ва захиранамоии маводи асосии гармидиҳӣ дар муассисаҳои соҳаи маориф ва илм барои фаъолият дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2026-2027 (ба ҳолати _____)

	Номи муассиса	Ангишт (тонна)						Ҳезум (м³)						Сӯзишвории дизелӣ (литр)					
		Бақия дар аввали мавсим	Нақшаи (бо назардошти бақия)	Захира (бо назардошти бақия)	Фоиз	Истифодабарӣ дар мавсим	Бақия дар охири мавсим	Бақия дар аввали мавсим	Нақшаи (бо назардошти бақия)	Захира (бо назардошти бақия)	Фоиз	Истифодабарӣ дар мавсим	Бақия дар охири мавсим	Бақия дар аввали мавсим	Нақшаи (бо назардошти бақия)	Захира (бо назардошти бақия)	Фоиз	Истифодабарӣ дар мавсим	Бақия дар охири мавсим
1																			
2																			
	Ҳамагӣ:																		

Ному насаб, имзо ва муҳри сардори сарраёсат, раёсат, шуъба ва муассисаҳои дахлдор ҳатман гузошта шавад

Шакли №1/1-4

МАЪЛУМОТ
доир ба рафти омодагии воситаҳои гармидиҳӣ дар муассисаҳои соҳаи маориф ва илм барои фаъолият дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2026-2027 (ба ҳолати _____)

	Номи муассиса	Дегхонаҳо (бо дарназардошти дегхонаҳои хурд)			Гармкунакҳои баркӣ			Печҳои аловӣ			Шишабандӣ (метри мураббаъ)		
		Шумора	Дар ҳолати корӣ	Фоиз	Шумора	Дар ҳолати корӣ	Фоиз	Шумора	Дар ҳолати корӣ	Фоиз	Нақша	Иҷро (м²)	Фоиз
1													
2													
	Ҳамагӣ:												

Ному насаб, имзо ва муҳри сардори сарраёсат, раёсат, шуъба ва муассисаҳои дахлдор ҳатман гузошта шавад

Дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон даври донишгоҳии озмуни «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» доир шуд.

ЯК РӮЗ ДАР ДОНИШКАДА

Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон мутахассисонро дар соҳаи санъати тасвирӣ ва дизайн дар дараҷаи бакалавр, магистр ва докторҳо тайёр менамояд, ки он соли 2013 таъсис дода шудааст. Муассиса дар бинои собиқ Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Биноӣ, дар гулгашти рӯ ба рӯйи муҷассамаи устод Садриддин Айнӣ ҷойгир аст. Бо мақсади огаҳӣ пайдо кардан аз фаъолияти ин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба ин даргоҳ омадем.



Офарандагон ва тарғибгарони зебоӣ

Ректори донишкада, номзади илми меъморӣ Сирочиддин Ҷӯрахонзода моро хуш пазируфт ва иттилоъ дод, ки тӯли фаъолияти начандон зиёд муассиса тавонист, ҳунару маҳорати баланди санъати тасвирӣ, ҳунармандӣ ва тамаддуни волои тоҷикро дар намоишҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ муаррифӣ намояд. Айни замон донишкада дорои се факултет, ҳашт кафедра, шуъбаҳои таълим, илм ва корҳои эҷодӣ, методӣ, тайёрӣ, бахши магистратура ва аспирантура, такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳо, маркази бачагонаи рассомӣ, устохонаҳои тахассусӣ мебошад.

Дар донишкада мутахассисони риштаҳои зинданигорӣ, ҳайкалтарошӣ, коркарди бадеии чӯб, санъати ороиши амалӣ, кулолгарии бадеӣ, заргарии бадеӣ ва тарроҳии либос ва матоъ омода карда мешаванд.

– Шогирдону устодони муассисаи таълимии мо дар аксар чорабиниҳои сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ иштироки фаъолона доранд. Масалан, моҳи марти соли ҷорӣ,-гуфт С. Ҷӯрахонзода, – як гурӯҳ шогирдон дар нахустин Бозиҳои Делфии кишварҳои узви Созмони Ҳамкории Шанхай, ки дар шаҳри Бишкеки Ҷумҳурии Қирғизистон баргузор гардид, ширкат варзиданд. Дар ин бозиҳо беш аз панҷсад нафар ҳунарманди ҷавон аз кишварҳои узви СҲШ аз рӯйи ёздаҳ номинатсияи фарҳангию ҳунарӣ рақобат намуданд. Дар ин чорабинии сатҳи байналмилалӣ донишҷӯйи курси чоруми ихтисоси дизайн (костюм ва газвор) Малика Расулӣ дар номинатсияи санъати тасвирӣ соҳиби медали тилло гардид. Ҳамзамон, омӯзгори кафедраи санъати ороиши амалӣ ва монументалӣ Шаҳноза Гулмадова аз рӯйи равияи ҳунарҳои халқӣ ва бадеӣ сазовори медали биринҷӣ шуд.

***

Баъдан бо машғулияти донишҷӯён ва устодони онҳо аз наздик шинос шудем. Сардори шуъбаи илм, корҳои эҷодӣ ва инноватсия Шаҳноз Сайфуллоева ҳангоми иштирок дар машғулиятҳо моро ҳамроҳӣ кард.

Ба ҳуҷраи дӯзандагӣ ворид гардидем. Донишҷӯдухтарон, таҳти роҳбарии омӯзгор Маҳфуза Алимардонова, ба нақшакашиву буридан, андозагирии матоъ ва дӯхтани либосҳои гуногун машғул буданд. Омӯзгор ба фаъолияти духтарон назорат карда, ба ҳар кадом барои беҳтар дӯхтани либос, андозагирӣ, шакл ва нақшдӯзӣ, интихоби матоъ маслиҳатҳои муфид медод.

– Соли чордаҳум аст, ки курси «Дӯзандагӣ» фаъолият мекунад. Толибилмон ва хоҳишмандони берунаро низ қабул намуда, ба тариқи шартнома ҳунар меомӯзонем. Дар ҳар як курс 10-15 нафар фаро гирифта мешаванд. Тавассути воситаҳои электронии ахбор ва шабакаҳои телевизионӣ таблиғ намуда, курсҳоро ба муддати муайян созмон медиҳем ва аз маблағи бадастомада воситаҳои дӯхтану матоъ, рангу риштаҳоро харидорӣ менамоем,-мегӯяд М. Алимардонова.

Курси дӯзандагӣ се моҳ идома ёфта, духтарон соҳиби касбу ҳунар ва сертификат мегарданд.

– Курси «Дӯзандагӣ» дар назди кафедраи тарҳрезии либос ташкил шудааст,- иттилоъ дод зимни суҳбат мудири кафедраи мазкур Маргарита Сотникова. Вай гуфт, хатмкардаи Институти бофандагии шаҳри Иваново ба номи Михаил Фрунзеи Федератсияи Россия буда, ихтисоси муҳандис-технологро дорад. Мақолаҳои зиёди илмиаш ба чоп расида, дастури таълимие ҳам бо номи «Истеҳсолоти дӯзандагӣ» дорад, ки ҳангоми кор духтарон – донишҷӯён аз он истифода мебаранд.

– Тавассути телевизионҳо ва интернет зиёд мушоҳида мекунам, ки либосҳои миллии чакан, атласу адрас зиёд тарғиб мегарданд. Ин иқдоми хеле хуб аст. Тарғиби либоси миллӣ ба ман писанд аст. Охир, ҳар кишвар бояд соҳиби либоси миллии худ бошад ва ҳатман аз рӯйи тамаддун ва тарзи либоспӯшӣ дигарон бояд миллати моро шиносанд,-ақида дорад М. Сотникова. – Барои ҳамин, тасмим гирифтем, ки минбаъд ба духтарон тарроҳӣ кардан ва дӯхтани либосҳои миллиро омӯзонем.

Дар суҳбат бо мудири кафедраи санъатшиносӣ, номзади илми таърих Бика Ёғибекова маълум гардид, ки кафедра соли 2019 ташкил ёфта, айни замон дар он дувоздаҳ нафар омӯзгор фаъолият мекунанд. Маҳфили «Дунёи санъат» созмон дода шудааст, ки шогирдону устодони кафедра доир ба фаъолияти рассомони миллӣ, русу аврупоӣ ва умуман, ҷаҳон шинос гардида, маълумоти фаровон мегиранд.

Донишкада имрӯз 1200 донишҷӯ дорад. Таҳсил ба таври шартнома ва ҳам буҷавӣ ба роҳ монда шудааст. Аз ин теъдод 50 фисади донишҷӯён ғоибхонанд. Ба онҳое, ки ба хобгоҳ эҳтиёҷ доранд, (барои 600 нафар) шароити будубош фароҳам оварда шудааст.

Ҳангоми машғулияти донишҷӯён бо як иддае аз онҳо суҳбат намудем. Манучеҳр Боймуродов дар курси якуми факултети санъати тасвирӣ мехонад. Вай нақл кард, ки тавассути Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам бо супоридани имтиҳони эҷодӣ ба донишкада дохил гардидааст. Хатмкардаи МТМУ №11-и ноҳияи Шаҳринав аст. Бародараш Беҳрӯз низ ҳамин соҳаро хатм кардааст.

– Ҳангоме ки дар синфи ҳафтум мехондам,-мегӯяд Манучеҳр,-ба тасвирҳои кашидаи бародарам зеҳн мемондам ва тадриҷан меҳрам ба касби интихобкардааш зиёд гардид. Мехоҳам баъди хатми мактаби олӣ омӯзгори расм ва нақшакашӣ шаваму ба шогирдони ояндаам сеҳри касбамро омӯзонам. Шикебо Шукурова низ пас аз хатми МТМУ №42-и ноҳияи Айнӣ ба ин даргоҳ дохил шуда, баъд аз супоридани имтиҳон донишҷӯ шуд.

Ба гуфти ӯ апааш – Лайло низ хатмкардаи ҳамин донишкада аст ва меҳри расмкаширо ӯ дар дилаш парваридааст. Дугонаи ӯ Фарзона Идиева мегӯяд, дар ҳақиқат, агар аз хурдӣ завқ набошад, ба мақсад расидан душвор аст. Баъзе расму портретҳоро такрор ба такрор бояд тасвир кард. Аз ин рӯ, дар кори мо сабру тоқат доштан муҳим аст. Ҳамсабақи онҳо Муҳаммад Соҳибов худро сокини ноҳияи Мастчоҳ муаррифӣ намуд ва тасдиқ кард, ки ҳунари расмкашиву манзараофарӣ бояд дар кӯдакӣ ташаккул ёбад. Муҳаммад мехоҳад, ки пас аз хатми донишкада омӯзгори санъати тасвирӣ ё нақшакашӣ шавад. Донишҷӯи курси 3 Фарангис Саидова зикр намуд, ки бисёриҳо ба дарсҳои расмкашию нақшакашӣ чандон таваҷҷуҳ зоҳир намекунанд, ҳол он ки хеле муҳим буда, дар ҳаёти ҳамарӯза ба кор меоянд. Ман низ мехоҳам, ки омӯзгори ин фанҳо шаваму нозукиҳои касбамро ба шогирдон омӯзонам.

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар донишкада ҳашт кафедра – забонҳо ва фанҳои гуманитарӣ, санъатшиносӣ, графика ва миниатюраи ба номи Ф. Хоҷаев, мусаввирӣ ва ҳайкалтарошӣ, ороиши амалӣ ва монументалӣ, технологияи иттилоотӣ ва иқтисод, дизайн ва меъморӣ ба номи Карим Наҷмиддинов, тарҳрезии бадеии либос мавҷуд аст.

– Дар назди ҳар кафедра маҳфилҳо амал мекунанд. Аз ҷумла, дар назди кафедраи забонҳо ва фанҳои гуманитарӣ панҷ маҳфил мавҷуд аст, ки дар се моҳи соли ҷорӣ 15 маҳфил баргузор гардид,-гуфт омӯзгори кафедраи забонҳо ва фанҳои гуманитарӣ, сардори шуъбаи таълим Тошмаҳмад Пиров.

Яке аз роҳҳои ҷалби донишҷӯён ва сайқал додани касби онҳо дар ин муассисаи таълимӣ вобаста ба ихтисоси интихобкардаашон муҳайё будани дастурҳои таълимист. Чунонки мудири китобхона Умед Одинабеков иброз дошт, дар назди китобхона низ маҳфили «Дӯстдорони китоб» амал мекунад. Мудир ва ду китобдори дигар – Муҳаббат Шарифова ва Беҳрӯз Шарифов дар хидмати устодону шогирдони донишкадаанд. Масалан, дар се моҳи сипаригардида ду маҳфил баргузор гардид. Ҳоло китобхонаи донишкада дорои 12 122 дона китоб ва 6700 китоби электронист. Мутаассифона, китобҳо аксаран бо забони русианд. Тарҷумаи се дастур доир ба либосдӯзӣ, композитсия ва наққошӣ ба нақша гирифта шудааст.

– Дар баробари дигар корҳо тайёр намудани кормандони илмӣ-педагогӣ низ ба эътибор гирифта мешавад,-мегӯяд сардори шуъбаи таълим Ш. Сайфуллоева. – Айни замон дар донишкада ҳашт унвончӯ ва ҳашт доктори фалсафа, (PhD) доктор аз рӯйи ихтисос ба ҷустуҷӯҳои илмӣ машғуланд.

Бо мудири бахши хоҷагӣ Баҳром Сафаралиев аксари устохонаҳо, лабораторияҳои эҷодии муассисаро аз назар гузаронда, мутмаин шудем, ки фазои ором ва хеле илҳомовари донишкада асоси пешрафту барори кори эҷодии омӯзгорону донишҷӯёни муассиса аст.

Дарвоқеъ, соҳибкасб будани шахс омили на танҳо пешрафту ободии ҷомеа, балки боло рафтани сатҳи зиндагӣ ва боиси обрӯву эътибори махсус пайдо намудани ӯ дар байни ҷомеа мегардад.

Ҳотам ҲОМИДЗОДА,
«Омӯзгор»

ҲУНАРОМӮЗӢ

Мактаби ҳунару зиндагӣ

Дар замони пешрафти техникаву технология ҷомеа ба ҷавононе ниёз дорад, ки на танҳо соҳиби дониш, балки боҳунар низ бошанд. Зеро ҳунар инсонро мустақил ва устувор месозад. Маҳз ҳамин рисолатро фанни технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таълимӣ ба уҳда дорад.

Меҳнат яке аз воситаҳои муҳимми камолоти шахсият ба шумор меравад. Тавассути он кӯдак сабр, таҳаммул, дақиққорӣ ва эҳтиром ба заҳматро меомӯзад. Фанни технология (таълими меҳнат) ба духтарон имкон медиҳад, ки дар баробари омӯзиши назария, амалан эҷод кунанд, офаранд ва натиҷаи дастранҷи худро бубинанд.

Вақте ки хонанда бо дастони худ либос медӯзад, ё намунаи бофтаеро анҷом медиҳад, дар қалби ӯ эҳсоси ифтихор ва боварӣ ба худ пайдо мешавад. Технология (таълими меҳнат) самтҳои гуногунро фаро мегирад:

- омӯзиши техникаи бехатарӣ, шиносоӣ бо асбобҳо, кор бо мошини дарздӯзӣ, тартиби пайдарпайии иҷрои амалҳо;

- қолабкашӣ, буриш, дӯзандагӣ, таъмири либос;

- интихоби дурусти ранг ва матоъ, тарроҳии либос, ороиши миллӣ ва мосир;

- ҳисоб кардани хароҷот, муайян намудани нархи аслии маҳсулот, банақшагирии буҷет;

- шиносоӣ бо касбҳои гуногун, ташхис ва омодагӣ ба интихоби дурусти роҳ дар зиндагӣ.

Ман ҳамчун омӯзгори ҷавон кӯшиш менамоям, ки баҳри шогирдон намуна бошам. Дорои ҳунарҳои дӯзандагӣ, пазандагӣ ва бофандагӣ буда, ин маҳоратҳои худро ба шогирдон меомӯзонам.

Дар раванди дарсҳо хонандагон мустақилона қолаб мекашанд, матоъ интихоб мекунанд, либос медӯзанд, мебофанд ва ҳатто омодасозии баъзе нумудҳои хӯрокро низ аз худ мекунанд.

Бонуи соҳибҳунар дар ҳаёт мавқеи устувор дорад ва метавонад дар оила ва ҳам дар ҷомеа нақши созанда дошта бошад.

Технология (таълими меҳнат) мактаби зиндагист. Он духтаронро ба ҳаёти мустақилона омода месозад, дар онҳо ҳисси эҷодкорӣ ва масъулиятро бедор мекунад. Мо-омӯзгорон бояд бо меҳр, сабр ва эҷодкорӣ кор кунем, то дар қалби шогирдон муҳаббат ба меҳнат ва эҳтиром ба ҳунарро парвариш намоем.

Хайринисо ВАЛИЕВА,
омӯзгори технологияи
МТМУ №111-и ноҳияи Сино

Аз 25 апрел то 1 май бахшида ба моҳвораи ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон Фестивали ҷумҳуриявии «Дӯстии ҷавонон» баргузор мегардад.

ҚОБИЛИЯТИ ЗЕҲНӢ

ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО ДОИР БА ОЛИМПИАДА

Машғулияти ҳаштум (синфҳои 8 ва 9)
Татбиқи решабарорӣ дар ҳалли масъалаҳо

Масъалаи 39. Решаи квадратиро бо тарзи ратсионалӣ озод кунед: $\sqrt{4444488889}$.

Масъалаи 40. Решаи квадратиро бо тарзи ратсионалӣ озод кунед (аз олимпиадаи чинӣ): $\sqrt{11111112222222} - 3333333$.

Масъалаи 41. Ҳисоб кунед: $\sqrt{\frac{1111111088888889}{123456787654321}}$.

Масъалаи 42. Ҳисоб кунед: $\sqrt[3]{2{,}7\%}$.

Масъалаи 43. Решаи кубиро бо тарзи ратсионалӣ озод кунед: $\sqrt[3]{999700029999}$.

Масъалаи 44. Ҳисоб кунед: $\sqrt{2023^2 + 2023^2 \cdot 2024^2 + 20242}$.

Ҳалли масъалаҳо

39. Ҳал. Ифодаи зери решаи квадратиро ба разрядҳо ҷудо намуда, онро табдил медиҳем:

$4444488889 = 4444400000 + 88880 + 9 = 44444 \cdot 10^5 + 8888 \cdot 10 + 9 =$

$= 4 \cdot 11111 \cdot 10^5 + 8 \cdot 1111 \cdot 10 + 9 = 4 \cdot \frac{99999}{9} \cdot 10^5 + 8 \cdot \frac{9999}{9} \cdot 10 + 9 =$

$= 4 \cdot \frac{10^5 - 1}{9} \cdot 10^5 + 8 \cdot \frac{10^4 - 1}{9} \cdot 10 + 9 = \frac{4 \cdot (10^5)^2 - 4 \cdot 10^5 + 8 \cdot 10^5 - 8 \cdot 10 + 81}{9} =$

$= \frac{4 \cdot (10^5)^2 + 4 \cdot 10^5 + 1}{9} = \frac{(2 \cdot 10^5 + 1)}{9} = \left(\frac{(200000 + 1)}{3}\right)^2 = \left(\frac{(200001)}{3}\right)^2 = 66667^2.$

Пас, $\sqrt{4444488889} = \sqrt{66667^2} = 66667$ аст.

Ҷавоб: 66667

Тарзҳои дигари аз решаи квадратӣ баровардани адади матлубро ба хонандагон пешбинӣ мекунем.

40. Ҳал. Ифодаи зери решаи квадратиро ба тариқи зерин ба ҳамзарбҳо ҷудо мекунем:

$11111112222222 - 3333333 = 11111110000000 + 2222222 - 3333333 =$

$= 1111111 \cdot 10000000 + 2 \cdot 1111111 - 3 \cdot 1111111 =$

$= 1111111 \cdot (10000000 + 2 - 3) = 1111111 \cdot (10000000 - 1) =$

$= 1111111 \cdot (10000000 + 2 - 3) = 1111111 \cdot 999999999 =$

$= 1111111 \cdot 9 \cdot 1111111 = 1111111^2 \cdot 3^2 = (1111111 \cdot 3)^2 = 3333333^2.$

Аз ин рӯ, ифодаи матлуб намуди зерин доро мешавад:

$\sqrt{11111112222222 - 3333333} = \sqrt{3333333^2} = 3333333.$

Ҷавоб: 3333333.

41. Ҳал. Махраҷи каср $11^2 = 121$, $111^2 = 12321$, $1111^2 = 1234321$, …, $1111111^2 = 123456787654321$ мебошад.

Акнун сурати касрро ба намуди зерин табдил медиҳем:

$1111111088888889 = 1111111000000000 + 88888888 + 1 =$

$= 11111110 \cdot 10^8 + 88888888 + 1 = (11111111 - 1) \cdot 10^8 + 8 \cdot 11111111 + 1$

Дар натиҷа ифодаи матлубро ба намуди зерин менависем:

$\sqrt{\frac{1111111088888889}{123456787654321}} = \sqrt{\frac{(1111111 - 1) \cdot 10^8 + 8 \cdot 11111111 + 1}{11111111^2}} =$

Дар ифодаи ҳосилшуда $1111111 = a$ ишора мекунем:

$\sqrt{\frac{(a-1)\,10^8 + 8a + 1}{a^2}} = \sqrt{\frac{10^8 a - 10^8 + 8a + 1}{a^2}} =$ (1)

Маълум аст, ки $10 = 9 + 1 = 9 \cdot 1 + 1$;

$10^2 = 100 = 99 + 1 = 9 \cdot 11 + 1$;

$10^3 = 1000 = 999 + 1 = 9 \cdot 111 + 1$; ...:

$10^8 = 99999999 + 1 = 9 \cdot 1111111 + 1 = 9 \cdot a + 1$ мебошад.

Пас ифодаи (1) ба намуди зерин соҳиб мегардад:

$\sqrt{\frac{10^8 a - (9a + 1) + 8a + 1}{a^2}} = \sqrt{\frac{10^8 a - 9a - 1 + 8a + 1}{a^2}} = \sqrt{\frac{10^8 a - a}{a^2}} = \sqrt{\frac{a\,(10^8 a - 1)}{a^2}} =$

$= \sqrt{\frac{10^8 - 1}{a}} = \sqrt{\frac{99999999}{a}} = \sqrt{\frac{9 \cdot 1111111}{11111111}} = \sqrt{9} = 3.$

Ҷавоб: 3.

42. Ҳал. Азбаски $1\% = \frac{1}{100}$ мебошад, бинобар ин, $2{,}7\% = 2{,}7 \cdot 1\% = \frac{27}{10} \cdot \frac{1}{100} =$

$= \frac{27}{1000} = \frac{3^3}{10^3} = \left(\frac{3}{10}\right)^3 = (0{,}3)^3$ шуда, $\sqrt[3]{2{,}7\%} = \sqrt[3]{(0{,}3)^2} = 0{,}3 = 0{,}3 \cdot 100 \cdot \frac{1}{100} = 30 \cdot 1\%$

$= 30\%$ мешавад.

Ҷавоб: 30%

43. Ҳал. Ифодаи зери решаи кубиро ба разрядҳо ҷудо намуда, онро табдил медиҳем: $999700029999 =$

$999000000000 + 700000000 + 20000 + 9999 = 999 \cdot 10^9 + 7 \cdot 10^8 + 2 \cdot 10^4 + 9999 =$

$= (1000 - 1) \cdot 10^9 + 7 \cdot 10^8 + 2 \cdot 10^4 + 10^4 + 10000 - 1 =$

$= (10^3 - 1) \cdot 10^9 + 7 \cdot 10^8 + 2 \cdot 10^4 + 10^4 - 1 = 10^{12} - 10^9 + 7 \cdot 10^8 + 3 \cdot 10^4 - 1 =$

$= 10^{12} - 10^8(10 - 7) + 3 \cdot 10^4 - 1 = 10^{12} - 3 \cdot 10^8 + 3 \cdot 10^4 - 1 =$

Акнун ифодаи ҳосилшударо ба намуди формулаи кубӣ дуузва менависем:

$= (10^4)^3 - 3 \cdot (10^4)^2 \cdot 1 + 3 \cdot 10^4 \cdot 1^2 - 1^3 = (10^4 - 1)^3.$

Пас, $\sqrt[3]{999700029999} = \sqrt[3]{(10^4 - 1)^3} = 10^4 - 1 = 9999$ мешавад.

Ҷавоб: 9999.

44. Ҳал. Зери решаи квадратиро ба намуди зерин менависем:

$\sqrt{2023^2 + 2023^2 \cdot 2024^2 + 20242} = = \sqrt{2023^2 + 2023^2 \cdot (2023 + 1)^2 + (2023 + 1)^2} =$

Дар зери решаи гузориши $2023 = n$-ро татбиқ мекунем:

$\sqrt{n^2 + n^2 \cdot (n+1)^2 + (n+1)^2} = = \sqrt{n^2\left(1 + (n+1)^2 + \left(\frac{n+1}{n}\right)^2\right)} =$

$= n \cdot \sqrt{1 + n^2 + 2n + 1 + \left(1 + \frac{1}{n}\right)^2} = = n \cdot \sqrt{1 + n^2 + 2n + 1 + 1 + \frac{2}{n} + \frac{1}{n^2}} =$

$= n \cdot \sqrt{n^2 + \frac{1}{n^2} + 2n + \frac{2}{n} + 3} =$

$= n \cdot \sqrt{\left(n + \frac{1}{n}\right)^2 + 2\left(n + \frac{1}{n}\right) + 1} =$

$= n \cdot \sqrt{\left(n + \frac{1}{n} + 1\right)^2} = n\left(n + \frac{1}{n} + 1\right) = n^2 + n + 1.$

$= 2023^2 + 2023 + 1 = 4094553.$

Ҷавоб: 4094553.

Мамадҷон МАҲКАМОВ,
профессори кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

Физика ва рушди тафаккури илмӣ

Физика яке аз фанҳои асосии табиатшиносӣ аст, ки на танҳо маҷмуи қонунҳо ва формулаҳо, балки омили асосии ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, рушди фикрронии мантиқӣ ва тарбияи шахсияти хонанда мебошад.

Физика илми таҷрибавӣ мебошад. Таҷриба дар дарси физика воситаи муҳим барои ташаккули тафаккури илмӣ аст. Вақте ки хонанда худ таҷрибаро анҷом медиҳад:

- мушоҳида мекунад;
- андозагирӣ мекунад;
- натиҷаҳоро муқоиса мекунад;
- хулоса мебарорад.

Ин амалҳо қобилияти таҳлил ва муқоисаро ташаккул мебахшанд. Таҷриба ба хонанда нишон медиҳад, ки дониш бояд бо далел тасдиқ шавад. Бо ҳамин роҳ, шавқи тадқиқ ва ҷустуҷӯи ҳақиқат дар зеҳни хонанда инкишоф меёбад.

Физика хонандаро меомӯзонад, ки ҳар як фарзия ё андешаро санҷад. Дар илм ҳар як қонун бо таҷриба тасдиқ мешавад. Ин усул ба рушди тафаккури танқидӣ мусоидат мекунад. Тафаккури танқидӣ чунин маъно дорад, ки инсон:

- маълумотро бе андеша қабул намекунад;
- савол медиҳад;
- далел талаб мекунад;
- хулосаи асоснок мебарорад.

Дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ, ки маълумоти гуногун дар дастрасӣ аст, ин қобилият муҳим мебошад.

Гарчанде физика илми дақиқ аст, тафаккури эҷодиро низ инкишоф медиҳад. Барои фаҳмидани бисёр ҳодисаҳо, хонанда бояд тасаввороти амиқ дошта бошад. Масалан, ҳангоми омӯзиши мавҷҳои электромагнитӣ ё сохтори атом хонанда тасаввур мекунад, ки равандҳо чӣ гуна мегузаранд. Ин қобилият зеҳни эҷодиро фаъол мегардонад. Олимони бузург, мисли Эйнштейн бо истифода аз тафаккури эҷодӣ назарияҳои нав пешниҳод намуданд.

Тамоми дастовардҳои техникии замони муосир ба қонунҳои физика асос ёфтаанд. Масалан:

- неругоҳҳои баркӣ;
- компютерҳо;
- телефонҳои мобилӣ;
- дастгоҳҳои тиббӣ;
- кайҳоннавардӣ.

Фаҳмидани асосҳои физика ба инсон имкон медиҳад, ки бо техника муносибати огоҳона дошта бошад.

Омӯзиши физика чунин сифатҳоро тарбия мекунад:

- дақиққорӣ;
- сабр;
- масъулият;
- таҳаммул;
- меҳнатдӯстӣ.

Ин сифатҳо дар зиндагии шахсӣ ва фаъолияти касбӣ аҳаммияти калон доранд. Бисёре аз ихтисосҳо ба донишҳои физикӣ такя мекунанд: муҳандисӣ, тиб, энергетика, технологияҳои иттилоотӣ, сохтмон. Бе донистани асосҳои физика тайёр кардани мутахассисони босалоҳият имконнопазир аст.

Шаҳноза ҶАМОЛЗОДА,
омӯзгори МТМУ №4-и ноҳияи Айнӣ

Математик-занҳои шинохта

Ҳангоми омӯзиши таърихи тӯлонии математика аксар вақт бо номҳои ошное дучор мешавем, ки дар рушди ин илм осори фаромӯшнашаванда гузоштаанд. Аз ҷумла, Исаак Нютон, Готфрид Лейбнитс, Рене Декарт, вале ҳамзамон, бо як қатор одамони беиҳоят донишманд ва қобилиятнок дучор мешавем, ки занҳо мебошанд. Мо дар бораи математикҳои мард бисёр маълумот дорем, аммо дар бораи математикҳои зан чӣ? Мо дар ҷустуҷӯи риёзидонҳои маъруфи зан китобҳои зиёд, қомусномаҳо, луғату маълумотномаҳо, сомонаҳои русӣ ва англисиро омӯхтем. Дар аввал, пас аз кофтуков, ба назар, чунин менамуд, ки дар таърих зиёда аз даҳ нафар риёзидони маъруфи занро намеёбем, аммо рӯйхат зиёд шуд ва ниҳоят, 233 нафарро ташкил дод.

Ҳоло дар бораи яке аз намояндаи барҷастаи фалсафа ва математикаи Юнони Қадим, инчунин, ситорашинос ва табиб Гипатияи Искандария маълумот медиҳем. Гипатияи Искандария (асри IV) тибқи тавсифи муаррихон, зани фавқулода ва заковатманд буд.

Гипатия духтари риёзидони маъруфи юнонӣ Теони Искандария аст, ки тафсирҳои осори астрономии Птоломей ва «Ибтидо»-и машҳури Евклидро навиштааст.

Ӯ таҳсилоти худро таҳти роҳбарии падараш, ки ба олимони мактаби Искандария мансуб буд, гирифт. Навиштаҳои ӯ то ба мо нарасидаанд, вале маълум аст, ки Гипатия оид ба назарияи қисматҳои конусии Аполлонии Перги ва навиштаҳои алгебравии Диофантии Искандария шарҳҳои муфассал навиштааст.

Гуфта мешавад, ки Гипатия бо ихтироъ кардани гидрометр – асбоби муайянкунандаи зичии моеъ, астроляб-асбоби муайян кардани арзу тӯли астрономия ва планисфера-тасвири кураи осмонӣ дар самолёт хисоб карда мешавад, ки тавассути он баландшавӣ ва маҷмуи ҷирмҳои осмониро ҳисоб кардан мумкин аст.

Тақрибан дар соли 400, Гипатия ба мактаби машҳури Искандария даъват карда шуд. Гипатия дар кафедраи фалсафа ба шунавандагони сершумор лексияҳо мехонд. Шуҳрати ӯ ба берун аз Искандария паҳн шуд. Гипатия одатан лексияҳои худро бо пешниҳоди саволҳои интихобшудаи риёзӣ оғоз карда, сипас ба татбиқи он ва дигар илмҳо мегузашт, ки маҷмуи онҳо фалсафаи қадимиро ташкил медод.

Гуфта мешавад, ки Гипатия дар асри 4 дар Искандария зиндагӣ карда, илмҳои математика, астрономия, фалсафаро омӯхтааст.

Таҳияи С.УМАРОВ,
ассистенти кафедраи усули таълими математика ва геометрияи ДМТ
Ф.ОЧИЛОВ,
омӯзгори гимназия-парваришгоҳи ноҳияи Рӯдакӣ

Дил зи ғаллу ғаш ҳамеша пок дор,
То тавонӣ, кина дар сина мадор!
Фаридуддини Аттор

АФКОР

Фаъолият судманд мегардад, агар...

Рӯзи кайҳоннавардон ҳар сол 12 апрел ҷашн гирифта мешавад ва он ба хотири нахустин парвози инсон ба кайҳон бахшида шудааст. Ин рӯйдоди таърихӣ бо номи кайҳоннаварди машҳур Юрий Гагарин алоқаманд аст, ки соли 1961 бори аввал ба фазо парвоз карда, саҳифаи навро дар таърихи илму технология боз намуд.

Боре дар кишвари Олтой осорхонаи кайҳоннавардонро тамошо кардам. Осорхона яке аз маконҳои ҷолиби фарҳангӣ ва илмӣ ба ҳисоб меравад. Он ба таърихи рушди кайҳоннавардӣ ва саҳми инсон дар омӯзиши кайҳон бахшида шудааст. Осорхона дар деҳаи машҳури Полковниково зодгоҳи кайҳоннаварди маъруф Герман Титов ҷойгир мебошад. Ӯ дуюмин инсон дар ҷаҳон буд, ки баъд аз Юрий Гагарин ба кайҳон парвоз кард.

Осорхонаи мазкур дорои намоишгоҳҳои гуногун мебошад, ки дар онҳо таҷҳизоти кайҳонӣ, либосҳои махсуси кайҳоннавардон, аксҳо ва ҳуҷҷатҳои таърихӣ ба намоиш гузошта шудаанд.

Дар ин осорхона расмеро дидам, ки дар он кӯдаке дар болои боми хона истода, ба осмон ва моҳ менигарист. Ин тасвир сода, аммо пурмазмун буд. Кӯдак дар расм мисли шахсе нишон дода шудааст, ки ба осмон бо шавқ ва орзу менигарад. Боми хона рамзи оғози роҳ аст, ҷойе, ки инсон ҳанӯз дар Замин аст, вале фикраш аллакай ба баландӣ парвоз мекунад. Нигоҳ ба Моҳ бошад, орзуи парвоз, кашфи кайҳон ва расидан ба макони номаълумро ифода мекунад. Ин тасвир орзуи кӯдакии як кайҳоннавард буд. Маҳз чунин орзуҳо инсонро ба кашфиёти бузург мебаранд.

Муҳити осорхона пур аз эҳсоси илҳом ва ифтихор буда, инсонро водор месозад, ки дар бораи ҷойгоҳи худ дар олам андеша намояд. Боздид аз ин макон барои ҳар як шахсе, ки ба илм ва кайҳон шавқ дорад, таҷрибаи фаромӯшнашаванда хоҳад буд.

Имрӯз низ муҳим аст, ки мо наврасону ҷавононро ба илму дониш ҷалб намоем. Ин кор бояд на танҳо дар мактабҳо, балки тавассути таҳсилоти иловагӣ, маҳфилҳои илмӣ, марказҳои эҷодӣ ва барномаҳои омӯзишӣ амалӣ гардад.

Рӯзи кайҳоннавардон ба ҷавонон илҳом мебахшад, то орзу кунанд, биомӯзанд ва барои рушди илм саҳм гузоранд. Бо боварии комил гуфта метавонем, ки аз миёни онҳо оянда олимон, муҳандисон ва кашшофони бузург ба камол хоҳанд расид.



Рӯзи кайҳоннавардон дар кишвар, хусусан, дар муассисаҳои таълимӣ ҷашн гирифта мешавад. Чорабиниҳои илмӣ, вохӯриҳо, намоишгоҳҳо ва озмунҳо баргузор мегарданд, ки ҳадафи онҳо баланд бардоштани шавқи наврасону ҷавонон ба илму технология мебошад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханроniҳои худ пайваста ба рушди илмҳои дақиқ, тақвияти ҷаҳонбинии илмӣ ва тарбияи насли наврасу ҷавон дар руҳияи донишандӯзӣ таъкид менамоянд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ ба рушди илму маориф аҳаммияти махсус дода мешавад. Барои тарбияи насли донишманд ва шавқманд ба фанҳои дақиқ тадбирҳои судманд андешида шудааст. Аз ҷумла, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани сатҳи донишҳои хонандагон дар соҳаҳои физика, астрономия ва технологияҳои муосир барномаҳои таълимиро такмил дода, озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалиро баргузор менамояд. Ин гуна тадбирҳо ба рушди тафаккури илмии наврасону ҷавонон мусоидат мекунанд. Дар ин самт, нақши муҳимро марказҳои таҳсилоти иловагӣ мебозанд. Дар ин марказҳо маҳфилҳои «Астрономия», «Технологияҳои иттилоотӣ» ва «Ихтироъкорони ҷавон» фаъолият мекунанд, ки хонандагон донишҳои худро такмил дода, ба корҳои эҷодӣ ва тадқиқотӣ машғул мегарданд.

Дар баробари ин, дар кишвар озмунҳои эҷодӣ, аз қабили «Кайҳон аз нигоҳи ман», намоишгоҳҳо ва семинарҳо баргузор мешаванд, ки дар онҳо хонандагон орзуву тасаввуроти худро дар бораи кайҳон баён мекунанд. Маҳз чунин иқдомҳо замина фароҳам меоранд, то насли наврасу ҷавон дар рушди илму технология саҳми арзанда гузоранд.

Муяссара ДАВЛАТЗОДА,
директори Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

ЗАБОНОМӮЗӢ

Омили муваффақият

Дар шароити рушди босуботи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ талабот ба мутахассисоне, ки забонҳои русӣ ва англисиро хуб медонанд, меафзояд. Бинобар ин, андешидани чорабиниҳои самарабахши баҳри инкишофи минбаъдаи шаклу усулҳои таълим ва омӯзиши забонҳои русию англисӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Чорабиниҳои мақсаднок андешидашуда метавонанд доираи имконоти истифодабарӣ ва таҳияи методикаи муосири таълим, такмил додани маводи таълимӣ ва технологияи таълим, аз ҷумла, мултимедия, инчунин, воситаҳои худомӯзии фардиро васеъ намоянд.

Калиди комёбиҳо

Ба такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таълимӣ, ки ба ташаккули фарҳанги муошират мусоидат мекунад, таваҷҷуҳи бештар зоҳир мегардад. Ҳар як забон, аз ҷумла, русӣ ва англисӣ ифодагари фарҳанги воқеии ҷомеа маҳсуб меёбад. Тавассути аз худ кардани забонҳои русӣ ва англисӣ инсон, ҳамзамон, ба фарҳанги миллии дигарон низ ошно мешавад.

Раванди ҷаҳонишавӣ тақозо дорад, ки ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ, махсусан, забонҳои англисӣ ва русӣ, дар муассисаҳои таълимӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шавад. Дар дарсҳои забони русӣ ва англисӣ бояд бештар ба ташаккули қобилияти муоширати хонандагон аҳаммият дода шавад. Чунончи луғатомӯзӣ як қисмати муҳимми забономӯзӣ маҳсуб меёбад. Омӯзгор, қабл аз ҳама, ба хонандагон бояд моҳияти луғатомӯзиро шарҳ диҳад, ки зиёд донистани луғат нутқи ӯро ташаккул дода, суханрониашро мукаммал менамояд.

Донистани ин ё он забон ба кас имкон медиҳад, ки аз бурду бохт вазъият ва камбудию талаботи рӯзмарраи ҳаёт огаҳ гардад.

Пешрафти босуръати техникаи муосир, рушди соҳибкорӣ, афзалияти талабот ба муошират бо халқҳои гуногун водор месозанд, ки ба сатҳи забондонии наврасону ҷавонон диққати махсус дода шавад.

Роҳандозии «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» саривақтӣ буда, барои иҷрои он на танҳо омӯзгорони забонҳои русӣ ва англисӣ масъуланд, балки зарурати барномаро аҳли ҷомеа, фаъолон, кумитаи падару модарон, омӯзгорони дигар фанҳо низ бояд дарк намоянд ва дар татбиқи он саҳмгузор бошанд.

Омӯзгорони забонҳои русӣ ва англисиро зарур аст, ки дар фаъолияти педагогии худ методҳои гуногуни таълимро истифода баранд, то шавқу рағбати муҳассилин ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ бештар гардад.

Исроил РАҶАБОВ,
роҳбари иттиҳодияи методии омӯзгорони фанҳои забони русӣ ва англисии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6-и ноҳияи Зафаробод


Омӯзиши забонҳои хориҷӣ имкон медиҳад, ки бо одамони гуногун дар тамоми ҷаҳон муошират карда, ба фарҳанги дигарон ошноӣ пайдо кунем ва фикру андешаи худро равшан баён намоем.

Бо омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз қабили англисӣ, русӣ, олмонӣ наврасон тафаккур, тахайюлу эҷодкорӣ ва заковати фикриро сайқал медиҳанд. Ҳар дарс ба онҳо кумак мекунад, ки ояндаи худро бо донишҳои муфид ва малакаҳои ҳаётан зарурӣ такмил бахшанд. Забони хориҷӣ, инчунин, ба дӯстӣ ва ҳамкории байни халқҳо кумак мекунад, зеро ҳар забон пули дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ мебошад.

Забон на танҳо барои таҳсил, балки барои муошират, таҳкими дӯстӣ ва рушди шахсият нақши муҳим мебозад. Он ба наврасон ёрӣ мерасонад, ки орзуҳои худро ба воқеият табдил диҳанд, бо ҷаҳон аз зовияҳои гуногун шинос шаванд ва муносибатҳои фарҳангиро рушд диҳанд.

Париноз МИРЗОЕВА,
омӯзгори МТМУ №44-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ

РИСОЛАТ



Роҳҳои такмили фаъолияти омӯзгорон

Синфҳои ибтидоӣ зинаи асосии ташаккули шахсияти хонанда ба ҳисоб меравад, зеро дар ин давра заминаҳои саводнокӣ, тафаккур, ахлоқ ва муносибат ба омӯзиш гузошта мешаванд. Аз ин рӯ, фаъолияти омӯзгори синфҳои ибтидоӣ, бахусус, мутахассисони ҷавон, масъулияти баланд ва омодагии ҷиддии касбиро талаб менамояд.

Омӯзгор дар синфҳои ибтидоӣ тарбиятгари шахсияти кӯдак ба ҳисоб меравад. Муносибати меҳрубонона, сабру таҳаммул ва дарки хусусиятҳои синнусолии хонандагон имкон медиҳанд, ки муҳити мусоиди таълимӣ фароҳам оварда шавад.

Барои баланд бардоштани самаранокии таълим ба омӯзгорони ҷавон тавсия дода мешавад, ки аз усулҳои фаъоли таълим, аз ҷумла, саволу ҷавоб, кори гурӯҳӣ ва аз маводи аёнӣ истифода баранд. Пайвастани мавзуи дарсӣ ба ҳаёти рӯзмарра шавқи хонандагонро зиёд намуда, фаҳмиши онҳоро мустаҳкам мегардонад.

Дар ташаккули тафаккур ва нутқи хонандагон нақши китоб ва мутолиа зиёд аст.

Ҳамкории омӯзгор бо волидон аз омилҳои асосии муваффақият дар раванди таълим мебошад.

Фаъолияти босамари омӯзгори ҷавон дар синфҳои ибтидоӣ омили муҳимми ташаккули шахсияти хонандагон ба ҳисоб меравад. Истифодаи усулҳои муосир ва масъулиятшиносӣ метавонанд сатҳи сифати таълимро баланд бардоранд.

Давлатбӣ ҲАЛИМОВА,
омӯзгори МТМУ №2-и ноҳияи Муъминобод

Дар ноҳияи Варзоб даври ноҳиявии Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» доир шуд.

ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ



САД КАСБУ КОРИ ЯК ДАРГОҲ

Инобатхон Худоева – хонандаи синфи 9-уми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №4-и ноҳияи Шаҳринав буда, чор сол аст, барои ёд гирифтани нозукиҳои касби дӯзандагӣ ва такмили забондошияш дар маҳфилҳои муассисаи таҳсилоти иловагии ноҳияи Шаҳринав иштирок мекунад. Дар маҳфили ҳунаромӯзии «Дастони моҳир духтарак тарзи омода намудани либосҳои миллии занона ва дастпӯшаку ҷӯробро омӯхтаву зимни иштирок дар маҳфили «Забони русӣ» бошад, сатҳи забондониаш хуб гаштааст. Ин барояш имкон дод, то асарҳои зиёди адибони дунёро бо забони русӣ мутолиа намуда, дар номинатсияи адабиёти ҷаҳони озмуни «Фурӯғи субҳи доной китоб аст» ширкат варзида, то ба даври ҷумҳуриявӣ роҳ ёбад. Чун И. Худоева имрӯз 850 кӯдаку наврас дар 14 маҳфили фанниву ҳунаромӯзии муассисаи таҳсилоти иловагии ноҳия дар 53 гурӯҳ ҷалб шудаанд.

– Фарогирӣ бо таҳсилоти иловагӣ яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти соҳаи маориф маҳсуб ёфта, ба рушди ҳамаҷонибаи кӯдакону наврасон мусоидат мекунад. Муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ берун аз барномаи таълимӣ фаъолият намуда, ба хонандагон имкон медиҳанд, ки қобилияту истеъдодҳои худро дар самтҳои гуногун рушд диҳанд. Соли ҷорӣ дар муассисаи мо 380 нафар писар ва 390 нафар духтар ба маҳфилҳои инкишофи нутқ, забони англисӣ, забони русӣ, малакаҳои компютерӣ, химия, физика, биология, таърих, мусиқӣ, гулдӯзии миллӣ, бофандагӣ, дӯзандагӣ, дастони моҳир, бокс ҷалб гардидаанд,-иброз дошт директори муассисаи таҳсилоти иловагӣ Наргис Нуриддинова.

– Бояд қайд намуд, ки дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ 10 синфхона, китобхона ва толори варзишӣ мавҷуд мебошад. Толори варзишӣ бо дастгирии президенти ассотсиатсияи байналмилалии бокс Умар Кремлёв бо маблағи 320 ҳазор сомонӣ таъмиру азнавсозӣ ва муҷаҳҳаз гардидааст,-гуфт директор ва афзуд, – алҳол мушкилии асосиамон таъмири умумӣ (капиталӣ)-и бино аст. Барои ҳалли он борҳо ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия мурочиат намудем, ваъда доданд, ки ҳал мекунанд.

Муассиса аз соли 2015 дорои мустақилияти молиявӣ буда, маблағ барои маоши кормандон ва 5000 сомонӣ барои таъмири ҷузъии бино ҷудо мегардад. Дар ин ҷо 14 нафар омӯзгор, ки аз ин теъдод 9 нафарашон дорои маълумоти олианд, кор мекунанд.

Бонуи ҳунарманд, чевари гулдаст Тоҷинисо Ҷалилова мегӯяд, ки тӯли 46 сол аст, маҳфили дӯзандагии муассисаро роҳбарӣ менамояд. Давоми солҳои фаъолият шогирдони зиёде соҳибкасб бинмудааст.

Т. Ҷалилова иброз дошт, ки имсол дар маҳфил дар чор гурӯҳ 40 нафар шогирд дорам. Дар оғоз ба шогирдон нозукиҳои дарзи дастӣ ва баъдан кор бо мошинаи чокдӯзиро меомӯзонем. Мо дар муассиса чор мошинаи дарздӯзӣ дорем, ки дутояш аз кор баромадааст. Бинобар ин, ду мошина барои омӯзиш басанда нест, лекин кӯшиш мекунем, бо навбат ба духтарон тарзи кор бо онҳоро ёд диҳем.

Бо мақсади ҷалби бештари хонандагон ба машғулиятҳои иловагӣ, баланд бардоштани маҳорату истеъдод ва завқи онҳо ҳамасола дар муассисаи таҳсилоти иловагӣ чорабиниҳои гуногун, аз қабили озмунҳои «Чевари беҳтарин», «Иди гулҳо», «Модар – ганҷинаи меҳр», «Наврӯз – мероси ниёгон», «Забон донӣ – ҷаҳон донӣ», «Доноях» роҳандозӣ мегарданд. Ҳамчунин, аъзои маҳфилҳои муассиса пайваста дар озмунҳои ноҳиявию ҷумҳуриявӣ иштирок карда, соҳиби диплому ҷоизаҳо мегарданд.

Меҳрангез Хушмуродова яке аз дастпарварони фаъоли маҳфили «Дастони моҳир»-и муассисаи таҳсилоти иловагӣ ва хонандаи синфи 10-уми мактаби рақами 1 аст, ки меҳри ҳунар дар қалби ӯ аз хурдӣ маъво гирифта. Модар кӯрпаву кӯрпача, тагсариву дастархони қуроқ медӯхту ҷемпиру ҷӯроб мебофт ва фарзанд беихтиёр мафтуни ҳунари волояш мегашт. Оҳиста-оҳиста Меҳрангез аз модар ва устодони муассисаи таҳсилоти иловагӣ ҳунарашонро омӯхт. Имрӯз гарданбанду дастбанд, ҳамёнчаҳои муҳрагини занона, ҷӯробу дастпӯшак, куртаву токиҳои сохтаву бофта ва дӯхтаи ӯро анқариб дар тамоми намоишҳои ноҳиявӣ ва ҷумҳуриявӣ дидан мумкин аст.

Соли 2023 дар муассиса бо дастгирии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилоти Иттиҳоди Аврупо, ташкилоти ҷамъиятии «Ҳамсол ба ҳамсол» озмоишгоҳи инноватсионӣ ташкил шуд. Озмоишгоҳ аз рӯйи се барнома «Пешсаф», «Лаёқат», «Тик» фаъолият намуда, дар заминаи он маркази таҳсилоти иловагӣ бо 10 компютер, 2 принтер ва 1 тахтаи электронӣ таъмин гардид. Давоми ин муддат 350 нафар наврас пас аз омӯзиши кор бо компютер ва барномасозӣ соҳиби сертификат шудаанд.

Мутахассисон – кормандони муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бар он назаранд, ки вақти холии наврасонро самаранок истифода мебаранд. Машғул шудан ба омӯзиш ва фаъолияти муфид онҳоро аз таъсири манфии муҳити берунна ва рафтори номатлуб дур нигоҳ медорад. Ин омил дар тарбияи насли солим аҳаммияти калон дорад. Бо дарназардошти ҳамин нукта ва рушди ҳамаҷонибаи кӯдакону наврасон, ҳамасола дар фасли тобистон дар муассисаи таҳсилоти иловагӣ бо фарогирии 180 нафар дар чор гурӯҳ истироҳатгоҳи наздимуассисавӣ ташкил карда мешавад.

Шаҳноза БОБОМУРОДОВА,
«Омӯзгор»

МУЛОҲИЗА ВА ПЕШНИҲОД

Ба кӯдакони гирифтори бемории полиомиелит таваҷҷуҳи ҷиддӣ мебояд

Масъалаи ҳифзи саломатии кӯдакони осебпазир ва фароҳам овардани шароити муносиб барои таълиму тарбияи онҳо дар сиёсати иҷтимоии давлат яке аз самтҳои муҳим ба шумор рафта, давлат тавассути санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлатӣ барои таъмини ҳуқуқи ҳамаи кӯдакон ба таҳсил, новобаста аз ҳолати саломатӣ, шароити мусоид фароҳам меорад.

Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳа кафолат медиҳанд, ки ҳамаи кӯдакон, новобаста аз имкониятҳои ҷисмонӣ ва равонӣ ба ҳимояи иҷтимоӣ ва дастрасӣ ба таҳсил ҳуқуқ доранд. Ин меъёр, махсусан, барои кӯдакони дорои маъюбият, аз ҷумла, гирифторони полиомиелит, аҳаммияти калон дорад.

Ҳамзамон, Ҷумҳурии Тоҷикистон узви Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқҳои кӯдак мебошад, ки тибқи он ҳар як кӯдак ҳуқуқ ба ҳаёт, рушд, таълим ва ҳифзи иҷтимоӣ дорад. Дар ин санади байналмилалӣ таъкид мешавад, ки тамоми ҳуқуқҳои кӯдакон баробар ва ҷудонашаванда мебошанд.

Аз ин рӯ, таълиму тарбияи кӯдакони гирифтори полиомиелит бояд дар асоси принсипҳои баробарӣ, фарогирӣ (инклюзия) ва эҳтиром ба шахсияти кӯдак ба роҳ монда шавад.

Кӯдакони гирифтори бемории полиомиелит ба дастгирии махсуси иҷтимоӣ, равонӣ ва педагогӣ ниёз доранд. Полиомиелит бемории сироятӣ буда, асосан, ба системаи асаб таъсир мерасонад ва метавонад боиси фалаҷ гардидани узвҳои ҳаракаткунанда гардад.

Барои чунин кӯдакон мактаб-интернатҳои махсус таъсис дода мешаванд, ки дар онҳо на танҳо таълим, балки табобат, барқарорсозӣ ва тарбияи иҷтимоӣ низ амалӣ карда мешавад.

Мактаб-интернати ҷумҳуриявии низомаш махсуси шаҳри Ҳисор дар ҷумҳурӣ ягона муассисаи таълимиест, ки дар он рушди ҳамаҷонибаи шахсияти кӯдак ва мутобиқсозии ӯ ба ҳаёти мустақил таъмин карда мешавад.

Кӯдакони гирифтори бемории полиомиелит дорои як қатор хусусиятҳо мебошанд. Аз ҷумла:

- маҳдудияти ҳаракат (фалаҷ ё сустии мушакҳо):
- хастагии зуд:
- эҳсоси камбоварӣ ба худ:
- мушкилоти мутобиқшавӣ дар муҳити иҷтимоӣ.

Дар баробари ин, аксарияти онҳо қобилияти хуби зеҳнӣ доранд. Аз ин рӯ, вазифаи асосии омӯзгорон ва мураббиёни мактаб-интернат фароҳам овардани шароити мусоид барои инкишофи қобилиятҳои зеҳнии онҳо мебошад. Дар мактаб-интернат муҳити мувофиқ барои зиндагӣ ва таҳсили чунин кӯдакон фароҳам оварда шуда, таълиму тарбияи онҳо бо дарназардошти имкониятҳои ҷисмонӣ ташкил карда шуда, бо онҳо аз ҷониби мутахассисони соҳаҳои гуногун (омӯзгорон, равоншиносон, духтурон) табобати мунтазам ва машқҳои барқарорсозӣ гузаронида мешаванд. Фароҳам овардани чунин муҳит ба кӯдакон имкон медиҳад, ки худро дар муҳити фаъол ва бехатар эҳсос намоянд.

Бояд таъкид намуд, ки раванди таълим дар мактаб-интернати ҷумҳуриявии низомаш махсуси шаҳри Ҳисор аз рӯйи принсипҳои фардикунонии таълим сурат гирифта, бо дарназардошти имконоти ҷисмонӣ барои ҳар як кӯдак барномаи инфиродӣ тартиб дода, усулҳои фаъоли таълим, методҳои интерактивӣ, бозиҳои таълимӣ ва технологияҳои муосир истифода мешаванд, то кӯдак фаъолона иштирок намояд.

Ба кӯдакон малакаҳои ҳаётӣ (навиштан, истифодаи таҷҳизот, худхизматрасонӣ) омӯзонида мешаванд, синфхонаҳо ва таҷҳизот барои ҳаракати кӯдакон мутобиқ карда мешаванд (пандусҳо, мизҳои махсус, аробачаҳои маъюбӣ ва ғайра).

Дар баробари таълим ва офиятбахшии кӯдакон тарбия ҳамчун қисми ҷудонашавандаи ин раванд дорои аҳаммияти махсус буда, самтҳои асосии зеринро дар бар мегирад:

- тарбияи ахлоқӣ (ростқавлӣ, эҳтиром);
- тарбияи зебоипарастӣ;
- тарбияи иҷтимоӣ (ҳамкорӣ, муошират);
- тарбияи меҳнатӣ (омӯзиши касбҳои сабук);
- тарбияи миллӣ;
- тарбияи ватанпарастӣ;
- тарбияи экологӣ;
- тарбияи мустақилият.
- тарбияи ҳуқуқӣ.

Ҳадафи асосӣ ва аввалиндараҷа дар раванди таълиму тарбия он аст, ки кӯдакон худро ҳамчун узви баробар ва пурқимати ҷомеа эҳсос намоянд, зеро кӯдакони гирифтори полиомиелит аксар вақт ба дастгирии равонӣ ниёз доранд. Аз ин рӯ, дар мактаб-интернат зарур аст, ки равоншинос фаъолият дошта бошад. Равоншинос руҳияи кӯдаконро баланд бардошта, кумак менамояд, ки онҳо ба худ боварӣ дошта бошанд. Чунин муносибат шиддати изтиробу тарси дарунии онҳоро паст намуда, барои мутобиқшавии онҳо дар гурӯҳ кумак менамояд.

Дар баробари ин, равоншинос бо омӯзгорон, мураббиён ва падару модарон дар мавриди тарзҳои муносибат бо кӯдакон суҳбату вохӯриҳо мегузаронад, ки ин амал барои тарбияи иҷтимоии кӯдакон нақши муҳим мебозад.

Ҳамкорӣ бо оила ҳамчун шарики асосии муассисаи таълимӣ дар шакли машваратҳои мунтазам, ҷалби волидайн ба раванди таълим, омӯзонидани шаклҳои муносибат ва дастгирии кӯдак дар хона дар рушди беҳтари кӯдак мусоидат намуда, дар онҳо боварӣ ба худ ва эҳсоси баробарӣ бо дигар ҳамсолонро тақвият мебахшад.

Барои он ки кӯдакони маъюб дар ҷомеа ҷойгоҳи худро ёбанд, мебояд онҳоро ба зиндагии мустақил омода намуд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки муассисаи таълимӣ ба онҳо малакаҳои касбӣ ва мустақилият дар қабули қарорҳоро омӯхта, ҳисси масъулиятшиносиро дар онҳо ташаккул диҳад.

Муҳим аст, ки ҷомеа ба чунин кӯдакон бо эҳтиром ва дастгирӣ муносибат намояд, зеро ҳар як кӯдак, новобаста аз вазъи саломатиаш, ҳуқуқ ба таҳсил ва зиндагии шоиста дорад.

Роҳила НУРАҲМАДЗОДА,
директори мактаб-интернати ҷумҳуриявии низомаш махсуси шаҳри Ҳисор,
номзади илмҳои педагогӣ

Аз 29 апрел то 2 май дар шаҳри Душанбе Фестивали байналмилалии «Рақс моро муттаҳид менамояд» баргузор мегардад.

Миёни ду тан оташ афрӯхтан
На ақл асту худ дар миён сӯхтан!
Саъдии Шерозӣ

КИТОБИ НАВ



Андар хидматҳои мондагори олими тавоно

Дар ҷомеа нафароне ҳастанд, ки кору пайкор ва фаъолияти онҳо барои дигарон намунаи ибрат буда, ҳастии хешро дар пешрафти илму маориф мебахшанд. Яке аз чунин шахсиятҳои варзида доктори илми филология, профессор, шодравон Баҳриддин Камолиддинов буданд. Мавсуф умре ба таълиму тарбия машғул гардида, дар пешрафти илмҳои забоншиносиву публитсистика ва омода намудани мутахассисони варзида саҳми босазо гузоштаанд. Устод Б. Камолиддинов то охири умр дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолияти пурсамар доштанд ва ҳамагон он касро эҳтирому эътироф менамуданд. Аз ин ҷост, ки дар бораи фаъолияти эшон мақолаву китобҳои зиёде навишта шудааст.

Вобаста ба одамият ва фаъолияти илмиву эҷодии мавсуф китоби доктори илми филология, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Меҳроб Ҷумъазода «Аз камоли одамият то камоли илму ирфон» (Душанбе, 2025. – 184 с.) ба нашр расид.

Дар китоб навиштаҳои муаллиф дар бораи корномаи Б. Камолиддинов гирдоварӣ шудаанд. Муаллиф роҷеъ ба ҳаёт ва паҳлуҳои гуногуни фаъолияти илмӣ, эҷодӣ ва омӯзгории ин олими нуктасанҷ сухан мегӯяд. Китоб аз ду қисмат иборат буда, дар қисмати аввал – «Андар шинохти устод» навиштаҳое чун «Устоди ширинкалом», «Нахустин мулоқот – як ҷаҳон таассурот», «Камоли одамӣ дар илм бошад» ва «Олим ва омӯзгори асил»-ро дар бар гирифтаанд. Муаллиф давраи кӯдакӣ, наврасӣ, таҳсили илм, камолоти шахсӣ ва фаъолияти илмӣ-омӯзгории Б. Камолиддиновро дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, нақши устод дар тарбияи мутахассисони дорои дараҷаи илмӣ ва саҳифаҳои ибратбахши зиндагии он касро тасвир кардааст.

Ҷанбаи бадеию публитсистии ин қисмати асар баланд буда, муаллиф кӯшиш кардааст, ки аз зовияҳои гуногун симои қаҳрамонро бозтоб намояд. Лаҳзаҳои овардашуда бештар бар пояи мушоҳидаҳои шахсӣ ва суҳбатҳо бо устод шакл гирифтаанд, ки аҳаммияти тарбиявию хештаншиносӣ дошта, инсонро ба омӯзишу заҳмат кашидан ва дорои хислатҳои ҳамида гардидан талқин мекунанд.

Қисмати дуюм – «Дар илм ба нияти амал кӯшида» бештар ҷанбаи илмӣ-амалӣ дошта, пажуҳишҳою таълифоти устод аз нигоҳи илмӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Мақолаҳои «Муҳаққиқи забон ва услуби Ҳаким Карим», «Профессор Баҳриддин Камолиддинов – муҳаққиқи забони матбуот», «Сухан аз баҳри дигарон гӯянд» – таҳқиқоти мукаммали илмӣ доир ба забони матбуот» ва «Чанд андеша дар бораи як асари мукаммали медиалингвистикии профессор Баҳриддин Камолиддинов» ба ин самт бахшида шудаанд.

Муаллиф дар ин бахш таҳқиқоти устод Б. Камолиддиновро дар соҳаҳои забоншиносӣ, забони матбуот ва медиалингвистика мавриди баррасӣ қарор додааст. Дарвоқеъ, асарҳои мондагори устод ба мисли «Сухан аз баҳри дигарон гӯянд» ва «Меъёри забони адабӣ ва забони матбуот» аз муҳимтарин пажуҳишҳои мавсуф дар самти таҳқиқи забони матбуот маҳсуб меёбанд. Дар ин асарҳо камбудиҳои забони рӯзномаҳо ва роҳҳои ислоҳи онҳо ба таври мушаххас нишон дода шудаанд, ки барои истифода дар амалияи журналистика муфид мебошанд.

Маълум мегардад, ки муҳаққиқ Меҳроб Ҷумъазода дар таълифи ин асар заҳмати зиёд кашида, паҳлуҳои гуногун фаъолияти илмӣ ва хидматҳои арзишманди устод Баҳриддин Камолиддиновро ба хонанда муаррифӣ намудааст. Омӯзиши китоби «Аз камоли одамият то камоли илму ирфон» барои унвончӯён, муҳаққиқон ва алоқамандони илмҳои забоншиносию журналистика судманд аст.

Н. ОХУНЗОДА,
«Омӯзгор»

БА ОЗМУНИ «РУШДИ МАОРИФ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ»

Қадам бо пайроҳаи устод

Яке аз рӯзҳои моҳи декабри соли 2022. Рухшона бояд ба пойтахти кишварамон – шаҳри Душанбе раҳсипор мешуд ва дар даври чоруми Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» аз рӯйи номинатсияи адабиёти классикӣ дар гурӯҳи омӯзгорон ширкат меварзид. Ӯ интизори нақлиёти мусофирбар аз шаҳри Хуҷанд буд. Интизориҳо ӯро ба хаёл бурд...

Соли 2002. Рухшона дар синфи шашум мехонд. Дарси адабиётро хеле интизорӣ мекашид. Ҳамин ки дарс оғоз мегашт, ӯ гӯё болу пар мебароварад. Ба онҳо муаллими варзида Атҳам Акбаров дарс медод. Устод хеле серталабу сахтгир бошад ҳам, ҳар як дақиқаи дарсаш пур аз меҳру муҳаббат буд.

Дар баробари ба синфхона ворид шудан, пас аз салому алейк, муаллим якбора чанд нафар хонандаро назди тахтаи синф даъват карда, супоришҳоро мепурсид. Ба Рухшона нигариста гуфт:

– Рухшона, духтарам, навбати ту, ба назди тахтаи синф баро, аз «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосими Фирдавсӣ кадом достонро азёд кардӣ?

Рухшона ба қироати порчае аз достони «Огоҳӣ ёфтани модар аз кушта шудани Суҳроб»-ро оғоз намуду чунон ба образ даромад, ки аз чашмони Рухшона ашк мерехт.

Махсусан, қироати порчаи ин достон дар синфхона оромиро ба амал оварда буд:

... Ба модар хабар шуд, ки Суҳроби гурд,
Ба теги падар хаста гашту бимурд
Бизад чангу бидрид пироҳанаш
Дурахшон шуд он лаъли зебо-танаш...
Ҳама хоки тира ба сар барфиканд,
Ба дандон зи бозуи худ гӯшт канд,
Ба сар барфиканд оташу барфурӯхт,
Ҳама мӯи мушкин ба оташ бисӯхт...

Устод, пас аз қироати достон, ба Рухшона гуфт:

– Духтарам, баҳоят «аъло», достонро бомаҳорат қироат кардӣ. Китоби «Шоҳнома»-ро ба ту медиҳам, дар вақти холӣ порчаҳо аз достонҳоро азхуд намо.

Аз ҳамон рӯз дар дили кӯчаки Рухшона меҳри азхуд кардани ашъори адабиёти классикии тоҷик пайдо гашт. Дар чанд озмун иштирок намуд, мукофотҳои амалашро гирифт. Ҳангоми таҳсил дар донишгоҳ дар озмуни қироат аз достонҳои «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ ширкат варзида, сазовори ҷои аввал гашт...

Нақлиёти мусофирбар омаду хаёли Рухшона пароканда гашт. Роҳбалад - намояндаи вилоят Рухшонаро хуш қабул карда, ҷойи нишасташро нишон доду гуфт:

– Мақомоти вилоят аз шумо умеди калон дорад. Ба шумо муваффақият орзумандам. Рухшона ба кӯҳҳои сарбафалаккашидаи атрофи роҳ нигоҳ карда, аз чашмонаш ашк мерехт. Аз як тараф, хурсанд буд, ки дар ин озмуне, ки бо дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташкил шудааст, иштирок менамояд, аз ҷониби дигар, суханони роҳбалад ӯро уҳдадор намуд, ки ҳатман ғолибиятро соҳиб гардида, номбардори шаҳру вилоят шавад.



Дар Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» дар номинатсияи адабиёти классикӣ байни омӯзгорон соли 2022 иштирок намуда, сазовори ҷойи дуюм гардид. Хурсандиаш ҳадду канор надошт. Охир, меҳнати чандинсолааш ҳамчун омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик натиҷа дод. Баъди ғолибият бо нишонии «Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» низ қадрдонӣ гардид...

Соли 2007. Хатмкунандагони фаъол талош мекарданд, ки тибқи квотаи Президентӣ ба мактабҳои олӣ дохил шаванд. Рухшона низ чунин орзуро дошт ва интизори хабари озмуни квотаи Президентӣ барои хонандагони болаёқат буд. Барояш дар интихоби касб падару модараш бетараф набуданд. Онҳо мехостанд, ки Рухшона чун бародаронаш соҳибмаълумот гардад. Ҳар бор сари дастурхон менишастанд, волидайнаш кадом ихтисосро интихоб кардани духтари ягонаашон Рухшонаро пурсон мешуданд. Модараш фикр мекард, ки мисли худаш Рухшона касби духтуриро интихоб мекунад, зеро аз фанҳои химияю биология баҳояш аълост ва қобилияти ба Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино дохил шуданро дорад. Рухшона ҳамеша хомӯш буд. Чӣ тавр ба падару модараш фаҳмонад, ки мехоҳад муаллими забон ва адабиёт шавад. Дар олимпиадаи фаннӣ аз ин фанҳо иштирок намуда, дар ҷумҳурӣ сазовори ҷойи дуюм гардидааст. Аввалин шогирди гимназия буд, ки сазовори стипендияи Президентӣ шудааст.

Падари Рухшона фаҳмид, ки Рухшона духтур шуданӣ нест. Рӯзе директори гимназия ба хатмкунандагон эълон кард, ки барои хонандагони болаёқату соҳибистеъдоди кишвар квотаи Президентӣ муайян гардидааст.

– Метавонем беҳтарин шогирдони гимназияро барои иштирок ба озмуни довталабони квотаи Президентӣ пешниҳод намоем. Ин хабарро Рухшона ба падараш расонид. Падари Рухшона медонист, ки барои се фарзанд якбора хароҷоти таҳсил осон нест. Тибқи квотаи Президентӣ дохил шудан ба донишгоҳ муфид аст. Бегоҳӣ ба қарор омаданд, ки Рухшона довталаби квотаи Президентӣ аз рӯйи ихтисоси забон ва адабиёт дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров гардад. Бахташ хандид. Гимназияро бо аттестати «аъло» хатм кард. Рухшона панҷ сол дар факултети забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров тибқи квотаи Президентӣ таҳсил карда, соҳиби маълумоти олӣ бо дипломи сурх гардида, ба зодгоҳаш баргашт.

Тақдир ӯро ба таълимгоҳи навтаъсиси МТМУ №59-и шаҳр овард. Рухшона бо як муҳаббати бепоён ба толибилмони муассиса дарс мегуфт. Ӯро котиби шурои омӯзгорӣ интихоб намуданд. Чанд дарси намунавӣ ташкил кард, ки ба он омӯзгорони шаҳр иштирок намуданд. Чанд маротиба ба вазифаҳои маъмурӣ ва давлатӣ даъват карданд, аммо бо як маром мегуфт: «Ман тибқи квотаи Президентӣ таҳсил намуда, соҳибмаълумот гардидаам, бояд ба шогирдони муассисаҳои таълимӣ дарс гӯям. Охир масъул ва вазифадор ҳастам, ки дар ҷавоб ба ғамхориҳои Пешвои миллат бо меҳнат ва талошҳои худ шогирдонро илм омӯзонам. Мебояд шогирдонеро тарбия намоем, ки дар онҳо дар руҳияи ҳувияти миллӣ, худшиносию худогоҳӣ, ватандӯстӣ ба камол расанд».

Бо дастури Сарвари давлат Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» қабул гардид, ки ҳар як фарди кишварро вазифадор менамояд, ки эҳтироми баланд ба омӯзгор дошта бошад. Ин дастгириҳо вазифаи мо-омӯзгоронро дучанд мегардонад, ки дар тарбияи шогирдон заҳмати бештар кашем.

Баъдан Рухшона фаъолияташро дар таълимгоҳе, ки худ ёздаҳ сол таҳсил карда буд, идома бахшид. Рухшона Мукумова аз зумраи омӯзгоронест, ки ҳамсолу ҳамкадами даврони истиқлол аст.

Рухшона ҳоло аспиранти Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров буда, ба пажуҳиши илмӣ низ машғул аст. Ба ӯ дар ин ҷода комёбиҳо орзумандем.

Матлуба ТОҶИБОЕВА,
омӯзгори гимназияи №5-и
шаҳри Истаравшан

Даври шаҳрии озмуни ҷумҳуриявӣ

Дар шаҳри Кӯлоб даври дуюми Озмуни ҷумҳуриявии «Шоҳномахонӣ» баргузор шуд.

Озмуни мазкур 13 апрели соли 2026 дар Китобхонаи оммавии вилояти Хатлон ба номи Садриддин Айнии шаҳри Кӯлоб оғоз гардид. Дар он муовини раиси шаҳри Кӯлоб Даминзода Арафамо, аҳли маориф ва омӯзгорону иштирокчиён ширкат доштанд.



Таъкид гардид, ки озмуни мазкур ҷиҳати ҷалби қишрҳои мухталифи ҷомеа, бахусус, наврасону ҷавонон ба омӯзиши асари безаволи «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ роҳандозӣ шуд. Ин ташаббус имкон фароҳам меорад, ки мардум ба таъриху фарҳанг ва диловариҳою қаҳрамониҳои гузаштагони халқи тоҷик ошно гардида, ба таҳкими худшиносии миллӣ, эҳёи арзишҳои таърихӣ ва баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ дар байни омма мусоидат мекунад.

Дар ин озмун хонандагон, донишҷӯён, магистрантон, унвончӯён, докторантон, ходимони илм, омӯзгорон, кормандони касбу кори гуногун иштирок намуда, беҳтаринҳо ба даври навбатӣ роҳхат гирифтанд.

Худододи ИСЛОМ,
«Омӯзгор»

Варзишгарони дастаи мунтахаби Тоҷикистон оид ба гӯштини ҷудо аз Чемпионати Осиё–2026 соҳиби 5 медал гаштанд.

БАРОИ ДАРЁФТИ ҶОИЗАИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

ШОИРЕ НАВАНДЕШУ ТОЗАБАЁН

(Зикре чанд дар ҳошияи китоби Давлати Раҳмониён «Номаи офтоб», Душанбе, 2024. – 328 с.)

Дар даврони кунунии рушди адабиёти тоҷик шеъру суханварӣ ба марҳалае ворид шудааст, ки ҷаҳонишавӣ, тағйири ҷаҳонбинӣ ва таҳаввули шаклу мазмун зуҳури насли шоирони навгӯро ба бор овардааст.

Яке аз чунин шоирон Давлати Раҳмониён мебошад, ки бо сабки хос, тафаккури амиқи фалсафӣ ва нигариши тоза ба воқеияти иҷтимоӣ дар адабиёти муосири тоҷик мақоми махсусро ишғол мекунад.

Осори ӯ идомадиҳандаи суннатҳои классикии шеъри тоҷик ва ҳамзамон, инъикосгари руҳия, мушкилот ва ормонҳои инсон дар ҷомеаи имрӯз мебошанд.

Мазмуну мундариҷа ва мавзуоти шеъри ин шоири тозагӯ хеле густарда аст.

Ватан ва ифтихори ватандорӣ. Ин мавзуъ дар эҷодиёти Давлати Раҳмониён ҷойгоҳи меҳварӣ дорад. Дар шеъри шоир дилбастагӣ ба Ватан ҳамчун арзиши муқаддас ва тақдирсоз таҷассум мешавад. Ватан дар тасаввури ӯ бо нозуктарин ва ҳамзамон, пурқувваттарин торҳои эҳсоси инсонӣ пайванд гашта, ба пояи худшиносӣ ва ҳастии маънавии шахс таъсир мегузорад. Шоир бо забони дилу ҷон аз Ватан мегӯяд:

Азбас сухани Ватан зи ҷонам хезад,
Ҷон аст, ки медамад ба ҷисми суханам.

Воқеан, дар марҳалаи кунунии таърихӣ, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол пас аз садсолаҳо Истиқлоли давлатии худро барқарор намуд, мавзуи Ватан дар шеъри тоҷик бо ҷилои тоза зуҳур кардааст. Дар ин замина, худшиносии миллӣ, эҳсоси масъулият дар назди сарзамин ва ифтихор аз давлатдории миллӣ ба як унсури фаъол дар тафаккури бадеии шоир табдил ёфтааст.

Тараннуми Ватан дар ашъори Давлати Раҳмониён, пеш аз ҳама, эъломи мавқеи шаҳрвандӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ мебошад. Шоир мегӯяд:

То дар тани ман асар бувад аз рамақе,
Ҷуз дар раҳи миллату Ватан ҷон наканам.

Аз нигоҳи ғоявӣ мазмуни ватандорӣ дар шеъри шоир омодагӣ ба фидокорӣ ва ҳимояи арзишҳои миллӣ низ ҳаст:

Беҳин коре, ки танҳо метавон
бо нархи ҷон кардан,
Ватандорӣ, ватандорӣ, ватандорӣ,
ватандорист.

Ба бовари шоир, ватандорӣ масъулият ва рисолати шаҳрвандӣ аст. Шоир бо такрори калимаи «ватандорӣ» таъкид мекунад, ки ҳифзи Ватан болотарин арзиши ахлоқӣ ва инсонӣ мебошад.

Агар дасташ биёзад сӯйи меҳан,

Худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ. Дар адабиёти муосири мо масъалаи худшиносӣ ҳамчун меҳвари асосии тафаккури адабӣ мавқеъ пайдо кардааст.

Дар ашъори Давлати Раҳмониён масъалаҳои рӯзмарраи инсон, дарди ҷомеа, худшиносӣ ва ҷустуҷӯи маънӣ бо ҳам омехта шуда, як низоми мукаммали ғоявиро шакл медиҳанд. Шоир бо такя ба таҷрибаи зиндагӣ ва эҳсоси баланди масъулияти иҷтимоӣ тавонистааст мавзуъҳоро аз баёни одӣ берун бароварда, онҳоро ба тафаккури фалсафӣ ва худогоҳии миллӣ расонад. Аз ҳамин ҷост, ки ватандорӣ дар ашъори ӯ ҷузъи ҷудонопазири худшиносии инсонӣ ва миллӣ маҳсуб мешавад.

Ин худшиносӣ дар пайванди амиқ бо фарҳанг, таърих ва ҳикмати миллӣ ифода меёбад.

Ватан аз нигоҳи шоир маҷмуи арзишҳои таърихӣ, зебоӣ ва ҳикмати халқӣ мебошад. Ҳамзамон, дар шеъри Давлати Раҳмониён худшиносии ватандӯстона аз «ман»-и шоир бурун омада, дар «мо»-и хонанда низ таҷассум меёбад:

Ишқи ман бар Ватан далели ман аст,
Ҷашмаи кӯҳ Салсабили ман аст.
Аз канораш намекунад дурам,
Хоки аҷдоди ман кафили ман аст.

Шеърҳои ҳувият ва ифтихори миллӣ дар эҷодиёти шоири хушзавқ аз дӯстдорӣ ва муҳаббати ҷовидонааш нисбат ба меҳани азиз илҳоми тоза ба даст меорад.

Наврӯз, баҳор ва зиндагӣ дар шеъри Давлати Раҳмониён ҳамчун рамзи эҳё, идомаи ҳастӣ ва навшавии маънавии инсон мавқеи муҳим дорад. Шоир Наврӯзро ба сифати падидаи фарҳангӣ, фалсафӣ ва шинохти ҳастӣ ба тасвир мекашад, ки он бо мафҳумҳои покӣ, рӯшанӣ ва зиндагӣ пайванди ҷовидонӣ дорад:

Бо гули сурх барфурӯз аз хеш
Гулхани ҷовидонаи Наврӯз.

Наврӯз дар шеъри шоир рамзи ҳаёт, муҳаббат ва идомаи ҳастӣ аст, ки қудрати зиндагисоз дорад. Ин тасвирҳо ба анъанаҳои рамзии адабиёти классикии мо такя намуда, дар баробари ин, бо маънои тоза ва оҳанги муосир ифода ёфтааст:

Имсол, ай баҳор, биё, рӯ ба ман бикун,
Дар ҷони ман барои ҳамеша ватан бикун.

Муколамаи шоир бо баҳор ҳолати интизори маънавӣ ва ниёз ба эҳёро ифода мекунад. Баҳори шоир рамзи умеду бозгашт ба асл мебошад. Наврӯз ва баҳор дар шеъри Давлати Раҳмониён бо мафҳуми зиндагӣ сахт пайванд аст ва бо худшиносӣ, ватандӯстӣ ва ҷаҳонбинии инсондӯстонаи шоир омезиш меёбад.

Ишқу садоқат. Ишқ аз оғози ҳастии инсоният баҳонаи зебое барои зистан буд ва то имрӯз низ ҳамин рисолатро ба дӯш дорад. Дар ашъори Давлати Раҳмониён ишқ асоси ҳастӣ ва зиндагист:

Бар шиори дигаре рабте надорад шеъри ман,
Зинда бодо ишқ! - баҳри ин шиорам зодаанд.

Ин иқрори шоир собит мекунад, ки тамоми эҷодиёти ӯ бо ишқ, муҳаббат ва эҳсоси самимӣ пайванд дорад. Ишқ барои шоир кимиёест, ки дил ва руҳи инсонро такмил медиҳад, чунонки дар байти зерин таҷассум ёфтааст:

Ишқи ту кимиёст, ки барги дили маро
То сиккаи тило шуданаш зард мекунад.

Ҳамчунин, ишқ аз нигоҳи шоир тавони бартараф кардани хузн ва пур кардани дил бо нур ва гармиро дорад:

Чун ишқи тоза хайма бизад бар дили ҳазин,
Бар ҳар чи хузн дошт, дил афшонд остин.

Тасвири ишқ дар ашъори шоир, ҳамзамон, фазои зиндагиро равшан мекунад ва эҳсоси набудани муҳаббатро ҳамчун холигӣ ва бемаъно будани ҳаёт нишон медиҳад:

Ай ишқ, маро дӯзахи хуштар зи биҳиштӣ,
Бигзор, кашам ранҷи ту то рӯзи қиёмат!

Хулосаи мазмунӣ ва ғоявии ашъори ошиқонаи Давлати Раҳмониёнро бо як сатри самимӣ метавон шинохт: «Туро ман дӯст медорам!». Ин ҳарфҳо умқи фалсафӣ ва эҳсоси шеърҳои ошиқонаи шоир аст, ки ишқро муъҷизаи зиндагӣ мешиносад.

Навандешӣ ва баёну ифодаи тоза. Ин тамоюл дар ашъори Давлати Раҳмониён ба таври возеҳ мушоҳида мешавад. Ӯ бо истифодаи нозукбинонаи маъно, мувофиқати табиии вожаҳо, баёни фасеҳ, ташбеҳҳои зинда ва таъсирбахш ба шуури хонанда тахайюл ва тасвири дарёдмонданиро пешниҳод месозад.

Баёну ифодаи тоза ҳамчун унсури асосии ҷаҳонбинии шоир дар эҷодиёти ӯ пайваста ба назар мерасад. Ҳолат, маъно ва баёни андеша дар ашъори Давлати Раҳмониён ҳамеша тоза ва нав буда, хонандаро водор мекунад, ки ба фаҳмиши амиқи ҳаёт ва маънои зиндагӣ бирасад. Шоир бо нигоҳи шоирона ва тахайюли ғайриинтизор тасвир мекунад:

Баҳор дар тағаззулам радиф лола мешавад,
Чакида аст хуни дил ба пардаи хаёли ман.

***

Аз тулуи ту дилам хуш буд, ай шиқи баланд,
Офтобо, ин қадар зуд аз сари ман меравӣ!



Ин тасвирҳои шоир нишон медиҳанд, ки навоварӣ ва таъсирбахшии шеър дар истифодаи образҳои маънавӣ ва табиӣ ба қавӣ будани таҷрибаи инсонӣ пайвастагӣ доранд. Шоир бо омезиши фасоҳат, навоварӣ, истифодаи тасвирҳои зинда ва нозукиҳои маъно хонандаро водор мекунад, ки ба дарки амиқтари воқеият ва арзишҳои зиндагӣ бирасад.

Сувари хаёл ва санъатҳои бадеӣ. Сувари хаёл дар ашъори Давлати Раҳмониён бисёр руҳнавоз ва таъсиргузор ҷилва мекунад. Олами тасвирҳои бадеии ӯ фарох буда, аз поэтикаи ҳуруф оғоз ёфта, то масъалаҳои муҳимми ҳунари шеърро дар бар мегирад. Аз калимасозиву ибораорой ва таркиббандӣ гирифта, то таносуби ҷузъҳои шеър дар байт, ҳамоҳангии мисраъҳо, мутаносибияти куллии шеър, мувозинати шаклу маъно, ҳусни оғозу анҷом, забон ва фазои эҷодӣ ҳама бо нозукбинӣ ва маҳорати хос риоя шудаанд:

Андӯҳ чунон тегзан омад, ки ба кӯшиш
Солим набарам аз кафи ӯ лахти ҷигарро.

Ин таносубу ҳамоҳангӣ, чи дар қолабҳои суннатии шеър ва чи дар шаклҳои нави он ба равшанӣ эҳсос мегардад. Метавон гуфт, ки шоир дар баробари навовариҳои маънавӣ, дар тозакориҳои зоҳирӣ низ тавоно буда, ҳунари волои ӯ, махсусан, дар калимаофаринӣ ва иборасозӣ барҷаста намоён мешавад, ки «сиришк дона кардан», «тифли ятими ғусса», «чашми субҳи зиндагии шаб», «варақи субҳи умед», «шукуфаи субҳ», «пари мурғи саҳар», «сари ангушти марг», «тоблуи борон», «домани рӯз», «лаби гулғунчаи тар», «лабони дӯхта», «дари чашм», «хатти ҷалии алифбои ожанг», «қомати сабзи падар», «иқболи ишқандӯз», «яқаи даридаи дил», «дасти мижа», «домани дил» муште аз хирвори пурбор мебошанд.

Яке аз сифоти шеъри Давлати Раҳмониён дар он аст, ки ӯ андешаву афкори худро тавассути тасвирҳо ва санъатҳои бадеӣ ҳунармандона баён мекунад. Мутаваҷҷеҳ мешавем ба байти зер:

Пиндоштам, ки дар таби хокистари дилам
Сар мекашӣ чу шуълаву хомӯш мешавӣ.

Санъатҳои лафзиву маънавӣ дар ашъори ӯ ҷойгоҳи вижа доранд. Шоир бештар ба санъатҳои маънавие чун ташбеҳ, талмеҳ, ташхис, тазод ва муқобала, ирсоли масал, истиора ва муболиға рӯ меоварад ва онҳоро бо маҳорати баланд ба кор мегирад.

Аз шинохти бозтоби маънӣ ва ҷанбаҳои ҳунарии шеъри Давлати Раҳмониён дар ҳошияи китоби «Номаи офтоб» метавон ба чунин натиҷа расид, ки эҷодиёти шоир дорои ҷаҳонбинии равшан, андешаи амиқи фалсафӣ ва эҳсоси баланди миллӣ мебошад.

Аз ин рӯ, китоби «Номаи офтоб» намунаи камолоти ҳунарии шоир аст, ки саҳми арзандае дар ғанисозии шеъри муосири тоҷик мегузорад ва арзандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мебошад.

Сурайё ҲАКИМОВА,
номзади илмҳои филологӣ

ЧАШМАНДОЗ



МАОРИФИ ҶАҲОН

Афзоиши норасоии омӯзгорон

Тибқи маълумоти ЮНЕСКО, то соли 2030 дар ҷаҳон 44 миллион омӯзгор лозим мешавад. Дар айни замон, теъдоди омӯзгорони аз 50-сола боло меафзояд. Ҳамзамон, дар ҷаҳон тарки касби омӯзгорӣ мушоҳида мешавад. Кишварҳо кӯшиш мекунанд, ки ин мушкилро бо роҳҳои гуногун ҳал намоянд, аз ҷумла, тавассути зиёд намудани музди меҳнат.

Венгрия маоши омӯзгоронро ба ҳисоби миёна 21,2% зиёд кард ва ин афзоишро ба низоми нави баҳодиҳиҳӣ вобаста намуд.

Латвия дастгирии омӯзгорони ҷавонро васеъ намуд: хатмкунандагон метавонанд то ду сол пас аз гирифтани диплом барои кумак муроҷиат кунанд. Барнома роҳнамой, иштирок дар гурӯҳҳои рушди касбӣ ва стипендияи ҳармоҳаро дар бар мегирад. Ҳамзамон, кор барои осон кардани воридшавӣ ба касб идома дорад.

Чин барномаи «Синни нукра»-ро амалӣ мекунад: дар соли 2025 ҳафт ҳазор омӯзгори ботаҷриба ва нафақахӯрро ба деҳот, ноҳия ва шаҳрҳои хурд фиристоданд ва ба онҳо маблағи дастгирӣ доданд. Омӯзгорони нафақахӯр ба омӯзгорони ҷавон роҳнамо мешаванд ва барои ин ба нафақаи онҳо иловапулӣ дода мешавад.

Дар **Шветсия** низоми ягонаи миллии рушди салоҳиятҳои тарбиядиҳандагон, омӯзгорон ва директорони мактабҳо амал мекунад, ки он сатҳҳои тахассус, талабот ба мазмуни барномаҳо ва заминаи илмии онҳоро дар бар мегирад.

Дания ислоҳоти омодасозии омӯзгоронро оғоз намуд, ки ба баланд бардоштани сифати барномаҳо ва ҷалби бештари довталабон, аз ҷумла, калонсолон равона шудааст.

ЮНЕСКО: ҳар шашум кӯдак дар ҷаҳон имкони рафтан ба мактабро надорад

Бино ба маълумоти ЮНЕСКО, дар ҷаҳон аллакай ҳафт сол аст, ки шумораи кӯдаконе, ки имкони гирифтани таҳсил надоранд, зиёд мешавад. Дар соли 2024 тақрибан 273 миллион кӯдак ва наврас имкони рафтан ба мактабро надоштанд, яъне, ҳар шашум ноболиғ дар сайёра аз низоми таҳсил хориҷ шудааст.

Танҳо ду аз ҳар се наврас таҳсилоти миёнаи пурраро ба анҷом мерасонанд. Сабабҳои асосии чунин вазъият афзоиши аҳолӣ, бухронҳо ва коҳиш ёфтани маблағгузорӣ ба соҳаи маориф мебошанд.

Хусусан, вазъи гирифтани таҳсил дар минтақаҳои даргирӣ номусоид аст. Ҳамзамон, шумораи воқеии кӯдаконе, ки аз таҳсил маҳруманд, метавонад бештар бошад.

Таҳияи Н. ОХУНЗОДА,
«Омӯзгор»

18 апрел бахшида ба Рӯзи пойтахти Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе ниммарафони XVI байналмилалӣ баргузор шуд.

Шароаи кина ҳар ҷо шуълакор аст,
Агар кӯҳсор бошад, пунбазор аст.
Абдулқодири Бедил

ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

«Рушди маориф дар замони Истиқлоли давлатӣ»

Ҳафтаномаи «Омӯзгор»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ифтихори ҷашни бузурги таърихӣ – 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бо ҳадафи тавзеҳу баррасию муаррифии густардаи марҳалаҳои рушди маорифи ҷумҳурӣ ва тавсифи дастоварду навгониҳои соҳа барои беҳтарин асарҳои публитсистӣ таҳти унвони **«Рушди маориф дар замони Истиқлоли давлатӣ»** озмун эълон мекунад.



Навиштаҳо бояд инъикосгару тавзеҳбахши сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, корномаи аҳли маориф дар самти пойдории Истиқлоли давлатӣ ва марҳалаҳои рушди маорифи мамлакат дар арсаи ҷаҳонӣ, ҳаводиси муассиру хотирмон вобаста ба ислоҳоти соҳа, тозакорию навгониҳо дар соҳаи маориф, фаъолияти фидокорони соҳа, комёбиҳои таълиму тарбия ва амсоли инҳо бошанд.

Ба навиштаҳое, ки саҳеҳу муъҷазу навоварона эҷод шуда-анду забони шевою пуробуранг, таҳлилу пешниҳодҳои судманд, андешаҳои ҷолиб доранд ва дар онҳо умумигӯию якрангӣ ба мушоҳида намерасад, афзалият дода мешавад.

Ҳаҷми мақолаҳо набояд аз 4 саҳифаи чопи компютерӣ (ҳарфи Times New Roman, андозаи 14, интервали 1) зиёд бошад. Дар сурати ба инобат нагирифтани ин талабот, нигоштаҳо ба чоп иҷозат дода намешаванд.

Озмун аз рӯзи эълон шуданаш то 20 августи соли 2026 идома меёбад ва дар арафаи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ (09.09.2026) ҷамъбаст мегардад.

Мукофотҳо барои ғолибон:
Ҷойи 1 – 7 000 сомонӣ
Ҷойи 2 – 5 000 сомонӣ
Ҷойи 3 – 3 000 сомонӣ

Ғолибон, ҳамчунин, соҳиби ифтихорнома ва тухфаҳо хоҳанд шуд. Гулчини мақолаҳо дар шакли китоби алоҳида ба табъ мерасад.

«Улуғзода – таблиғгари ормонҳои миллӣ»

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар ҳамбастагӣ бо ҳафтанмаи «Омӯзгор»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати 115-солагии адиби маъруф, Нависандаи халқии Тоҷикистон Сотим Улуғзода барои беҳтарин мақолаҳо таҳти унвони «Улуғзода – таблиғгари ормонҳои миллӣ» озмун эълон мекунад.

Дар мақолаҳо бояд бештар ба моҳияту муҳтавою махсусиятҳои эҷодиёти адиб (ба вежа, инъикоси мавзуъҳои ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва асолати таърихӣ дар осори нависанда), нақши адиб дар такомули адабиёти тоҷик, ҷанбаҳои фаъолият ва лаҳзаҳои ҷолиби ҳаёти ӯ таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад. Аз бозгӯи тарҷимаи ҳоли адиб ва суханони умумию такрор худдорӣ бояд кард.

Ба мақолаҳое, ки дар баробари мавзуи тозаву ҷолиб забони шевою хушобуранг доранд, афзалият дода мешавад. Нигоштаҳо метавонанд илмӣ, илмию оммавӣ, публитсистӣ, ёддоштӣ, методӣ ва ё такризу мусоҳиба бошанд.

Озмун аз рӯзи эълон шуданаш то охири моҳи август идома меёбад ва дар арафаи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон ҷамъбаст мегардад.

Мукофотҳо барои ғолибон:
Ҷойи 1 – 3000 сомонӣ
Ҷойи 2 – 2000 сомонӣ
Ҷойи 3 – 1000 сомонӣ



Таъкид:
Мақолаҳо набояд аз 3-4 саҳифаи чопи компютерӣ (ҳарфи Times New Roman Tj, андозаи 14, интервали 1) зиёд бошанд. Дар акси ҳол, маводи пешниҳодшуда ба озмун роҳ намеёбанд. Маҷмуи мақолаҳо дар шакли китоби алоҳида чоп мешавад.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, ҳафтаномаи «Омӯзгор»

ЭЪТИРОФ



Соли ҷорӣ бо ибтикори роҳбарияти вилояти Хатлон ва филиали Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар шаҳри Бохтар Рӯзи матбуоти тоҷик мутантан таҷлил гардид.

Боиси ифтихор аст, ки дар ин рӯзи хотирмон нависанда ва рӯзноманигори шинохта Сипеҳр Абуабдуллоҳи Ҳасанзод бо китоби гулчини қиссаҳо ва ҳикояҳояш «Фарёди сукут» ба дарёфти Ҷоизаи адабии ба номи Носири Хусрав сазовор гардид.

Фаъолияти мавсуф аз нашрияҳо оғоз ёфта, бо таълифи хабару мақола, очерку ҳикоя ва қиссаву романҳо зина ба зина такомул ёфтааст. Намунае аз чакидаҳояш дар маҷаллаи «Садои Шарқ», нашрияҳои «Ҷумҳурият», «Садои мардум», «Минбари халқ», «Омӯзгор», «Адабиёт ва санъат» ба табъ расида, аз тариқи барномаҳои адабии Радиои Тоҷикистон шунавонида шудаанд.

Маҷмуаҳои насрии нависанда бо номҳои «Боздид», «Парастуҳои саҳна», «Чакомаи шоҳи ирфон», «Бозгашти аспи даҳмарда», «Офтобо, ба ғуруб марав...», «Гулхани сабз», «Дарёдилеву соҳиле...», «Ҳадиси ватандорӣ» (бо 7 забон), «Кӯдак ва парвона» (барои кӯдакон ва наврасон), «Чароғи ҳидоят», «Турнаҳои мусофир», «Фарёди сукут» ба дасти ҳаводорони каломи бадеъ расидаанд. Ҳамзамон, дар таҳияи филмҳои мустанади «Ғаввоси уқёнуси илм», «Гиряҳои хуршедӣ», «Ҳикмати гӯё», «Саричашма», «Писарак», «Падар» саҳм гузошта, як силсила мақолоти публитсистӣ низ навиштааст.

Адабиётшинос доктори илми филология Шамсиддин Солеҳ менигорад, ки китоби адиб Сипеҳр Абуабдуллоҳи Ҳасанзод

Адиби дардошно

«Фарёди сукут» аз қиссаву ҳикояҳои дилчасп иборат буда, аз тарафи доираи васеи хонандагон истиқболи гарм дарёфтааст. Муҳтавои ин асарҳо, дар баробари ҷолибу муҳим будан, бо сабку лаҳни хосу ширин баён мегардад. Масалан, дар қиссаи аввал муҷассамаи бадеии модар меистад. Масъалаи доғе, ки Сипеҳр пешорӯи мову шумо мегузорад, одиву сар-сарӣ нест. Ин ҷилавгирӣ аз ҳаёти як фарди азизу нотавонмондаест, ки дар чорсӯи умр аз ҳамҷинсонаш имдод мехоҳад.

Ҳикояи ҳамноми китоб «Фарёди сукут» ба мавзуи оила ва тарбияи насли наврас бахшида шудааст. Мутолиаи он собит менамояд, ки нависанда мавқеи устувори ғоявию маънавӣ ва ахлоқӣ дорад ва дар ҳар як асари хурду бузургаш мекӯшад, ки аз меъёрҳои ахлоқи солим берун наравад.

Сипеҳр Абуабдуллоҳи Ҳасанзод узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи адабии ба номи Садриддин Айнӣ, барандаи Ҷоизаи ИЖТ ба номи Абулқосим Лоҳутӣ буда, бо нишонҳои «Аълочии матбуоти Тоҷикистон», «Аълочии фарҳанги Тоҷикистон», «Аълочии телевизион ва радиои Тоҷикистон», «Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон», «100-солагии матбуоти тоҷик», «Аълочии хадамоти гумрук», «20-солагии хадамоти гумруки Тоҷикистон» қадрдонӣ шудааст.

Гулчини ҳикоёт ва публитсистикаи нависанда бо забонҳои русӣ, англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ, форсӣ, белорусӣ, арабӣ, марӣ ва узбекӣ чоп шудаанд.

Намунаи осори адибони ҷаҳонӣ Лев Толстой, А. П. Чехов, Михаил Мишеведзе, В. Распутин, В. Шукшин, Ион Лука Караҷале, Юрий Артамоновро ба тоҷикӣ тарҷума намудааст.

Бо унвони Корманди шоистаи Тоҷикистон, медали Хизмати шоиста қадрдонӣ шудааст.

Бо иқдоми роҳбарият ва кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон «Китобномаи шарҳиҳолӣ»-и нависанда Сипеҳр Абуабдуллоҳи Ҳасанзод таҳия ва чоп шудааст. Ин аз як тараф, натиҷаи заҳмати адиби ҷӯянда бошад, аз сӯйи дигар, эътибори адабиётшиносон, мунаққидон ва суханшиносон ба эҷодиёти ӯст.

Ҳоло нависанда Сипеҳр Ҳасанзод ба ҳайси роҳбари маҳфили адабии «Хирадмандон»-и Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти пурсамар дорад.

Мо, дӯстону ҳамқаламон, барояш тандурустӣ ва комёбиҳои тозаи эҷодӣ таманно дорем.

Баҳриддин ҲАБИБӢ,
фарҳангшинос

ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шаҳодатномаи гумшудаи №0407606, ки онро соли 2017 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №58-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Умарова Омина Дилшодовна додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-АТА №1529722, дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 2023 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №31-и ноҳияи Шоҳмансур ба Саидова Шукрона Зафаровна додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-АТУ №1178907, ки онро соли 2023 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №26-и ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ ба Исмоилзода Мунисаи Муродбек додааст, эътибор надорад.

ҲАФТАНОМА АЗ 28-УМИН ШОЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД
ОМӮЗГОР
НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

МУАССИС
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Эҳсон САФАРЗОДА
225-81-55

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ
Раҳим САИДЗОДА
Анвар САФАРЗОДА
Ҳомид ҲОШИМЗОДА
Равшан КАРИМЗОДА
Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА
Бадриддин МУЗАФФАРЗОДА
Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА

«Омӯзгор» таҳти рақами 271/рз-97, аз 27.09.2021 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулиятро ба уҳда нагирад.

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5)-и ҳарфи Times New Roman Tj қабул менамояд.

ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ
Насриддин ОХУНЗОДА
(ҷонишини сармуҳаррир)
Шодӣ РАҶАБЗОД
Ҳотам ҲОМИДЗОДА 225-81-57
Шаҳноза БОБОМУРОДОВА
(муҳаррирон)

МУХБИРОН
Ирода ТИЛАБОВА
(шаҳри Душанбе)
Ҷангибеки УЛФАТШОҲ
(ВМКБ)
Сухроб АЗИЗӢ
Худододи ИСЛОМ
(вилояти Хатлон)
Нуъмон РАҶАБЗОДА
(вилояти Сугд)

Саодат ЭРГАШЕВА 225-81-61
(масъули обуна)
Зарнисор НИЗОМОВА
(хуруфчин)

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид.
Индекси обуна: 68850.
Адади нашр: 46150 нусха

Почтаи электронӣ:
n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома:
www.omuzgor-gazeta.tj

QR - коди сомонаи расмии нашрияи «Омӯзгор»

Навбатдори шумора
Ш. Бобомуродова